АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ВБД: 327.2(575.4)

Бо ҳуқуқи дастнавис

КАРИМОВ РАҲМАТУЛЛО РАМАЗОНОВИЧ

ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.4. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои сиёсӣ,
профессор С.З. Қувватзода

Душанбе - 2026

РЎЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

БРСММ – Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИҲЗО – Идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об

ИҶШС - Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

МУ СММ –Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид.

НБО – Неругоҳи барқи обӣ

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

СООУО - Саммити оби Осиё ва Уқёнуси Ором

СҶО – Созмон ҷаҳонии озуқаворӣ

ФООУО - Форуми оби Осиё ва Уқёнуси Ором

ФУО – Форуми умумиҷаҳонии об

ҲРУ – Ҳадафҳои Рушди Устувор

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШУО – Шурои умумиҷаҳонии об

ШҶО – Шарикии ҷаҳонии об

Мундариҷа

Рӯйхати ихтисораҳо..... 2
Муқаддима..... 4
Тавсифи умумии таҳқиқот..... 11
БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ СИЁСИЮ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ..... 19
1.1. Моҳияти ҷанбаҳои назариявии ташаккули дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси дипломатия..... 19
1.2. Заминаҳои табиӣ ва асосҳои амалии шаклгирии дипломатияи об дар шароити муосир..... 37
БОБИ II. ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОБӢ..... 63
2.1. Арзёбии ҷанбаҳои геополитикии амнияти обӣ дар шароити муосир..... 63
2.2. Ҷойгоҳи дипломатияи об дар таъмини амнияти обӣ дар шароити муосир..... 81
БОБИ III. МАСЪАЛАИ ОБ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН..... 98
3.1. Аҳаммияти дипломатияи об дар таҳкими имиҷи сиёсии Тоҷикистон..... 98
3.2. Дурнамои рушди дипломатияи об ва нақши он дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ..... 126
Хулоса..... 147
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот..... 149
Рӯйхати адабиёти истифодашуда..... 152
Интишороти довталаб 178

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Дар шароити муосири низоми сиёсии ҷаҳонӣ, ки бо сатҳи баланди тағйирпазирӣ ва афзоиши омилҳои таниш тавсиф мешавад, масъалаи таҳкими муколама ва рушди ҳамкории дипломатӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Ҳамзамон, густариши пайвастаи шаклҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ зарурати ҳамоҳангсозии талошҳои давлатҳоро бештар намоён сохта, асоси амнияти ҷаҳонӣ ва татбиқи ҳамаи ҳадафҳои вобаста ба рушди устувор мебошад. Дар ин иртибот ҳамкориҳои дипломатӣ ба василаи калидии муттаҳидсозии талошҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар бахшу соҳаҳои гуногун барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда мегардад.

Дар заминаи рушди сиёсию низомӣ ва иқтисодию фарҳангӣ ҳамбаста дипломатӣ низ рушд намуда, самтҳои нави ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар баробари ин, бо мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба захираҳои обӣ ва таъмини амнияти об дар миқёси ҷаҳон, мавзуи об тадричан ба яке аз самтҳои доимии рӯзномаи сиёсӣ ва муҳокимаҳо дар сатҳҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар доираи ин раванд, ҷиҳати дарёфти роҳҳои самараноки ҳалли масъалаҳои обӣ муколамаи сиёсӣ, ҳамгироии институтсионалӣ ва ҳамкориҳои бисёрсамта фаъолона роҳандозӣ мегарданд.

Чунин равиш боиси ба вуҷуд омадани самти нави фаъолияти дипломатӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ гардида, зери мафҳуми “дипломатияи об” ифодаи ҳамаҷонибаи худро пайдо намуда истодааст. Дипломатияи об самти нави фаъолияти дипломатӣ буда, аз қонуният ва хусусиятҳои хос таркиб ёфтааст. Бо афзалияти хос пайдо кардани масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи сиёсии ҷаҳонӣ таҳқиқи илмии “дипломатияи об” дар илмҳои сиёсӣ аз муҳимтарин масъалаҳо маҳсуб меёбад.

Имрӯз дипломатияи об дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун абзори муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва таҳкими ҳамкории давлатҳо

дар соҳаи идоракунии захираҳои обӣ фаҳмида мешавад. Ин гуна воқеияти объективии табиӣ ба миён омадани зарурати ҳамкории фарогир ва ҳамгироии муназзами байнидавлатии кишварҳои шомили ҳавзаи ягонаи обиро шарт мегузорад ва аҳаммияти таҳким бахшидани дипломатияи обро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Таъмини тавозуни баробари манфиатҳои ҷонибҳои дорои ҳавзаҳои муштараки обӣ, ки асоси онро ҳамкорӣ ташкил медиҳад шарти муҳимтарин таъмини субот дар минтақаҳои алоҳида ва кишварҳои гуногун мебошад.

Дар шароити имрӯза, бо афзоиши нақши захираҳои обӣ дар шаклгирии муносибатҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ ва табдил ёфтани он ба унсури таъсиргузори сиёсӣ, ниёз ба таҳқиқоти фарогир ва амиқи илмӣ дар соҳаи дипломатияи об бештар эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, баррасии назариявии мафҳум ва моҳияти дипломатияи об, омилҳои ташаккул ва вижагиҳои фарқкунандаи он, инчунин муайян сохтани ҷойгоҳ ва аҳаммияти ин падида дар низоми илмҳои сиёсӣ ва сохтори муносибатҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар ин радиф мубрамияти дигари масъала дар он ифода ёфтааст, ки дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи об ҷойгоҳи махсус дошта, пешбурди амалии он дар арсаи байналмилалӣ авлавияти доимӣ дорад.

Дар баробари ин, мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда бо омилҳои зерин шарҳ дода мешавад:

1. Таҳқиқи ҷойгоҳи омили об дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Омили об дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи муҳим дошта, ~~ҳамчун~~ яке аз заминаҳои ибтидоии пайдоиш ва ташаккули давлат ҳамчун ниҳоди калидии низоми сиёсии ҷомеа арзёбӣ мегардад. Дар баробари ин, фазои обӣ василаи асосии коммуникатсионӣ ва таъминкунандаи ҳампайвандии кишварҳо ва қитъаҳо маҳсуб ёфта, заминаи бунёдии рушди тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад. Аммо то кунун ин масъала дар илмҳои сиёсӣ ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор

нагирифтааст, ки дар шароити имрӯз омӯзиши ҳамаҷонибаи он аҳаммияти муҳим дорад.

2. Саҳмгузорӣ дар ҳалли мушкилоти норасоии оби тозаи ошомиданӣ дар арсаи ҷаҳонӣ. Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ, бо такя ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, нисбат ба мушкилоти глобалӣ бетараф буда наметавонад. Тоҷикистон бо пешниҳоди ташаббусҳои илман асоснок ва мавқеъгириҳои фаъол дар соҳаи об саҳми арзишманди худро дар таъмини дастрасии бештари аҳолии сайёра ба сарчашмаҳои бехатари оби ошомиданӣ мегузорад.

3. Ташаккули заминаи пешбурди масъалаҳои марбут ба об. Бо дарназардошти торафт мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба захираҳои обӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, таъмини ҳамгироӣ дар соҳаи об ҳамчун шарти муҳими ҳифз ва таъмини амнияти обӣ дар ҳамаи сатҳҳо арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, зарурати анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ва дарёфти василаҳо ва механизмҳои илман асосноки пешбурди дипломатияи об ба миён меояд.

4. Таҳқиқ ва коркарди василаҳои илман асоснокшудаи ҳифзи манфиатҳои обии кишвар дар пешбурди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ дар таъмини амнияти обӣ дар Осиёи Марказӣ мавқеи муҳим дорад. Амнияти об дар ин минтақа аз ҳифзи ҳамаҷонибаи захираҳои обии Тоҷикистон вобаста буда, дар шароити тағйирёбии иқлим, афзоиши талабот ба об ва коҳиш ёфтани захираҳои об дарёфти роҳҳои ҳифзи манфиатҳои обӣ яке аз шартҳои муҳими ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар ин соҳа ба ҳисоб меравад.

5. Мавқеъгирии минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи об. Бо мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба об дар сатҳҳои гуногун хатари ба вуҷуд омадани ихтилофҳо ва низоъҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар ҳавзаҳои ягонаи обӣ меафзояд ва рақобат барои дастрасӣ ба манбаъҳои об бештар мегардад. Ин ҳолат ба субот ва амнияти ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонида,

зарурати таҳияи консепсияҳои мушаххаси пешгирӣ ва ҳалли чунин мушкилотро ба миён меорад. Бо дарназардошти ин омилҳо, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавқеъ ва нақши Тоҷикистон, инчунин усулҳои пешбурди масъалаҳои вобаста ба об дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти хоса дорад.

6. Ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ҷиҳати ҳифзи захираҳои обии кишвар ва таъмини амнияти об дар минтақаи Осиёи Марказӣ. Амнияти об қисми таркибии дипломатияи обро ташкил дода, омӯзиши амиқи илмиро тақозо менамояд. Заминаи асосии таъмини амнияти обӣ дар Осиёи Марказӣ ҳифзи ҳамаҷонибаи захираҳои об, бахусус ҳифзи пиряхҳо, ки сарчашмаи асосии обҳои минтақа мебошанд, ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҳифзи пиряхҳо сармоягузории ҷиддиро талаб менамояд, ки ҷалби он дар доираи ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи об имконпазир аст ва василаи асосии таъмини чунин ҳамгироӣ маҳз дипломатияи об мебошад.

Ин омилҳо дар маҷмуъ зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷойгоҳи дипломатияи обро дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён оварда, баррасии амиқи моҳият ва аҳаммияти рушди дипломатияи обро дар арсаи байналмилалӣ муайян месозанд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Дипломатияи об аз мавзуҳое мебошад, ки то кунун мавриди таҳқиқи васеи илмӣ қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои алоҳидаи ин мавзуъ дар доираи мақолаҳои ҷудогона ва маърӯзаҳои сиёсии шахсони мансабдори сиёсӣ ва намояндагони ташкилоту созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ матраҳ гардидааст. Аммо, бо дарназардошти асосҳои таърихии он ва ҳамбастагии он бо масоили мухталифи сиёсӣ дар шароити муосир, адабиёт ва маводҳои дигари илмӣ ва меъёрии ба ин самт дахлдоштаро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд.

Ба гурӯҳи аввал баромадҳо, маърӯзаҳо ва пешниҳоду ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дохил гардидаанд [1-31]. Дар онҳо

самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақсадҳои асосии давлати муосири тоҷик, низоми татбиқи онҳо, инчунин роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои муҳимтарин ва мураккабтарини локалӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба таври равшан инъикос ёфтаанд.

Гурӯҳи дуюмро адабиёти таърихӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо таълимоти мухталиф вобаста ба истифодаи муштараки захираҳои об, таъмини ниёзмандон бо об, фарҳанги истифода ва муносибат ба об инъикос ёфтааст. Дар ин замина, пеш аз ҳама, таълимоти марбут ба истифода ва муносибат бо об дар фарҳанги ориёӣ, динҳои зардуштӣ, ислом ва фарҳанги исломӣ, инчунин асарҳои бунёдии таърихӣ истифода гардидаанд, ки дар онҳо раванди тӯлонии таърихии ташаккули маҷмӯи муносибатҳо бо захираҳои об, қобилияти истифода ва идоракунии онҳо асоснок карда шудааст.

Гурӯҳи сеюмро санадҳои сиёсӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ, ки муносибатҳои вобаста ба истифодаи захираҳои обиро танзим менамоянд, ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ инчунин қатъномаҳо ва эъломияҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи об, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва санадҳои қабулнамудаи ниҳодҳои минтақавию ҷаҳонӣ, ки сиёсати обиро татбиқ менамоянд, дохил карда мешаванд.

Гурӯҳи чорумро муҳаққиқони ватанӣ ташкил медиҳанд, ки таълифоти онҳо заминаи методологӣ ва консептуалии таҳқиқи масъалаи мазкурро фароҳам овардааст. Ба ин гурӯҳ корҳои илмии анҷомдодаи муҳаққиқон, аз ҷумла Г.Н. Зокиров [45, 46, 47, 48], С.С. Ятимов [65, 66], С.И. Шарипов [103], А.Ш. Қурбонов [110], М.У. Хидирзода [120], Р.Қ. Алимов [104], Ҳ.С. Саидов [117], Р.Ҷ. Ҳайдаров [119], Ш. Шоисматуллоев [64], З.М. Қурбонова [111], А. Холиқӣ, Н. Раҳимов [170], П.А. Маҳмадов [116], С.З. Қувватзода [53, 83, 112] ворид гардидаанд.

Гурӯҳи панҷуми адабиёти истифодашуда фарогири таълифоти олимону муҳаққиқоне мебошад, ки масъалаҳои гуногуни вобаста ба обро аз лиҳози

сиёсӣ таҳлил ва баррасӣ намудаанд. Ба ин гурӯҳ корҳои илмии анҷомдодаи Ҷ. Уотербери [167], В. Демидов [135], В. Каширин [49, 50], Д. Бабаян [124, 125], В.Г. Литуев [113], П.Х. Самедов [61], Ю.К. Абдулла [61], К.Г. Муратшина [156], В.И. Данилов-Данилян [133], К.С. Лосев [133], А.Ш. Джайлообаев [71], А.Я. Капустин [100], А.К. Карлиханов [82], А. Мансуров [58], С.Д. Махкамбаев [87], Г.Н. Петров [56, 98, 99], Ю.Х. Рисбеков [59], А. Молдобаев [154], Ҳ.А. Одинаев [90–97], А.Т. Салохиддинов [60, 165], Р.К. Икрамов [60, 165], М.Н. Тимирова [60], З.В. Кобулиев [78–81], Н.К. Носиров [89], Х.М. Ахмедов [56], В.А. Духовний, В.И. Соколов [43], У.И. Муртазаев, М.С. Мавлони [55], Р.Д. Маргерум, Д. Уиталл [182], Г. Ролл [163], Н.И. Горошков [41], Д.М. Маматканов, Ҳ.С. Сафиев, А.О. Аминҷонов, М.Б. Каримов [62], Л.В. Бажанова [150], А.Г. Бабаев, А.Р. Медеу, Х.М. Муҳаббатов, А.С. Салиев, Х.У. Умаров, А.А. Эргешов [68], К. Ларинов [148], Ю. Шадиметова [174], К.Л. Валентини, Э.Э. Оролбаев, А.К. Абилгазиева [37], Б. Садбаев [164], Н.Ф. Газаловский [39], О.А. Бояркина [105, 106], С.С. Жилтсов, И.С. Зонн [72], В.Л. Аваков, Н.К. Арбатова, В.Я. Гантман [32], Б.В. Коваленко, А.И. Пирогов, О.А. Рижов [51], Х. Хатами, П. Глейк [69, 70], Т. Ле-Хуу [84], А. Куртов [143], Н. Глебова [131], Я.Э. Пулатов [161], С. Раҳимов [162], А. Ибодуллозода [107], Ю.Х. Рисбеков [58], А.Б. Лихачева [114, 115], Г.Ч. Акунова [67], Д.Р. Зиганшина [139], М. Фалкенмарк [101], Л. Олссон [158], Т.А. Волф, Б. Шира Йоффе, М. Джордано [69], К. Фритсше, Г. Исаева, А. Маас, Л. Рюттингер [169] дохил карда шудаанд.

Таҳлил ва омӯзиши маҷмӯи адабиёти болозикр нишон медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба об ва омили об беш аз пеш ба муносибатҳои гуногунарсаи байналмилалӣ таъсиргузор гардида, зарурати таҳқиқи консептуалии дипломатияи обро нишон медиҳанд. Бо дарназардошти ин, таҳқиқи дипломатияи об ҳамчун самти нави муносибатҳои байналмилалӣ ва соҳаи нави фаъолияти дипломатӣ дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва илмӣ мебошад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ. Диссертатсияи номзадӣ дар асоси нишондодҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025–2030” аз 28 феврали соли 2025, №114 омода гардида, масъалаи мавриди таҳқиқ ба гурӯҳи масъалаҳои муҳими сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ ва рушди давлатдории миллӣ нигаронида шудааст. Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи нақшаи дурнамои фаъолияти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа ва Маркази омӯзиши “Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқотро мушаххас намудани ҷойгоҳи дипломатияи об ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки амалияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои таҳкими муносибатҳои дипломатӣ дар соҳаи об дар шароити тағйирёбии иқлим ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Вазифаҳои таҳқиқот барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда нигаронида шуда, онҳо аз бандҳои зерин иборат мебошанд:

- мавриди таҳқиқ ва арзёбии назариявӣ қарор додани дипломатияи об ва раванди ташаккулу рушди он ҳамчун самти нави фаъолияти дипломатӣ;
- таҳқиқи заминаҳои табиию амалӣ, ки асоси шаклгирии дипломатияи об дар шароити имрӯз маҳсуб меёбанд;
- баррасии хусусиятҳои геополитикии амнияти обӣ дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ;
- таҳқиқи ҳамбастагии дипломатияи об бо амнияти об дар шароити имрӯз;
- таҳқиқи ҷойгоҳи дипломатияи об дар таҳкими имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ;
- таҳлили ҷанбаҳои сиёсии идоракунии захираҳои об ва таъсири онҳо ба таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ.

Объекти таҳқиқот дипломатияи об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва фаъоли равобити сиёсию дипломатӣ мебошад.

Предмети таҳқиқот омӯзиши масъалаҳои асосии ташаккули дипломатияи об ва бартарии он дар татбиқи сиёсати давлатии таъмини амният ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Фарзияи таҳқиқот. Мушкилоти вобаста ба об аз мураккабтарин масъалаҳои ҷаҳони имрӯз маҳсуб ёфта, ба рушду тараққиёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа таъсири мустақим мерасонад. Захираҳои об дар сатҳи

сайёраи Замин нобаробар ҷойгир буда, аксари давлатҳои ҷаҳон миёни ҳам вобастагии зиёди обӣ доранд.

Бо дарназардошти ин омил, масъалаҳои вобаста ба об дар сиёсати хориҷии давлатҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҳамаҷониба дошта, зарурати ҳамкориҳои гуногунарсаро вобаста ба истифодаи самаранок ва муштараки захираҳои об дар доираи принсипҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамсоягии нек ва рафоқат тақозо менамоянд. Дар ин замина, дипломатияи об аҳаммияти ҳамаҷонибаи ҳаётӣ пайдо намуда, тақвияти ҳамаҷонибаи он дар пешбурди сиёсати хориҷии давлатҳо зарур мебошад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот мубрамияти дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Инчунин, таҳқиқи заминаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули дипломатияи об, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он, таъсири омили об ба муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, зарурати таҳқиқи илмии мушкилоти вобаста ба об ва таъсири манфии он ба муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти ҷаҳонӣ, инчунин таъмини ҳамгироӣ дар соҳаи об аҳаммияти назариявии онро нишон медиҳад. Дар раванди таҳқиқот аз методҳои таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, таҳлил ва синтез ба таври васеъ истифода гардидааст, ки имкон дод дар асоси сарчашмаҳои расмӣ ва илмӣ, маводи иттилоотӣ ва оморӣ, инчунин коркарди консептуалии олимону мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ омӯзиши маҷмӯӣ ва динамикии объект ва предмети таҳқиқот анҷом дода шуда, унсурҳои муҳимтарин ва муносибатҳои онҳо муайян карда шаванд. Бо назардошти фароилмӣ будани масъалаҳои вобаста ба об аз методҳои байнифаннӣ низ истифода гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бо дарназардошти торафт мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи ҷаҳонӣ, таъмин ва тақвияти ҳамгироӣ дар соҳаи об беш аз ҳар вақти дигар зарур мебошад. Ҳамзамон, навгонии илмии таҳқиқоти анҷомёфта тавассути нуқтаҳои зерин асоснок карда мешавад:

− бори нахуст дар илмҳои сиёсӣ дипломатияи об аз лиҳози назариявӣ таҳқиқ гардида, назарияҳои гуногун дар шакли мукаммал мавриди арзёбӣ қарор гирифта, қоидаи нави дипломатияи об пешниҳод шудааст;

- заминаҳои пайдоиш ва рушди дипломатияи об муайян ва асоснок карда шудаанд;

- хусусиятҳои геополитикии масъалаҳои вобаста ба об ошкор ва дар заминаи воқеияти муосир асоснок карда шудаанд;

- ҷойгоҳи дипломатияи об дар таъмини амнияти об дар шароити имрӯз муайян карда шудааст;

− муайян намудани нақши дипломатияи об дар раванди таъмини амнияти об дар шароити имрӯза;

− омӯзиш ва таҳлили раванди ташаккули дипломатияи об ва аҳаммияти он дар тақвияти имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

− мушаххас намудани ҷанбаҳои сиёсию маъмурии идоракунии захираҳои об ва нақши онҳо дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Об дар таъмини ҳамгироӣ ва муттаҳидии ҷомеа ҷойгоҳи махсус дошта, нахустзаминаи баҳамоии қабилаҳо ва халқу миллатҳо дар даврaҳои ибтидоӣ ва баъдии таърихӣ маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки нахустин шаклҳои шаҳрнишинӣ, давлатдорӣ ва тамаддунҳои башарӣ асосан дар канори дарёҳо, баҳрҳо ва уқёнусҳо пайдо шуда, тадриҷан рушд ёфтаанд. Дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ ҷомеаи башарӣ ҳамеша барои такмил додани усулҳо ва иқтидорҳои идоракунии захираҳои обӣ талош намудааст. Ин раванд ба ташаккули низомҳои ирригатсионӣ мусоидат карда, дар натиҷа заминаи рушди тамаддуни кишоварзӣ ва пешрафти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа фароҳам омадааст. Ҳамзамон, идоракунии захираҳои об, бахусус бунёд ва рушди инфрасохтори ирригатсионӣ, ҳамкории ҳамоҳангшуда ва иштироки дастаҷамъонаи ниҳодҳои гуногунро талаб менамояд. Маҳз ҳамин омил боиси

таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ, густариши ҳамзистии осоишта ва рушди ҳамкориҳои мутақобила миёни гурӯҳҳо ва халқҳои гуногун гардидааст.

2. Тибқи маълумот, 153 кишвари ҷаҳон дорои ҳавзаҳои ягонаи обӣ мебошанд ва омили об онҳоро ба таври табиӣ ба ҳам мепайвандад. Ин пайвандӣ заминаи ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ вобаста ба истифодаи муштарак ва оқилонаи захираҳои оби ҳавзаҳои ягонаи обӣ гардида, ба қисми муҳими ҳамкориҳои байнидавлатӣ табдил ёфтааст. Имрӯз, дар шароити торафт зиёд гардидани талабот ба захираҳои об, алалхусус оби тозаи ошомиданӣ, рақобат миёни ҷонибҳои манфиатдор барои дастрасӣ ба он бештар мегардад, ки эҳтимоли ба вуқуъ омадани бархӯрдҳо ва ихтилофу низоъҳои вобаста ба обро зиёд менамояд. Ин ҳолат зарурати истифодаи василаҳои дипломатӣ ва муколамаи обро бештар месозад.

3. Ҷониби Тоҷикистон бо дарки мубрамияти масъалаҳои вобаста ба об дар қарни ҷорӣ ва шиддат гирифтани бархӯрдҳо барои дастрасӣ ба захираҳои об, инчунин зарурати коркарди василаҳои пешгирии онҳо, дар ин самт ва дар заминаи он таҳким бахшидани ҳамкориҳои гуногунарса, дипломатия ва муколамаи обро асоси таъмини рушди устувор мешуморад. Дар ин замина, маҷмӯи ташаббусҳо ва иқдомҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи об пешниҳод гардида, чорабиниҳои баландпояи байналмилалӣ баргузор шудаанд, ки дар натиҷа шаҳри Душанбе ба маркази ташаккули дипломатияи об табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ, ки қисми зиёди захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар ҳудуди он ташаккул меёбад, ҳамеша ҷонибдори муколама ва истифодаи оқилонаи захираҳои оби фаромарзӣ мебошад. Кишвар бо татбиқи консепсияҳои муосири идоракунии захираҳои оби фаромарзӣ манфиатҳои кишварҳои ҳамсояро дар ин самт эҳтиром намуда, талоши худро барои таъмини давлатҳои шомили ҳавзаи баҳри Арал бо ҳаҷми зарурии об равона менамояд.

4. Ҳифзи амнияти об ва бартараф намудани мушкилоти вобаста ба он тавассути муколама ва эҳтироми мутақобила меҳвари сиёсати хориҷии

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об ташкил медиҳад. Дар шароити тағйирёбии иқлим таҳдид ба амнияти об бамаротиб зиёд гардида, тавассути василаҳои анъанавӣ ҳифз намудани он мушкилтар мегардад. Бо дарназардошти чунин вазъ, ҷониби Тоҷикистон бо пешбурди Раванди оби Душанбе василаҳои муосири ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзро ҷиҳати ҳифзи амнияти об дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳия намуда, дар сиёсати хориҷии худ беш аз ҳар вақти дигар аз дипломатияи об истифода менамояд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти вобаста ба дипломатияи об дар замони муосир, дар партави афзоиши таҳдидҳои марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии захираҳои обӣ ва мураккабшавии муносибатҳои байнидавлатӣ, рӯз то рӯз бештар мегардад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот имкони татбиқи васеъ дар чандин самтро фароҳам меоранд, аз ҷумла дар таҳия ва воридсозии барномаҳои ихтисосии таълимӣ вобаста ба дипломатияи об, таҳлили низоъҳои марбут ба захираҳои об ва идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои обӣ. Ташаккули чунин курсҳои таълимӣ ҳамчун зарурати муҳими замонавӣ барои такмили сатҳи дониши назариявӣ ва малакаҳои амалии мутахассисони соҳаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, ҳифзи муҳити зист ва сиёсати хориҷӣ арзёбӣ мегардад.

Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур метавонад ба таҳияи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатии марбут ба сиёсати обӣ, дипломатияи об, амнияти миллӣ ва геополитикӣ, таҳкими воситаҳои ҳимояи манфиатҳои миллӣ асоси илмӣ бахшад. Дар шароите, ки об ба унсури стратегӣ ва геополитикӣ табдил ёфтааст, сиёсати давлатӣ дар соҳаи об бояд на танҳо аз нигоҳи иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати сиёсӣ ва амниятӣ низ баррасӣ гардад. Дар ин раванд, таҳлили илмии дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси фаъолияти байналмилалӣ барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои кишварҳо дар масъалаҳои тақсими захираҳои обӣ ва танзими ҳамкориҳо нақши калидӣ мебозад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар таҳияи муқаррароти ҳуқуқии созишномаҳо ва шартномаҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ истифода шаванд. Ҳангоми таҳияи чунин асноди меъёрӣ зарурати ба инобат гирифтани омилҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи амалии муноқишаҳо ва принсипҳои тақсими одилонаи об ба миён меояд. Маҳз дар ин замина, таҳқиқоти академӣ бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас метавонад заминаи ҳуқуқии созишномаҳои фарогирро тақвият бахшад.

Аз дидгоҳи илмӣ ва методологӣ, дастовардҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи назариявию амалии омода намудани матни гузоришҳо ва суханрониҳои расмӣ, инчунин таҳияи мақолаҳои илмӣ ва анҷом додани корҳои таҳқиқотии сатҳҳои гуногуни таҳсилоти олӣ, аз ҷумла рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ хизмат намоянд. Муҳаққиқон метавонанд бо такя ба таҳлили назариявию амалӣ, моделҳо ва таҷрибаи кишварҳои гуногун асосҳои нави таҳлил ва хулосаҳои татбиқшавандаро барои рушди минбаъдаи илм пешниҳод намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот ба таври хос дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ зоҳир мегардад, ки дар он масъалаҳои дастрасӣ, тақсим ва истифодаи устувори захираҳои обӣ ҳаллу фасли худро меёбанд. Дар раванди музокирот ва гуфтушунидҳои обӣ далелу хулосаҳои илмӣ метавонанд ҳамчун воситаи қавии асоснок намудани мавқеи тарафҳо ва расидан ба тавофуқоти устувор хизмат намоянд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳияи сиёсати минтақавии давлатӣ дар соҳаи об ва ташаккули чаҳорчӯби ҳамкориҳои муштарак истифода шаванд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ, манзур кардани хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5.6.4 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мувофиқ аст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Дар асоси адабиёт ва сарчашмаҳои дигари мавҷуда раванди таърихии пайдоиш ва ташаккули дипломатияи об ва масъалаҳои вобаста ба он, ҷойгоҳи об дар ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ва таъсири мушкилоти об ба ин муносибатҳо таҳлил гардида, тавсия ва пешниҳодҳои судманд ҷиҳати таҳкими ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи об манзур карда шуда, донишҳои вобаста ба дипломатияи об танзим ва системаи муайян дароварда шудаанд.

Саҳми шахсии муҳаққиқ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муқаррарот ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, таҳияи барнома ва модулҳои таълимӣ ва курси лексияҳо барои мактаби олӣ муайян карда мешавад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии худро дар раванди таълим пайдо намуда, аз рӯйи он курси махсуси “Дипломатияи Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об” дар магистратураи хизматчиёни давлатии Маркази омӯзиши “Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон” баргузор гардида истодааст. Қисмҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,

Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва муҳокима гардидаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии дар диссертатсия бадастомада дар 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд. Диссертатсияи мазкур дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20-уми феврали соли 2026, протоколи №7) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ СИЁСИЮ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ

1.1. Моҳияти ҷанбаҳои назариявии ташаккули дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси дипломатия

Иртиботи байниҳамдигарӣ аз ибтидои пайдоиши ҷомеаи инсонӣ дар он вуҷуд дошта, марҳила ба марҳила рушд ёфтааст. Чунин хусусият аз ниёзҳои инфиродӣ ва дастаҷамъии худи аъзоёни ҷомеа сарчашма гирифта, барои таъмини онҳо роҳандозӣ намудани ҳамкориҳо ва мубодилаҳо шарти асосӣ маҳсуб меёбад. Бо рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ субъектҳои чунин ҳамкориҳо зиёд гардида, таркиби онро масъалаҳои гуногун ва бисёрсамтию фаросоҳавӣ ташкил медиҳанд.

Таркиби ин муносибатҳо тағйирпазир буда, бо пешрафт ва дигаргун гардидани ҷомеа, вобаста ба талабот ба он самтҳо ва соҳаҳои дигар ворид мешаванд. Ин раванд пеш аз ҳама вобаста аст ба падидаи масъалаҳои дорои хусусияти фаромиллӣ ва фароҷаҳонӣ, ки наметвонад танҳо хоси ягон субъекти алоҳидаи муносибатҳои байналмилалӣ бошад. Чунин масъалаҳо дорои ангезаҳои амнияти умумибашарӣ буда, якбора ба тамоми ҷомеаи инсонӣ таҳдид намуда, андешидани тадбирҳои дастаҷамъиро тақозо менамояд.

Аз лиҳози таърихӣ бошад, таркиби ин муносибатҳоро таъмини муттаҳидӣ ҷиҳати таҳким бахшидани иқтидор барои ҳифзи амнияту субот, бехатарӣ, иҷрои амл ё коре, алалхусус бунёди иншооти муайян ташкил менамояд. Ин тамоюл ба масъалаҳои марбут ба захираҳои об низ хос буда, дар тӯли давраҳои тӯлонии таърихӣ тадриҷан ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ворид гардида, дар ниҳоят ба яке аз самтҳои мустақили фаъолияти дипломатӣ ташаккул ёфтааст.

Омили об дар таърих заминаи ба вуҷуд омадани давлат ва тамаддун гардида, яке аз василаҳои асосии гузариш аз як низоми ҷомеадорӣ ба низоми нав мебошад. Аввалин инфрасохтор, ки яке аз нишонаҳои асосии ба вуҷуд

омадани тамаддун мебошад дар соҳаи об бунёд гардида, муаррихон таърихи онро 3000 - 2500 пеш аз милод арзёбӣ менамоянд [155].

Заминаи ба вуҷуд омадани 4 тамаддуни бузурги ҷаҳон маҳз ташаккули донишҳо вобаста ба истифодаи об ва азхудкунии иқтидори об мебошад. Рушди ҷомеаи шумерҳо дар байни дарёву рудҳо, мисриҳои қадим дар соҳили дарёи Нил, ҳиндуҳои қадим дар соҳили дарёи Ҳинд ва чиниҳо дар соҳили дарёи Хуанх ба вуҷуд омадаанд. Муаррихон сохтмони инфрасохтори обрасониро яке аз омилҳои асосии гузариши инсоният аз замони пеш аз таърих ба таърих медонанд. Бо мурури замон идоракунии захираҳои об ба як ҷузъи ҷудонашавандаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфта, барои ташкили маҳалҳои доимии зист, рушди ҳунармандӣ ва густариши савдо шароити мусоид фароҳам овард.

Дар Мисри Қадим наҳрҳо ва ҳавзҳо якчанд шабакаҳоро ташкил медоданд, ки бо тарҳи хос аз пастӣ ба баландӣ дар масоҳати муайян обро интиқол медоданд. Чунин тарҳҳо бо ҷалби доираҳои гуногуни аҳолӣ ва донишҳои муҳандисӣ бунёд гардидаанд. Тибқи маълумот дар бисёр ҳолат донишмандон аз кишварҳо ва қабилаҳои дигар низ бо роҳу воситаҳои гуногун ҷалб мешуданд [155]. Ин ҳолат ибтидои муносибатҳои байналхалқӣ дар соҳаи истифодаи обро замина гузоштааст.

Дар муқоиса аз Мисри Қадим дар Байнаннаҳрайн фаъолияти обдорӣ асосан барои ҳифзи аҳолӣ аз обхезӣ дар дарёҳои Даҷла ва Фурот нигаронида шуда буд. Оби ин дарёҳо аксар вақт номуназам ва харобиовар буд. Дар ин ҷо инфрасохтори обрасонӣ, аз ҷумла наҳрҳо, бунёд гардида буданд, ки тавассути онҳо аз дарё қисми об ба майдони кишт ва обанборҳо интиқол дода мешуд. Ин тарзи обдорӣ имкон медод, ки ҳам маҷроҳои дарёҳо идора карда шаванд ва ҳам заминҳои кишт обёрӣ гардида, инчунин, миқдори зарурии об дар обанборҳо барои даврaҳои хушксолӣ захира карда шаванд [155]. Чунин тарзи обдорӣ донишҳои мукамали ҷомеаи он замонро дар самти ҳифзи хоҷагӣ аз офатҳои марбут ба об нишон медиҳад.

Дар Осиёи Марказӣ низ муносибатҳои гуногунарса дар соҳаи об таърихи тӯлонӣ дошта, ибтидои он ба пайдоиши нахустҷомеаҳо ва давлатҳо дар ин паҳнои ҷуғрофӣ рост меояд. Академик Б. Ғафуров ин мавзуъро дар китоби худ бо номи «Тоҷикон» ба таври муфассал таҳлил намуда, қобилияти идоракунии захираҳои об, таъсиси инфрасохтори обрасонӣ ва дар заминаи он рушд ёфтани соҳаи зироаткорӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст: «Тадқиқи муфассали археологии майдонҳои фарох нишон медиҳад, ки дар он давра тамоми ноҳияҳои Осиёи Миёна барои зироат истифода мешуданд. Дар водиҳо бо киштукор (асосан киштукори обӣ) ва чорводорӣ машғул буданд. Алалхусус, ирригатсия ниҳоят ривоҷ ёфта буд. Дар Хоразм, дар водии Зарафшон ва дигар ҷойҳо каналҳои бисёре кофта шудаанд. Каналҳои қадимии давраи Кушониён дар хоки Тоҷикистон ҳам, масалан, дар водии Вахш ёфт шуданд. Барои обёрӣ на фақат оби дарё, балки оби чашмаҳо низ, ки дар он давра, бешак, хеле бисёр буданд, истифода мешуданд. Масалан, дар шимоли водии Вахш заминҳо асосан аз канали дарёи Вахш об мехӯрданд, вале якчанд манзилҳо, масалан, димнаи Ҳалқаҷари қарибии посёлкаи Уялӣ аз дарё хеле боло ҷой гирифта буд, ки ҳозир ба заминҳои он ҷо фақат бо насос об мебароранд. Дар давраи Кушониён тамоми заминҳои ин манзилҳо аз оби чашмаҳои кӯҳӣ шодоб буданд» [40, с.161].

Чунин далелҳои таърихӣ нишонаи возеҳи ташаккули донишҳои ибтидоӣ дар самти идоракунии захираҳои об ва дар заминаи он дастёб гардидан ба тамаддуни кишоварзӣ мебошад. Бо пайдоиши давлатҳои таърихӣ дар ин минтақа муносибатҳои вобаста ба об низ хусусияти худро тағйир дода, ба муносибатҳои фаромаҳаллӣ ва байнидавлатӣ табдил меёбанд.

Муҳаққиқи тоҷик С. Қуввватзода дар таҳқиқи худ ба маврид зикр менамояд, ки «марҳилаи дигари ташаккули муносибатҳо дар соҳаи об рушди саноати киштисозӣ ва истифодаи васеъи роҳҳои обӣ мебошад. Дастёбӣ ба рушди истифодаи роҳҳои обӣ дар пешрафту тараққиёти ҷаҳон такони ҷиддӣ бахшидааст. Ин роҳҳо аз ҷиҳати географӣ, сайёҳӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ, илмӣ,

фарҳангӣ, сиёсӣ, дипломатӣ, саноатӣ якбора суръати рушду тараққиёти ҷаҳонро ба маротиб баланд бардоштанд» [112, с. 45].

Ин раванд боиси густариши робитаҳои байнидавлатӣ гардида, ҳамгироии кишварҳо ва минтақаҳоро дар заминаи манфиатҳои муштарак тақвият бахшид. Бо афзоиши аҳаммияти роҳҳои обӣ, ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ густариш ёфта, масъалаҳои идоракунӣ ва истифодаи захираҳои об ба яке аз самтҳои муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтанд. Дар натиҷа, ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳо ва таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷониба барои таъмини амният, рушди устувор ва пешгирии ихтилофҳо аҳаммияти бештар пайдо намуд.

Дар ин замина, об ҳамчун воситаи тавонои бунёди сулҳ арзёбӣ гардида, ҳамкорӣ дар соҳаи об ва дипломатияи об василаи муҳимми таъмини идоракунии самаранок, устувор ва одилонаи захираҳои муштараки об, мувозинати манфиатҳои марбут ба истиқлолияти миллӣ ва таҳкими ҳамкории минтақавӣ миёни давлатҳои дорои захираҳои оби муштарак дониста мешавад.

Бо назардошти аҳаммияти рӯзафзуни захираҳои об дар шароити тағйирёбии иқлим ва афзоиши талаботи аҳолӣ, масъалаи ҳамоҳангсозии сиёсатҳо, табодули таҷриба ва тақвияти механизмҳои муштараки идоракунӣ аҳаммияти бештар пайдо кардааст. Ин раванд ба густариши муколамаи созанда, таҳкими эътимод ва рушди ҳамкориҳои дарозмуддат миёни кишварҳо мусоидат намуда, барои пешгирии ихтилофҳо ва таъмини амнияти минтақавӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

Дар доираи абзорҳои гуногуни гидродипломатия таъсиси платформаҳои муштарак ва ташкили гурӯҳҳои кории ҳамоҳангшуда аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ба андешаи Ле Куанг Тхен, дипломатияи об истифодаи абзорҳои дипломатӣ, аз ҷумла гуфтушунид, муколама ва ҳамкорӣ байни ҷонибҳои манфиатдор барои дарёфти роҳҳои ҳалли баҳсҳо оид ба захираҳои обии муштарак мебошад. Ҳадафи дипломатияи об коҳиш

додан ва ҳалли ихтилофоти умумӣ дар бораи захираҳои об барои мусоидат ба сулҳ, ҳамкорӣ ва субот мебошад [149]. Тибқи назарияи мазкур дар меҳвари дипломатияи об дар маҷмуъ таъмини амнияти об қарор гирифта, он ҳамчун воситаи таъмини сулҳ ва ҳалли низоъҳо арзёбӣ гардидааст. Дар воқеъ дипломатияи об дар таҳкими сулҳ ва коҳиши моҷароҳои оби мусоидат намуда, ҳамзистии осоишта ва зиндагии ҷовидонаро таъмин менамояд.

Қувватзода С. З. масъалаи дипломатияи обро ҳамаҷониба таҳқиқ карда, онро «шаклан падидаи нав, вале мазмунан падидаи таърихӣ арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки он дар ҳамаи давраҳои таърихӣ дар муносибатҳои ҷонибҳои гуногунарсаи дорои вобастагиҳо ва умумиятҳои обӣ ба таври васеъ истифода гардидааст» [53, с. 320]. Бо такя ба андешаи Қувватзода С. метавон зикр намуд, ки воқеан ҳамкориҳо миёни ҷонибҳои гуногун дар соҳаи об ва истифодаи захираҳои об решапайванд бо ҳамаи давраҳои таърихӣ буда, мазмунан ибтидои пайдоиши дипломатия мебошад. Дипломатияи об ҳамчун раванди муҳимми сиёсӣ, таърихӣ ва стратегӣ дар шароити муосир арзёбӣ гардида, махсусан дар низоми донишҳои сиёсӣ ҳамчун падидаи нав маҳсуб меёбад.

Ба ақидаи Зиганшина Д.Р. «мафҳуми «дипломатияи об» одатан ба нақши муайянкунандаи омили об дар сиёсати хориҷии кишварҳои соҳилӣ, инчунин, ба анҷом додани гуфтушунидҳои дуҷониба ё бисёрҷониба ва истифодаи дигар воситаҳои ҳалли мусолиматомези ихтилофот оид ба масъалаҳои об байни ин кишварҳо дахл дорад» [24, с. 21]. Дар шароити муосир талаботи одамон ба об ниҳоят зиёд гардида, махсусан масъалаи мазкур дар сиёсати хориҷии давлатҳои муосир рӯз аз рӯз мавқеи хосаро касб намуда истодааст. Масъалаи мазкур дар баҳамоии давлатҳо мусоидат намуда, омили обро ба василаи ҳамкорӣ, муттаҳидӣ ва сулҳ миёни кишварҳо табдил медиҳад.

Раванди татбиқи дипломатияи об «на танҳо дар доираи муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳои дорои ҳавзаи ягонаи обӣ сурат мегирад, балки ҷалби кишварҳои сеюм ва созмонҳои байналмилалиро низ дарбар мегирад. Дар

натиҷа, дар маънои васеъ, мафҳуми «дипломатияи об» дар солҳои охир барои тавсифи раванде истифода мешавад, ки дар он ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла ҳукуматҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ барои таъмини амнияти об ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ менамоянд» [139]. Андешаи мазкур дар заминаи воқеияти рушди дипломатияи об ва паҳнои фарогири он аз доираҳои гуногун дар шароити имрӯз ифода ёфта, ба иҷрои вазифаҳое, ки дар шароити муосир дипломатияи об ба сомон расонида истодааст нигаронида шудааст. Дар воқеъ дар шароити муосир таваҷуҳи бештари давлатҳо махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти обии минтақа ва ҷаҳон ҳамкориҳои судмандро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба роҳ монда истодааст.

Муҳаққиқ Адреа К. дар «Луғати дипломатӣ» [42] чунин навиштааст: «Мундариҷаи дипломатияи обро ҳамчун як ҷузъи дипломатия метавон тавассути дастгоҳи консептуалии он бо тавзеҳи он, ки ба соҳаи об дахл дорад, ошкор намуд. Бо ҳамин мантиқ, агар дар адабиёти тахассусӣ мафҳуми «дипломатияи муосир» ҳамчун абзори татбиқи сиёсати хориҷии давлат маънидод гардад, пас мафҳуми «дипломатияи муосири об»-ро метавон ба ҳайси амалисозии сиёсати хориҷии давлат дар самти захираҳои об, хоҷагии об ва умуман масъалаҳои вобаста ба об таъриф намуд» [33, с 7].

Рисбеков Ю.Х. дипломатияи об, воситаҳои амалигардонии он ва субъектҳои иштирокчии раванди татбиқи онро мавриди таҳқиқ қарор дода, «онро дар шаклҳои зерин баён намудааст:

- дипломатияи об - воситаи татбиқи сиёсати хориҷии давлатҳо дар мавзуи масъалаҳои об буда, маҷмуи тадбирҳо ва усулҳои амалиро дар бар мегирад, ки бо назардошти шароити мушаххас ва хусусиятҳои вазифаҳои ҳалшаванда амалӣ мешаванд.

- дипломатияи об - фаъолияти расмии сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, мақомоти махсус ва намояндагони онҳо, ки ба татбиқи сиёсати хориҷӣ дар соҳаи об равона шудааст.

- дипломатияи об - фаъолияти касбӣ ва масъулияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки барои ифода ва ҳифзи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он оид ба масъалаҳои об дар муносибат бо дигар давлатҳо амалӣ мешавад» [58, с. 98].

Паҳлуҳои гуногуни дипломатияи обро Едалиева М. таҳқиқ намуда, мафҳуми «дипломатияи об»-ро аз лиҳози гуногунсамтии он тавзеҳ додаст. Номбурда қайд менамояд, ки дипломатияи об аз нуқтаи назари ҷонибҳои иштирокчӣ ва сатҳҳое, ки он сурат мегирад, яъне минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ муайян карда мешавад. Дипломатияи об равандест, ки ба такмили идоракунии захираҳои об ва густариши ҳамкорӣ дар робита бо ин захираҳо нигаронида шудааст. Он барои таъмини васеъи сулҳу субот дар минтақаҳои гуногун ва ҳамгироии минтақавӣ мусоидат мекунад.

Дар мазмуни васеъ Едалиева М. дипломатияи обро раванде медонад, ки «дар сатҳҳои гуногун бо иштироки намояндагони доираҳои васеъ сурат гирифта, ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба захираҳои об ва низоъҳои обӣ, инчунин, мусоидат ба ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ нигаронида шудааст» [44, с. 6]. Таъкиди Едалиева М. ба сатҳ ва субъектҳои дипломатияи об нигаронида шуда, ҷойгоҳи дипломатияи обро дар пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо махсус дарҷ намудааст. Воқеан ҳам имрузҳо дипламатияи об ҳамчун раванди муҳими сиёсати давлатӣ арзёби гардидааст, ки он дар ҳали низоъҳои оби ва инчунин ҳамгироии минтақави дар соҳаи об мақоми хосаро ишғол менамояд.

Бо дарназардошти раванди таърихии ташаккул ва рушди дипломатияи об Қуввазода С.З. дар таҳқиқоти худ шакли классикии дипломатияи об ва шакли муосири дипломатияи обро ҷудо намудааст [53, с. 241]. Назарияҳои таърихии пайдоиши муносибатҳо дар соҳаи об, ки асосан ба раванди ташаккули қобилиятҳои ибтидоии идоракунии захираҳои об тавассути бунёди инфрасохтори обрасонӣ рост меоянд, ифодакунандаи заминаи шакли классикиии дипломатияи об мебошад.

Назарияҳои мазкур шаҳодати равшан ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар доираи ҳавзаҳои ягонаи об мебошанд, ки асосан ба марҳалаи пайдоиши давлатҳои миллӣ рост меоянд. Пояи ин равобитро санадҳои байнидавлатӣ ташкил медиҳанд. Дар замони муосир муносибатҳои вобаста ба захираҳои об бо ҷалби ҷонибҳои гуногун ва дар сатҳҳои мухталифи сиёсӣ ва иқтисодӣ амалӣ мешаванд. Асоси ин равобитро санадҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ки маҷмуи муносибатҳоро дар соҳаи об дар сатҳи фароҷаҳонӣ танзим менамоянд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи об асоси дипломатияи илмӣ мебошад. Идоракунии оқилонаи захираҳои об дар сатҳҳои маҳаллӣ ва миллӣ, имконияти мусоидро барои рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа фароҳам меорад. Дар сатҳи минтақавӣ ба кишварҳо барои таҳияи созишномаҳо ва институтҳо оид ба идоракунӣ ва истифодаи осоиштаи захираҳои обҳои фаромарзӣ ташвиқ карда мешавад.

Номбурда дар заминаи таҳқиқи ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди муносибатҳои обӣ дар ҷаҳони имрӯз қайд менамояд, ки «дипломатияи об воситаи амалигардонии сиёсати хориҷии давлатҳо оид ба масъалаҳои об, ки маҷмуи тадбирҳои амалӣ, усулҳои бо назардошти шароити мушаххас ва хусусияти вазифаҳои ҳалшаванда, татбиқшаванда, инчунин фаъолияти расмии сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, ниҳодҳои махсус ё намояндагони давлат дар татбиқи сиёсати берунӣ оид ба масъалаҳои об ва ё фаъолияти касбии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба ифода намудан ва ҳифзи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он оид ба масъалаҳои об дар муносибат бо дигар давлатҳо мебошад» [53, с. 255].

Инчунин ба таъкиди Қувватзода С. З. дипломатияи об гуфта «маҳорати баргузор намудани гуфтушунидҳо, ҳамгироиҳо ва ҳамбастагиҳоро доир ба ҳалли мусолиҳатомези гуногунандешиҳо, ихтилофҳо ва низоъҳо, ҷиҳати идоракунӣ, истифода ва истеъмолӣ захираҳои об ва тақвияти ҳамкориҳоро дар сатҳи байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ меноманд» [53, с. 256]. Тибқи

қоидаи манзургардида ҳамкорҳиҳо дар соҳаи об ва дипломатияи об дар сатҳҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар доираи ҳавзаҳои ягонаи обӣ ва дар сатҳи байналмилалӣ барои ҳалли мушкилоти ҷаҳонии об миёни ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор сурат гирифта, он ба танзими истифодаи мушатараки захираҳои об ва муносибатҳои ба он алоқаманд нигаронида шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқон Климес, Мичел, Яарӣ ва Рестианӣ дипломатияи об равандест, ки барои беҳтар кардани идоракунии захираҳои об ва густариши ҳамкорӣ дар муносибат бо ин захираҳо равона шудааст [185]. Андешаи муҳаққиқони болозикрро дигар муҳаққиқон тақвият бахшида, дипломатияи обро раванде медонанд, ки дар сатҳҳои гуногун амал намуда, ҷонибҳои гуногунарсаро дар бар мегирад ва ҳадафи он ҳалли масъалаҳо ва низоъҳои обӣ, инчунин мусоидат ба ҳамгироӣ ва ҳамкории васеътари минтақавӣ мебошад.

Дипломатияи об доираи фаррохи амалишавӣ дошта, дар таъмини сулҳу амнияти минтақавӣ ва таъмини ҳамгироӣ дар ҳамаи сатҳҳои ҷуғрофӣ ҳамаҷониба мусоидат мекунад. Вобаста ба воситаҳои татбиқи дипломатияи об муҳаққиқони дигар ибрози андеша намуда, қайд намудаанд, ки «дипломатияи об ба таҳия ва коркарди роҳҳои нави ҳалли масъалаҳои вобаста ба об дар асоси далелҳои илмӣ ва ба назар гирифтани маҳдудиятҳои иҷтимоӣ равона гардидааст. Воситаҳои дипломатияи об сиёсати экологӣ, стратегияи идоракунии захираҳои об ва роҳҳои ҳалли муҳандисиро дар бар мегиранд, ки дар заминаи мушкилоти мушаххаси об дар миқёси мувофиқ татбиқ карда мешаванд» [186].

Дар заминаи омилҳои ҳампайванд бо масъалаҳои об дипломатияи об барои эҷоди фазои мусоид ҷиҳати ҳалли мушкилоти нисбатан мураккаби дорои хусусиятҳои фарогири иҷтимоию иқтисодӣ, экологӣ, демографӣ ва кишоварзию саноатӣ нигаронида шудааст. Дар чунин тарҳ дипломатияи об дар воқеияти худ барои таъмини амнияти умум ва суботи иҷтимоӣ, фароҳам

овардани шароити созгори ҳамзистии осоишта, пайвандии табиӣ ва рушди устувори ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор мусоидат мекунад.

Дар ин замина бархе муҳаққиқони дигар дипломатияи обро ҳамчун малакаи идоракунии муносибатҳои байналмилалӣ ва гузаронидани гуфтушунид байни давлатҳо ва ниҳодҳои онҳо арзёбӣ намудаанд. Қайд гардидааст, ки равандҳои дипломатӣ дар расмигардонии ҳамкории фаромарзӣ дар масъалаи об нақши муҳим мебозанд. Дипломатияи обӣ мавҷудияти субъектҳои гуногуни сершуморро эътироф мекунад, ки қобилияти эҷоди фазоҳои ҳалли низоъҳои обӣ ва инчунин имкониятҳои ҳамкории обро доранд [188].

Дар баробари давлат ва ниҳодҳои давлатӣ олимони дигар доир ба нақши ҷомеаи шаҳрванди низ дар рушди дипломатияи об ва роҳандозии амалии он андешаҳои арзишманд иброз намудаанд. Мушкилоти мураккаби вобаста ба об натанҳо давлатҳо, инчунин тамоми ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро низ водор ба он намудааст, ки дипломатияи обро ба самти муҳимми фаъолияти худ табдил диҳанд ва дар таъмини ҳадафҳои рӯзномаи ҷаҳонии об саҳми арзишманд гузоранд. Дар ин асно мафҳуми «дипломати об» мазмуни бештар ва васеътарро касб намуда, он дар қатори муносибатҳои расмии байнидавлатӣ ва ниҳодҳои давлатӣ, фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро низ, ки ба пешбурди талошҳо ва ҳамгироиҳо барои ҳалли масъалаҳои об нигаронида шудаанд, фаро мегирад. «Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва олимон дар эҷоди эътимод ва ҳалли низоъҳо байни тарафҳо нақши муҳим мебозанд. Бо муттаҳид кардани абзорҳои техникӣ ва дипломатӣ, дипломатияи обӣ ба ҷонибҳои манфиатдор имкон медиҳад, ки масъалаҳои мураккаби обро дар минтақа ошкор кунанд ва ба низоъҳои васеътари сиёсӣ посух диҳанд» [188].

Назарияҳои матраҳгардида вобаста ба дипломатияи об нишон медиҳанд, ки фаҳмишҳо ва тавзеҳҳои гуногуни дипломатияи об мазмун ва моҳияти онро марҳила ба марҳила васеъ ва комил гардонида, зарурати истифодаи

ҳамаҷонибаи онро дар ҳалли мушкилоти об возеҳтар нишон медиҳад. Бо тавзеҳи мазмун ва моҳияти дипломатияи об вазифаҳои он низ аз ҷониби муҳаққиқон нишон дода шудаанд.

Вазифаи аввалини дипломатияи он вазифаи сиёсии он буда, он дар масъалаҳои геополитикӣ ва сиёсати хориҷӣ инъикос мегардад. Дар шароити кунунӣ бархурдҳои акторҳои гуногунсатҳ ва доираҳои манфиатдор дар идоракунӣ ва истифодаи муштараки захираҳои оби ҳавзаҳои марзӣ, фаромарзӣ, истифодаи объектҳои обӣ ҳамчун абзори таъсиррасонӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Дар ин радиф масъалаҳои об дар консепсияи сиёсати хориҷии субъектҳои сиёсии байналмилалӣ ҷойгоҳ ва аҳаммияти хосро касб намудааст, ки он инъикосгари возеҳи гидрополитикаи ҷаҳонӣ мебошад. Танзими чунин муносибатҳо ва ба равиши созанда таниш додани онҳо вазифаи сиёсии дипломатияи об мебошад.

Вазифаи дуюми дипломатияи об ин вазифаи пешгирикунанда мебошад, ки дар ҳалли муноқишаҳо, гуногунандешиҳо, низоъҳо ва бархурдҳои дигари вобаста ба масъалаҳои об инъикоси худро ёфтааст. Дар чунин ҳолатҳо дипломатияи об ҳамчун воситаи миёнаравӣ ва абзори дарёфти нуқтаи барои ҳамаи ҷонибҳо мувофиқ хизмат намуда, тавассути он об аз манбаъи низоъ ба сарчашмаи сулҳ ва ҳамзистии осоишта табдил дода мешавад.

Вазифаи сеюми дипломатияи об ҳамгироӣ мебошад, ки дар пайвандии сатҳҳои институтсионалӣ ва ҷалби ҷонибҳои дахлдор ба ҳамкорӣ хизмат менамояд. Тибқи вазифаи мазкур дипломатияи об талошҳои ниҳодҳои гуногуни соҳа, давлатҳои ҷаҳон ва ташкилоту созмонҳои минтақавию байналмилалиро барои ҳалли мушкилоти вобаста ба об ва истифодаи муштараку оқилонаи захираҳои об муттаҳид менамояд.

Вазифаи чоруми дипломатияи об таъмини ҳамкорӣ дар сатҳҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад, ки дар доираи платформаҳои гуногун сурат мегирад. Маҳаки асосии ҳамкориро эҳтироми манфиатҳои тарафайн, ҳусни ҳамҷаворӣ, инсондӯстӣ, истифодаи муштарак ва оқилонаи

захираҳои оби ҳавзаҳои фаромарзӣ, тадбирандешиҳои дастаҷамъӣ барои ҳифзи захираҳои об, пешгирӣ ва ҳалли мушкилоти гидроэкологӣ, коҳиш додани таҳдиду пайомадҳои манфии ҳолатҳои фавқулодаи марбут ба об ва ғайраҳо ташкил медиҳад.

Вазифаи панҷуми дипломатияи об вазифаи техникӣ буда, мубодилаи маълумот ва амсилаҳои гидрологиро дарбар мегирад. Тавассути дипломатияи об ҷонибҳои манфиатдор доир ба сатҳи захираҳои об, коҳишёбии захираҳои об, ҳаҷми боришот, тағйирёбии иқлим, гардиши даври гидрологӣ мубодилаи маълумот намуда, ҷиҳати танзими онҳо ва пешгирии пайомадҳои манфии ҳолатҳои вобаста ба захираҳои об ҳамкорӣ менамоянд. Дар ин радиф ҷонибҳо, махсусан дар ҳавзаҳои ягонаи обӣ ба ҳамдигар кумакҳои техникӣ расонида, барои ҳифз ва истифодаи муштараки захираҳои об инфрасохтори ба манфиати ҳамаи тарафҳо нигаронидашуда бунёд менамоянд.

Иштирокчиёни равандҳои дипломатӣ дар соҳаи об ва вазифаҳои дипломатияи об нишон медиҳанд, ки дипломатияи об маҷмуи чорабиниҳои субъектони давлатӣ ва ғайридавлатиро фаро гирифта, метавонанд барои пешгирӣ ё ҳалли осоиштаи низоъҳои эҳтимолӣ ва мусоидат ба ҳамкорӣ дар робита бо дастрасӣ ба об, тақсимот ё истифодаи онҳо байни давлатҳо ва ҷонибҳои манфиатдори давлатӣ ва хусусӣ анҷом дода шаванд.

Чунин чораҳо метавонанд, масалан, муколамаҳои сатҳи минтақавӣ ва ҳавзавӣ, созишномаҳо ва ёддошти тафоҳум байни субъектҳои давлатӣ, миёнаравии расмӣ, арбитраж, ба дастовардҳои ҳуқуқӣ, омӯзишҳо ва тақвияти иқтидор, мубодилаи манфиатҳо, мубодилаи иттилоот ва дониш, мубодилаи маълумот, инчунин таъсиси муассисаҳо ва механизмҳои расмӣ ва ғайрирасмии ҳамкориро дар бар гиранд.

Истилоҳоти дипломатияи об ва ҳамкории оби фаромарзӣ аксар вақт дар заминаи монанд истифода мешаванд. Дар ҳоле ки ҳамкории оби фаромарзӣ асосан барои тақвияти ҳамкорӣ дар соҳаи оби муштарак равона шудааст,

дипломатияи обӣ аксар вақт ҳадафи васеътари тақвияти ҳамкорӣ берун аз об, аз ҷумла сулҳ ва суботи минтақавӣ дорад [188]. Дар ин замина, дипломатияи обӣ аҳамияти дарки робитаҳо байни низоъҳои захираҳои оби муштарак ва заминаҳои геополитикӣ ва иҷтимоию иқтисодии онро эътироф мекунад. Дипломатияи об ҳамкориҳои обиро бо истифода аз абзорҳои дипломатӣ пурра мекунад ва доираи васеи ҷонибҳои манфиатдорро тавассути роҳҳои гуногун ҷалб мекунад.

Муҳақиқон дар заминаи вазифаҳои дипломатияи об ва моҳияти он дар шароити имрӯз самтҳои зерини онро муайян кардаанд:

Якум, дипломатияи марказӣ, ки дар меҳвари он давлат ҳамчун субъекти асосӣ қарор мегирад. Тибқи он дар муколамаҳои расмии дуҷониба ё бисёрҷониба асосан ҷонибҳои давлатҳои дорои ҳавзаҳои ягонаи обӣ ва роҳбарони сиёсии сатҳи баланди онҳо иштирок менамоянд. Ин муколамаҳо ба ҳалли масъалаҳои истифодаи муштараки захираҳои об дар ҳавзаҳои оби фаромарзӣ нигаронида шудаанд. Ин самти дипломатияи об қисми таркибии сиёсати хориҷии давлатҳоро дар муносибат бо давлатҳи ҷониби дигари ҳавзаи обӣ ташкил дода, дар доираи он масъалаҳои калидии амнияти обӣ миёни кишварҳои гуногун ҳал карда мешаванд.

Самти дуюми фаъолияти дипломатӣ дар соҳаи об ин фаъолияти якҷояи ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ мебошад, ки барои ҳалли ихтилофҳо, низоъҳо, гуногунандешиҳо ва тақвият бахшидани ҳамкориҳо ва муколама дар ҳамоҳангӣ кор мекунанд. Фаъолияти муштараки онҳо имкон медиҳад, ки тамоми имкониятҳо самаранок истифода гарданд ва худи ҷомеа дар пешбурди муколама ва дипломатияи об фаъол бошад.

Самти сеюми дипломатии об муколамаи ғайрирасмӣ байни субъектҳои ғайридавлатӣ буда, онҳо такондиҳандаи раванди музокиротҳои расмӣ мебошанд. Субъектони ин самти дипломатияи об шахсони алоҳида, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ва доираҳои дигари бонуфузи ҷомеа мебошанд, ки тавассути имиҷи худ метавонанд дар ҳаллии масъалаҳои баррасишавандаи вобаста ба об

миёни ҷонибҳои дахлдор таъсиргузор бошанд. Тафовути муколамаи байни ин субъектҳо аз субъектҳои давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар пешбурди муколама озод мебошанд ва метавонанд барои пешбурди дипломатияи об ба субъектҳои давлатӣ харитаи роҳ пешниҳод намоянд.

Самти чоруми дипломатия об ин дипломатияи мардумӣ мебошад. Дипломатияи мардумӣ дар соҳаи об дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ ва байнидавлатӣ (дар ҳудудҳои наздимарзию марзии дорои сарчашмаҳои ягонаи обӣ ё объектҳои муштараки обӣ) сурат гирифта, шахсони алоҳида ё доираҳои муайяни ҷомеа бо роҳу воситаҳои гуногун ба созиш расида, масъалаҳои гуногуни вобаста ба об, аз ҷумла тақсимоти дурусти ҳаҷми об, истифодаи оқилонаи об, муташаккилона бунёд намудани инфрасохтори обрасонӣ ва реҷаи обрасонӣ ва ғайраҳоро байни ҳам бо роҳи мусолиҳатомез ва ҳамсоягии нек ҳал мекунанд.

Самти панҷуми дипломатияи об ин дипломатияи бисёрсамта буда, он барои нигоҳ доштани муколама дар шароити номуайяни сиёсӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мураккабтарини вобаста ба об бисёр зарур мебошад. «Азбаски равандҳои дипломатияи об барои ба даст овардани манфиатҳои мутақобила барои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор нигаронида шудаанд, муттаҳид кардани донишҳои илмӣ бо воқеияти контекстӣ барои мувофиқ кардани манфиатҳои гуногун муҳим аст. Дар ин самт муколамаҳо оид ба идоракунии обҳои фаромарзӣ ба таъсиси платформаҳои ҳамкорӣ дар сатҳҳои гуногун (масалан, минтақавӣ, зерминтақавӣ, миллӣ, ҳавзавӣ) мусоидат мекунанд ва ба эҷоди як биниши муштарак байни иштирокчиён аз бахшҳои гуногун ва давлатҳои ҳавзавӣ мусоидат мекунанд. Ин муколамаҳо одамон ва муассисаҳоро аз кишварҳои ҳамҷавор барои таъсиси низомҳои мубодилаи додаҳои минтақавӣ, тарҳрезии роҳҳои ҳалли муштарак ва стратегияҳои минтақавӣ муттаҳид мекунанд» [188].

Омӯзиши самтҳои дипломатияи об нишон медиҳад, ки он дар доираҳои гуногун, сатҳҳои гуногун ва паҳнои ҷуғрофии гуногун сурат гирифта, доираи

васеъи масъалаҳои вобаста ба обро фаро мегирад ва ҳар як самт дар ҳолати мушаххас ва барои ҳалли мушкилоти мушаххас нигаронида шудааст. Чунин воқеият муҳиммияти аслии дипломатияи об ва зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи онро дар шароити кунунӣ нишон медиҳад. Бо инобати воқеияти имрӯзаи ҷаҳонии мушкилот ва масъалаҳои вобаста ба об асосҳои назариявии таҳқиқи он мукаммалгардонии хеле ҷиддиро тақозо менамояд.

Таҳқиқот нишон дод, ки то ҳанӯз нигоҳи ягона вабаста ба шинохту тафсир ва таърифи илмии дипломатияи об мавҷуд нест. Дар монографияи тозанашр, ки аз ҷониби коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ вобаста ба масоили об ва дипломатияи об таълиф гардидааст, фаҳмиши нисбатан васеи мафҳуми дипломатияи об дода шудааст. Дар монографияи мазкур таъкид мегардад, ки «дипломатияи об натанҳо фарогири муносиботи дипломативу музокиротии аз ҷониби давлатҳо амалишавандаест, ки дар шакли расмиёти дипломатӣ сурат мегирад, балки он ҳамзамон истифодаи равиши дипломатиро дар шароити бавуҷудоии масоили хурди маҳаллӣ ва вазъияти ғайрирасмӣ дар назар дорад, ки дар муносибатҳои вобаста ба идоракунии захираҳои обӣ миёни субъектони гуногун ба вуҷуд меояд» [189]. Таълифоти мазкур барои омӯзиш ва дарёфти роҳу усулҳои нав дар дипломатияи об аҳамияти муҳим дорад, зеро таҳқиқоти навини зиёда аз 80 муаллифро аз тамоми ҷаҳон фаро мегирад, ки барои тамоми субъектони идоракунандаи захираҳои обӣ нигоҳи наверо вобаста ба шинохти захираҳои обӣ ва идоракунии он ба вуҷуд меоварад. Тавре, ки яке аз муҳаррирони таълифоти мазкур таъкид намудааст, сухан на танҳо дар бораи ҳалли проблемаҳои обӣ, балки оиди ҳалли проблемаҳои одамон вобаста ба об меравад, ки дараҷаи мубрамият ва доираи таҳқиқи масъала ва хонандагони онро зиёд менамояд. Дар таълифоти мазкур дипломатияи об ҳамчун унсури самтгиранда ба мушкилоту равандҳои мушаххас мебошад, ки факту далелҳои илмиву иҷтимоиро ҷиҳати ташаккули иродаи сиёсӣ ва тавлиди шароити мусоиди муколамаи тарафҳо, ба ҳам пайванд месозад.

Аз дидгоҳи равандӣ-институсионалӣ дипломатияи об ин маҷмӯи динамикии равандҳо ва таҷрибаҳои сиёсиест, ки барои пешгирӣ, муътадилсозӣ ва ҳалли баҳсҳо вобаста ба захираҳои обии фаромарзӣ, инчунин коркарди механизмҳои якҷояи идоракунии захираҳои обӣ равона гардидааст. Аксаран ҷонибдорони чунин равиши таҳлил ва омӯзиши дипломатияи об на танҳо дипломатҳо ва коршиносони муносибатҳои байналмиллалианд, балки он коршиносони риштаи гидрополитика, экология ва геополитикаро низ фаро мегирад.

Таърифи меъёрӣ-ҳуқуқии дипломатияи обро дар таҳлилҳои илмии муҳаққиқони Донишгоҳи Кембриҷ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз нигоҳи муҳаққиқони мазкур дипломатияи об ин василаи сиёсати хориҷӣ ва амнияти минтақавӣ мебошад, ки принсипҳои ҳуқуқи байналмиллалиии обиро ба сифати меъёри танзимкунанандаи низоъҳои гидрополитикӣ ва тавлидкунандаи шароити ҳамкории байнидавлатӣ истифода менамояд [190].

Нигоҳи хоса вобаста ба тафсиру таърифи дипломатияти об ин ҳамоно муайянсозии илмии он тавассути омӯзиши нақши функсионалии дипломаатияи об дар бартарафсозии таҳдидҳои глобалӣ мебошад. Дар ин росто таърифӣ дипломатияи об аз нигоҳи иқлимиву экологӣ мебошад. Як гурӯҳ муҳаққиқони равиши мазкур дипломатияи обро ҳамчун василаи калидии мубориза бо ивазшавии иқлим, ҳифзи муҳити зист ва мусоидат ба рушди устувор таъриф медиҳанд [191].

Гурӯҳи дигари муаллифон бар ин назаранд, ки дипломатияи об ин санъати созмондиҳии низоми робитаҳои байналмиллалиест, ки дар он истифода ва ҳифзи об барои ҳамаи тарафҳо муфидтар ва амнтар мебошад [192, с. 338].

Як қатор муаллифон таъкид менамоянд, ки коркарди механизмҳои самаранок дар низомҳои мураккаби фарогирандаи дипломатияи об истифодаи «равиши мутобиқшавӣ» дар дипломатияи обро тақозо мекунад. Ин зарурат аз воқеияти мутобиқшвӣ ва чандирият дар истифодаи усулҳои

дипломатияи об бар меояд, зеро механизмҳои дипломатияи об бояд дар дилхоҳ шароит ва сатҳу минтақа коршоям ва натиҷаовар бошанд. Аз ин хотир, усули мазкур имкон медиҳад, ки унсурҳои дипломатяи об ба шароити маҳал ва тағйироти экологӣ, тағйирот дар самти арзаву тақозо нисбати об ва таносуби демографии он, инчунин ба механизмҳои босамари дар шартномаҳои дахлдор инъикосгардида ҷавобгӯ бошанд, то ин ки амнияти геополитикиву табии обро таъмин намоянд [193].

Омӯзиши ҳамаҷонибаи дипломатияи об дар сатҳҳои гуногуни ҷомеа ва татбиқи амалии он дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ва бахшҳои он имкон медиҳад, ки мушкилоти вобаста ба об хубтар дарк карда шавад ва василаҳои муассири ҳаллии он дар ҳама лаҳзаҳо дарёт гардад.

Бо инобати маҷмуи омилҳо ва нақши калидии дипломатияи об Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «имрӯз дар шароити таъсири афзояндаи равандҳои глобалӣ ба захираҳои об ва якбора зиёд гаштани истеъмоли об барои эҳтиёҷоти одамон, иқтисоду низомҳои экологӣ фақат бар асоси эътимоди тарафайн, баҳисобгирии одилонаи эҳтиёҷоту талабот ва иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, дарёфту ба таври доимӣ беҳтар намудани муколама ва шарикӣ оид ба масъалаҳои об роҳандозӣ намудани ҳамкории самарабахшу оқилона дар соҳаи об ба эҷоди рушди устувор, коҳиши камбизоатӣ ва рафъи нобаробарӣ, нигаҳдории тавозун ва устувории экологӣ ва, умуман, таъмини сулҳу амонӣ мусоидат хоҳад кард» [7].

Дар ин замина коркарди асосҳои назариявии илман асоснокшуда ва арзёбии воқеияти консепсияҳои вобаста ба дипломатияи обро тақозо менамояд.

Бо таҳлили назарияҳои гуногун муаллиф чунин таърифи дипломатияи обро манзур менамояд: Дипломатияи об қисми таркибӣ ва таърихии дипломатия буда, барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба об бо ҷалби субъектҳои

гуногунсатҳи дорои манфиатҳои умумии обӣ дар ҳавзаҳои муштараки об ва ё масъалаҳои умумибашаррии обӣ нигаронида шудааст.

Аз таҳлили ҳамаҷонибаи назарияҳои гуногун вобаста ба дипломатияи об, вазифаҳои дипломатияи об, самтҳои татбиқи он метавон чунин хулоса намуд:

- дипломатияи об падидаи дорои решаҳои тулонии таърихӣ буда, дар ҳама даврaҳо инсоният барои истифодаи муштараки манбаъҳои об ва бунёди инфрасохтори гуногуни обрасонӣ бо ҳам ҳамкорӣ намуда, ба созиш расидааст;
- таҳқиқи консептулаии дипломатияи об имкон медиҳад, ки чандин саҳифаҳои таърихи башарият ва халқу миллатҳои гуногун бештар ошкор ва равшан гарданд;
- ба роҳ мондани омӯзиши дипломатияи об ҳамчун фанни алоҳидаи таълимӣ;
- пешбинӣ намудани ихтисоси алоҳидаи дипломатияи об ва омода намудани мутахассисон дар ин самт;
- дар заминаи институту марказҳои дар муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон мавҷудбуда таҳия ва амалӣ намудани лоиҳаҳои илмию таҳқиқотӣ вобаста ба таърихи дипломатия об.

Роҳандозӣ намудани омӯзиши дипломатияи об ҳамчун фанни алоҳидаи таълимӣ имкон медиҳад, ки заминаҳои таърихию методологии он бештар омӯхта шаванд ва донишҳои бештар доир ба он ба вуҷуд биёяд. Дар баробари ин, фанни мазкур имкон медиҳад предмет ва объекти он бештар мавриди таваҷҷуҳи олимону муҳақиқон қарор гирад ва паҳнои омӯзишу таҳқиқи дипломатияи об фарохтар гардад.

Дар маҷмуъ масъалаҳои вобаста ба об, алалхусус ҳамкориҳо дар бахшу соҳаи об ва дипломатияи об таваҷҷуҳи муҳақиқони зиёдеро дар ҳамаи самтҳо, аз ҷумла дар илмҳои сиёсӣ ба худ ҷалб намуда, назарияҳои муайян доир ба мафҳум ва моҳияти дипломатияи об дар илмҳои сиёсӣ ба вуҷуд омадаанд.

Таҳлили консептуалии назарияҳои гуногун нишон медиҳанд, ки дар раванди рушди ҷомеаи башарӣ об аз сарвати табиӣ ба яке аз объектҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ ва рӯзномаи сиёсии ҷаҳонӣ табдил ёфта, он заминаи ба вуҷуд омадани донишҳои нави сиёсӣ гардидааст. Дар ин иртибот омӯзиши донишҳои мазкур натанҳо боиси рушд ёфтани як самти нав дар илмҳои сиёсӣ, инчунин торбанди муайянкунандаи саҳифаҳои нави таърихи иртиботи байни халқу миллатҳои гуногуни ҳаммаскун дар ҳавзаҳои ягонаи обӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мебошад.

1.2. Заминаҳои табиӣ ва асосҳои амалии шаклгирии дипломатияи об дар шароити муосир

Заминаи муносибатҳои сиёсии гуногунарсаи ҷаҳониро омилҳои гуногун ташкил дода, асоси онро таъмини ниёзҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ ташкил медиҳад. Муносибатҳои сиёсии вобаста ба об дар тафовут аз муносибатҳои болозикр заминаи табиӣ дошта, пайдоиши он ба иродаи сиёсии ҷонибҳои муносибатҳо камтар вобастагӣ дорад. Чунин муносибатҳо дар ду тарҳ, ки ҳарду ҷанбаи таърихӣ доранд сурат гирифтааст. Тарҳи ибтидоӣ муносибатҳои инфиродӣ ва байниқавмию байналхалқиро фаро гирифта, тарҳи дуюм миёни давлатҳо сурат мегирад. Тарҳи дуюм маҳз дар заминаи тарҳи якум ба вуҷуд омада, дар натиҷаи пешрафти он шакли муосири муносибатҳо ба вуҷуд омадаанд.

Заминаҳои табиии муносибаҳои сиёсии вобаста ба обро вобастагии якҷониба, мутақобила ва бисёрҷонибаи давлатҳо дар ҳавзаҳои ягонаи обӣ ташкил медиҳанд. Тарҳи ҳудудию марзии давлатҳои муосир тарзе бунёд гардидаанд, ки қисми зиёди онҳо дар ҳавзаҳои ягонаи обӣ ҷойгир шуда, вобастагии байнидавлатиро дар истифодаи захираҳои об ба вуҷуд овардааст.

Тибқи назарияҳои пайдоиши давлат, ки яке аз онҳоро назарияи ирригатсионӣ ташкил менамояд аввалин давлатҳо ё давлатҳои ибтидоӣ маҳз дар соҳили баҳру дарёҳо ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтаанд ва бо номи давлатҳои соҳилӣ шинохта шудаанд. Бунёдгузори назарияи болозикр К.

Витфогел ба он андеша буд, ки пайдоиши давлатҳои қадим ба бунёди дастаҷамъонаи инфрасохтори обрасонӣ алоқаманд аст, ки қабилаҳои алоҳида қудрати сохтани онро дар танҳоӣ надоштанд.

Ин ҳолат муносибатҳои ибтидоиро байни халқҳои гуногун дар соҳаи об ба вуҷуд овард. Ба андешаи ӯ одамони ибтидоӣ баъди машғул гардидан ба фаъолияти зироаткорӣ ва дар маҷмуъ, кишоварзӣ қобилияти идоракунии захираҳои обро аз худ менамояд. Дар ҳамин замина фаъолияти гидравликӣ ва гидротехникӣ ба вуҷуд меояд, ки асоси пайдоиши ҷомеаҳои мукаммал ва давлат дониста мешавад [38, с.13].

Тибқи назарияҳои дигар гидросфера заминаи ибтидоии пайдоиши аввалин тамаддун низ дониста мешавад. Дар ин замина, Л.И. Мечников гидросфераро яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба муҳити географӣ дониста, қайд менамояд, ки “инкишофи тамаддунҳо аз хусусиятҳои истифодаи захираҳои об вобаста аст. Ба андешаи ӯ аҳолӣ маҳз дар ҳудудҳои объектҳои об ҷойгир шуда, ҳамин ҳудудҳо созгор ба шароити зист ва муназзамии ҳаёт мебошанд. Гидросфера шарти асосии ҳаёти иқтисодии ҷомеа, дараҷаи ҳамзистии онҳо ва соҳили дарёҳо, баҳрҳо ва уқёнусҳо ҳудуди асосии ҷойгиршавии аҳолӣ, пайдоиши давлат ва нахустгаҳвораи тамаддуни башарият мебошанд. Дар назарияи пайдоиши тамаддунҳо Л.И. Мечников таърихи ташаккули тамаддунҳои ҷаҳониро ба се давраи асосӣ тақсимбандӣ намудааст: давраи азхудкунии дарёҳо – асрҳои қадим, ки ба ҳам наздикшавии халқҳо ва муносибатҳои ибтидоии байналхалқӣ оғоз мегардад; давраи баҳрӣ – асрҳои миёна, ки асосан Юнон ва Римро дар бар мегирад; давраи уқёнусӣ – замони Нав, ки қарни атлантикӣ ва ҷаҳонӣ ёд мешавад ва ба давраи кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ рост меояд. Дар ин давра робитаи комил миёни халқҳои ҷаҳон оғоз мегардад” [152].

Бо бунёд гардидани давлатҳои миллии муосир ва тақсимотҳои ҳудудию марзии чанд қарни охир, дар ҳудуд ва соҳилҳои ягонаи обӣ давлатҳои гуногун ташкил шуда, пайвандии доимии байнидавлатиро ба вуҷуд овард, ки

он ногузир муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байналхалқиро дар соҳаи об асоси табиӣ гузошт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин замина иброз намудаанд, ки «дар масоили таъминоти об нуктаи асосӣ таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи об дар сатҳи минтақа ва байни кишварҳои ҳавзаи обҳои фаромарзӣ мебошад. Мо бояд таҷрибаи пешрафтаро оид ба идоракунии якҷояи захираҳои об ва истифодабарии оқилонаи онҳоро пеш аз ҳама дар ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ амиқан омӯзем» [7].

Дар шароити имрӯз дар дунё зиёда аз 276 дарёҳои фаромарзӣ ва 270 ҳавзаҳои ягонаи оби зеризаминии фаромарзӣ мавҷуд буда, қисми зиёди онҳо ҳудудҳои ду ва зиёда давлатро фаро гирифтаанд.

Тибқи маълумоти мавҷуда, 155 ҳавзаи ягонаи обӣ қаламрави ду давлатро фаро гирифта, зиёда аз 100 ҳавзаи дигари ягонаи обӣ дар ҳудуди се ва ё зиёда аз он давлат ҷойгир мебошанд. Дар ин замина, 70 ҳавзаи ягонаи обии байнидавлатӣ дар қитъаи Аврупо, 53 ҳавза дар Осиё, 39 ҳавза дар Америкаи Марказӣ ва Шимолӣ, 38 ҳавза дар Америкаи Ҷанубӣ ва 6 ҳавзаи ягонаи обӣ дар қитъаи Африқо мавқеъ доранд. Дар маҷмуъ, дарёҳо ва ҳавзаҳои фаромарзии зикршуда тақрибан 75 фоизи масоҳати қаламрави 50 давлати ҷаҳонро фаро мегиранд, ки аҳаммияти баланди геосиёсӣ ва геоиқтисодии идоракунии муштараки захираҳои обро дар сатҳи байналмилалӣ бозгӯ менамояд [58, с. 12].

Ҳолати мазкур вобастагии байнидавлатии обиро ба вуҷуд оварда, ҷиҳати таъмини ниёзҳои иқтисодию иҷтимоии худ давлатҳои дорои ҳавзаҳои ягонаи обӣ ба таври ногузир миёни ҳам ҳамкориҳоро барои истифодаи муштараки захираҳои об ба роҳ мемонанд.

Мувофиқи маълумоти мавҷуда ба истиснои давлатҳои дар ҷазираҳо ҷойгирбуда, давлатҳои дигари дунё новобаста аз ҳаҷми захираҳои оби доштаашон мустақилияти обӣ надоранд. Ҳатто давлатҳои дорои захираҳои фаровони об, аз ҷумла Бразилия, Федератсияи Россия, Штатҳои Муттаҳидаи

Америка, Канада, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Колумбия, Перу, Ҳиндустон, Ҷумҳурии Демократии Конго низ ҳаҷми муайяни захираҳои оби худро аз дарёҳои фаромарзӣ мегиранд, ки дар кишварҳои дигар ташаккул меёбанд.

Аз ҷумла, Бразилия дорои 8233 км^3 захираи об буда, 34,2 дарсади он аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ мебошад. Ба ҳамин ҳолат Федератсияи Россия дорои 4508 км^3 4,3 дарсад аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ, Штатҳои Муттаҳидаи Америка дорои 3051 км^3 об, 8,2 дарсад аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ, Канада дорои 2902 км^3 об, 1,8 дарсад аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой дорои 2830 км^3 об, 0,6 дарсад аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ, Колумбия 2132 км^3 об, 0,9 дарсад аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ, Перу дорои 1913 км^3 об, 15,5 дарсад аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ, Ҳиндустон дорои 1880 км^3 об, 33,4 дарсад аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ, Ҷумҳурии Демократии Конго дорои 1283 км^3 об, 29,9 дарсад аз ҳисоби дарёҳои фаромарзӣ мебошанд [58, с. 14].

Дар ин радиф гурӯҳи дигари давлатҳо пеш аз ҳама вобастаи захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ, ки дар ҳудуди дигар кишварҳо ташаккул меёбанд, мебошанд. Аз ҷумлаи чунин кишварҳо Кувайт 100 фоиз захираи оби худро аз дарёҳои фаромарзӣ, Туркменистон 97,1 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Миср 96,9 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Мавритания 96,5 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Маҷористон 94,2 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Молдова 91,4 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Бангалдеш 91,3 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Нигер 91,3 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Нидерланд 87,9 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Ӯзбекистон 77,4 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Озарбойҷон 76,6 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Украина 62 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Латвия 52,8 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, белорусия 35,9 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Литва 37,5 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ, Қазоқистон 31,2 фоиз аз дарёҳои фаромарзӣ [58, с. 14] мегиранд, ки вобастагии ҷиддии байнидавлатӣ дар соҳаи об мебошад.

Бе танзими дурусти истифодаи муштараки захираҳои оби байнидавлатӣ дар заминаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва таҳкими ҳамаҷонибаи

дипломатияи об дар муносибатҳои сиёсии ҷонибҳои ҳавзаҳои ягонаи обӣ таъмини рушди муназзами иқтисодию иҷтимоии чунин давлатҳо ғайриимкон мебошад.

Чунин вобастагии табиии байнидавлатӣ ба таври ногузир зарурати ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро миёни тарафҳои ҳавзаҳои ягонаи обӣ ба миён оварда, дар пайи он заминаҳои сиёсию ҳуқуқии ташаккули дипломатияи об ба вуҷуд меояд.

Заминаҳои сиёсию ҳуқуқии мазкур дар навбати худ таҳкимбахши заминаҳои табиии дипломатияи об гардида, маҷмуи муносибатҳо ва ҳамкориҳоро дар соҳаи об мукаммал мегардонанд.

Муҳаққиқ Ю.Х. Беков менависад, ки «тибқи маълумоти мавҷуда давоми солҳои 1800-1951 ҳолатҳои зиёди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байнидавлатӣ дар самти истифодаи муштараки захираҳои оби ҳавзаҳои ягонаи обӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки 67,1 дарсади мазмуни асосии онҳоро ба роҳ мондани ҳамкории байнидавлатӣ, сифати об, ҳаҷми об, бунёд ва истифодаи муштараки инфрасохтори обрасонӣ ва тақсимоти оқилонаи об миёни ҷонибҳо ташкил медиҳад» [168].

Бо инобати муҳиммияти масъалаи мазкур дар ҳамаи даврaҳои таърихӣ барои танзими дурусти муносибатҳо, ҳамкориҳои мутақобилан судманд, ҳусни ҳамҷаворӣ ва тавассути роҳҳо ва принсипҳои дипломати ҳал намудани мушкилоти идоракунии захираҳои об дар ҳавзаҳои ягонаи байнидавлатии обӣ аз соли 805 то кунун зиёда аз 3600 созишнома ва шартномаҳо дар ин самт миёни ҷонибҳои гуногунарса баста шудаанд.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳо, тақрибан соли 2500 пеш аз милод миёни давлатҳои шумерии Лагаш ва Умма созишномаи махсус оид ба истифодаи муштарак ва оқилонаи захираҳои оби дарёи Даҷла ба имзо расидааст. Ин санади аввалини ҳуқуқии марбут ба идоракунии байнидавлатии захираҳои об ба танзими баҳсҳои мавҷудаи байни ин ду воҳиди сиёсӣ вобаста ба ҳуқуқи

дастрасӣ ва истифодаи оби дарёи мазкур равона гардида, ба поён ёфтани ихтилофоти байнидавлатӣ дар ин масъала мусоидат намудааст [180].

Санадҳои мазкур аҳаммияти баланди сиёсию таърихӣ ва дипломатӣ дошта, инъикосгари раванди тӯлонии ташаккулёби ва рушди дипломатияи об мебошанд.

Таҳлили мазмуни санадҳои мазкур нишон медиҳанд, ки онҳо доир ба масъалаҳои муҳимми вобаста ба об, ки хоси ҳамон давраи таърихӣ буданд таҳия гардида, ба тасвиб расидаанд. Масалан, мазмуни қисми зиёди созишномаҳои то қарни XX басташударо интиқоли об ва аломатгузории сарҳадҳои фазои обии байнидавлатӣ миёни кишварҳои дорои ҳавза ва паҳнои ягонаи обӣ ташкил медиҳанд. Илова бар ин, мазмуни қисми дигари созишномаҳои то ин давра басташударо танзими дурусти сиёсию ҳуқуқии гардиши мол, тиҷорат ва боркашонӣ тавассути роҳҳои баҳрӣ ва обӣ миёни ҷонибҳои манфиатдор ва кишварҳои дорои гузаргоҳҳо ва роҳҳои обии аҳаммияти байнидавлатӣ ва минтақивию байналмилалидошта ташкил медиҳад.

Бо шиддат гирифтани мушкилоти марбут ба об, мазмуни санадҳои ҳамкорӣ дар ин соҳа низ тадриҷан тағйир ёфт. Масоили гидроэкологӣ, таъмини аҳолӣ бо миқдори кофии оби нӯшокии босифат дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ, қонеъ гардондани талаботи рӯзафзуни бахшҳои кишоварзӣ ва саноат, ҳифзи манбаъҳои оби ширин ва ҷилавгирӣ аз коҳиши онҳо аҳаммияти бештар пайдо карданд.

Ҳамзамон, масъалаҳои коҳиш додани таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об, паст кардани хавфи офатҳои табиии вобаста ба об ва ҷустуҷӯи усулҳои муосири идоракунии самараноки захираҳои об дар ҳавзаҳои муштараки байнидавлатӣ ва дарёҳои фаромарзӣ ба рӯзномаи ҳамкорӣ ворид шуданд. Дар натиҷа, аз нимаи дуюми асри XX маҳз ҳамин гурӯҳи масъалаҳо ба меҳвари асосии созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи об табдил ёфтанд.

Дар меҳвари созишномаҳои мазкур танзим ва идоракунии дарёҳои фаромарзӣ ташкил дода, онҳо фарогири ҳамаи масъалаҳои болозикр мебошанд. Созишномаҳо бештар ба он кишварҳое рабт доранд, ки бо кишварҳои дигар дарёҳои фаромарзӣ ва ҳавзаҳои ягонаи обӣ доранд. Дар ин миён кишварҳо ҳам муносибати дуҷониба ва ҳам бисёрҷониба дошта, қисме аз кишварҳо бо даҳҳо давлаҳои ҳамҷавори худ ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаро ба роҳ мондаанд. Аз ҳама бештар созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба дар дарёҳои фаромарзӣ Федератсияи Россия дорад, ки бо кишварҳои ҳамҷавори худ ҷиҳати идоракунӣ ва истифодаи муштараки дарёҳои фаромарзӣ ба тасвиб расонидааст. Дар ин замина, як қатор созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба имзо расидаанд. Аз ҷумла, байни ФР ва Ҷумҳурии Эстония санад оид ба истифода ва идоракунии муштараки кӯли фаромарзии Чуд (Пепси) қабул гардидааст. Ҳамчунин, Россия ва Ҷумҳурии Беларус созишномаро дар бораи танзим ва истифодаи захираҳои оби дарёи фаромарзии Нарва ба тасвиб расониданд.

Илова бар ин, созишномаи сеҷониба миёни Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон вобаста ба истифодаи муштараки захираҳои обии дарёҳои Чу ва Талас ба имзо расида, заминаи ҳуқуқии ҳамкории байнидавлатиро дар ин самт таҳким бахшид.

Илова бар ин, Федератсияи Россия дар доираи як қатор ҳавзаҳои фаромарзии обӣ бо кишварҳои ҳамсоя ҳамкориҳои муназзами дуҷониба ва бисёрҷонибаро роҳандозӣ намудааст. Аз ҷумла, дар ҳавзаи дарёҳои ба баҳри Балтика ҷоришаванда, ҳавзаи кӯлҳои Ладож ва Вуокс, инчунин, дар ҳавзаҳои дарёҳои Тулома, Оуланкайоки ва Кем бо Ҷумҳурии Финландия муносибатҳои шартномавӣ ба роҳ монда шудаанд. Дар ҳавзаи дарёи фаромарзии Неман ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Латвия, Ҷумҳурии Литва ва Ҷумҳурии Лаҳистон амалӣ мегардад, дар ҳоле ки дар ҳавзаи дарёи Преголя созишномаҳои дахлдор бо Ҷумҳурии Лаҳистон ва Ҷумҳурии Литва мавриди татбиқ қарор доранд.

Ҳамзамон, ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар як қатор ҳавзаҳои обии фаромарзӣ ташаккул ёфтаанд. Аз ҷумла, дар ҳавзаи дарёи Павик ҳамкорӣ бо Шоҳигарии Норвегия ва Ҷумҳурии Финландия ба роҳ монда шудааст. Бо Ҷумҳурии Гурҷистон ҳамоҳангӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Псоу, Терек ва Сулак амалӣ мегардад. Дар ҳавзаи дарёи Самур ҳамкории дахлдор бо Ҷумҳурии Озарбойҷон сурат гирифтааст.

Ҳамзамон, дар ҳавзаи дарёи Иртиш ҳамкориҳои бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Муғулистон ташаккул ёфтаанд. Бо Ҷумҳурии Қазоқистон, илова бар ин, дар ҳавзаҳои дарёҳои Тобол ва Ишим низ механизмҳои муштараки идоракунӣ амал мекунанд.

Ҳамкории дуҷониба бо Ҷумҳурии Муғулистон дар ҳавзаи Селенга ба роҳ монда шуда, дар минтақаи дарёҳои Амур ва Аргун шакли ҳамкории сеҷониба бо иштироки Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Муғулистон татбиқ мегардад.

Дар ҳавзаи дарёи Уссурӣ ва кӯли Ханка ҳамоҳангӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин сурат мегирад. Ҳамчунин, дар мавриди дарёи фаромарзии Туманная ҳамкории муштарак бо Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба роҳ монда шудааст.

Дар маҷмуъ, барои танзими фарогири муносибатҳои байнидавлатӣ дар ҳавзаҳои обии зикршуда санадҳои ҳуқуқии дахлдор қабул гардидаанд. Ин санадҳо ба истифодаи устувори захираҳои об, пешгирии ихтилофҳо ва таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи идоракунии об мусоидат мекунанд.

Чунин ҳолати ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои бисёрсамта дар заминаи дарёҳои фаромарзӣ ногузир будани дипломатияи обро дар сохтори муносибатҳои байналхалқӣ нишон медиҳад. Ҳамкориҳо дар дарёҳои фаромарзӣ миёни кишварҳои дорои ҳудуд, иқтисод ва иқтидори геосиёсии гуногун далели возеҳи зарурати табиии ногузир будани дипломатияи об дар ҷаҳони муосир мебошад.

Ба роҳ мондани ҳамкориҳои бисёрсамта дар дарёҳои фаромарзӣ ва сарҳадӣ бо ҳамаи кишварҳои ҳамҷавор аз ҷониби Федератсияи Россия новобаста аз мавқеи геосиёсии онҳо нишон медиҳад, ки ба дипломатияи об ва ҳамкориҳо дар соҳаи об мавқеи мухталифи геосиёсии кишварҳо низ монеъа шуда наметавонанд.

Ҳамкориҳои бисёрсамта миёни кишварҳои Ҳиндӯстон, Чин, Афғонистон, Непал ва Покистон низ дар заминаи дарёи фаромарзии Ҳинд таърихи тӯлонӣ дошта, ҳолатҳои гуногунро дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои болозикр ба вуҷуд овардааст.

Дарёи Ҳинд аз ҷумлаи дарёҳои калонтарини фаромарзӣ дар ҷаҳон маҳсуб ёфта, истифодаи оби он миёни кишварҳои шомили ҳавзаи дарёи мазкур ба таври муътадил ба роҳ монда шудааст. Танҳо ихтилофҳои алоҳида миёни Ҳиндӯстон ва Покистон рух додаанд. Барои ҳалли ихтилофҳои ҷойдошта ҳанӯз соли 1960 бо миёнаравии Бонки Ҷаҳони Ҷумҳурии Ҳиндӯстон ва Ҷумҳурии исломии Покистон Шартномаи обҳои Ҳиндро ба тасвиб мерасонанд, ки муносибатҳои дуҷонибаи ҳамкорӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар истифодаи оби дарёи мазкур замина гузошта мешавад. Дар асоси созишномаи мазку комиссияи дарёи Ҳинд ташкил карда мешавад, ки ҳамаи масъалаҳои вобаста ба истифодаи муштараки захираҳои оби дарёи мазкурро танзим менамояд [58, с. 14]. Шартномаи мазкур дар ҳоле баста шудааст, ки миёни Ҳиндӯстон ва Покистон низоъҳои шадид идома дошт ва натанҳо амнияти ҳарду кишвар, балки амнияти минтақавӣ низ зери хатари ҷиддӣ қарор гирифта буд.

Меъёрҳои шартномаи мазкур ва комиссия дарёи Ҳинд дар ҳолати ҷанг миёни ҳарду кишвар амал намуданд ва истифодаи муштараки захираҳои об таъмин карда шуд. Далели мазкур нишонаи равшани ҷойгоҳи дипломатияи об ва амалкарди он дар ҳамаи даврaҳо ва вазъу ҳолати сиёсию низомӣ мебошад.

Ба ҳамин монанд ҳамкориҳои миёни кишварҳои Бангладеш, Бутан, Ҳиндӯстон, Ҷумҳурии мардумии Чин, Мянма ва Непал дар дар ҳавзаи дарёҳои Ганга ва Брахмапутра мебошад, ки марҳилаҳои гуногунро сипарӣ намудааст. Дар ибтидо барои истифодаи муштараки обҳои дарёҳои болозикр миёни ин кишварҳо ихтилоф ҷой дошт ва дар ҳолаҳои алоҳида низоъҳои байнидавлатӣ сар задаанд. Соли 1977 кишварҳои ҳавзаи дарёҳои мазкур ба созиш мерасанд ва Кумитаи муштараки ҳавзаи дарёҳои Ганга ва Брахмапутра аз ҳисоби намояндагони ҳамаи кишварҳои шомили ҳавза ташкил карда мешавад. Тибқи тавофуқи бадастомада аз се ду ҳиссаи оби дарёи Брахмапутра барои Бангладеш ҷудо карда мешавад ва Бангладеш уҳдадор мегардад, ки ба воситаи наҳри обпартои дар ҳудуди он кишвар ҷойгирбуда дар давраи хушкӣ аз дарёи Брахмапутра ҳаҷми муайяни обро ба дарёи Ганги Ҳиндӯстон интиқол диҳад ва ба ин васила талаботи кишварҳои дигари ҳавзаи мазкур бо ҳаҷми зарурии об таъмин карда шаванд [58, с.14].

Тавофуқи мазкур ҳамгироии кишварҳои болозикрро дар истифодаи муштараки захираҳои ягонаи обӣ таъмин намуда, асоси истифодаи муштарак ва оқилонаи захираҳои об дар ин минтақа мегардад.

Тавофуқоти дигар миёни кишварҳои ин минтақа дар ҳавзаи дарёи Меконг миёни кишварҳои Ветнам, Камбоҷа, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Мянма, Лаос ва Таиланд ба тасвиб расидааст.

Дарёи мазкур аз калонтарин дарёи фаромарзии ин минтақа маҳсуб ёфта, ҳанӯз соли 1957 бо дастгирии СММ комиссияи дарёи Меконг ташкил карда мешавад ва дар заминаи он ҳамкориҳои кишварҳои шомили ҳавзаи дарёи мазкур роҳандозӣ мегардад. Комиссияи мазкур ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои самрабахши кишварҳои болозикрро дар ҳавзаи дарёи мазкур таъмин намуда, ҳатто дар давраи ванги Ветнам низ фаъолияти худро ба таври муназзам идома додааст. Дар ин радиф ҷиҳати тақвияти бештари ҳамкориҳои бисёрҷониба чор кишвари ҳавзаи дарёи мазкур соли 1995 созишномаи ҳамкорӣ оид ба рушди устувори ҳавзаи дарёи Мекongро ба тасвиб мерасонанд. Кишварҳои

Чин ва Мянма ҳарчанд ба созишномаи мазкур шомил намегарданд, аммо дар маҷмуъ иштирокчии доимии муколамаи комиссия, ки тибқи созишномаи мазкур таъсис ёфтааст мебошанд.

Масъалаҳои мазкур хоси кишварҳои Шарқи Наздик низ буда, онҳо дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзии Даҷла, Фурот ва Иордан ҷойгир шуданд. Дарёҳои фаромарзии Даҷла ва Фурот кишварҳои Эрон, Ироқ, Иордания, Арабистони Саудӣ, Сурия ва Туркияро фаро гирифта, миёни кишварҳои мазкур барои истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои болозикр ихтилофҳои зиёд ҷой дошта, пайваста бархурди манфиатҳо ба вуҷуд меоянд [180].

Ихтилофҳо бештар миёни кишварҳои болооб ва поёноб, махсусан миёни Туркия, Ироқ ва Сурия рӯй медиҳанд. Туркия дар маҷрои дарёҳои болозикр обанборҳо ва неругоҳҳои барқи обӣ сохта, ҳамзамон, аз ҳисоби сохтмони ин иншоотҳои гидротехникӣ масоҳати зиёди заминҳои нави кишоварзиро обёрӣ менамояд, ки ин ҳолат боиси бамаротиб кам гардидани ҳаҷми об дар дарёҳои фаромарзии мазкур ва бе об мондани ҳудудҳои муайяни Ироқ ва Сурия мегардад.

Баръакси ин ҳолат дар маҷрои дарёфи фаромарзии Иордан созишҳои байнидавлатӣ амал намуда, истифодаи муштараки захираҳои оби ин дарё миёни ҷонибҳои шомили ҳавза дар сатҳи муътадил роҳандозӣ гардидааст. Дарёи фаромарзии Иордан аз ҳудуди як қатор кишварҳои Ховари Миёна, аз ҷумла Миср, Исроил, Иордания, Ливан, Фаластин ва Сурия мегузарад. Дар заминаи истифодаи муштараки захираҳои обии он, соли 1955 миёни Исроил ва Иордания санади дахлдор ба имзо расид, ки ба танзими ҳамкории дуҷониба дар ин соҳа равона шуда буд. Меъёрҳои созшномаи мазкур дар ҳолати ҷанг миёни ҳарду кишвар амал намуд ва ҳарду давлат новобаста аз ихтилофҳои байниҳамдигарӣ талаботи шартномаи мазкурро қатъиян риоя намуданд [168].

Кишваҳои Африқоро дарёи дарозтарини фаромарзии дунё - Нил ба ҳам пайванд намуда, он ҳудуди 11 кишвар, аз ҷумла Бурунди, Миср, Кения, Конго, Руанда, Судон, Танзания, Уганда, Ҷумҳурии Африқои Марказӣ, Эритрея ва Эфиопияро фаро гирифтааст [168]. Миёни кишварҳои ҳавзаи дарёи фаромарзии Нил созишҳои дуҷонибаи алоҳидаи байнидавлатӣ мавҷуд буда, онҳо ба созиши ягонаи умумиҳавзавӣ дар истифодаи оби ин дарё нарасидаанд.

Созишномаҳо миёни кишварҳои алоҳидаи ҳавзаи дарёи мазкур масъалаҳои мавҷударо то андозае ҳал намудааст, аммо масъалаҳои умумиҳавзавӣ то ҳанӯз пурра роҳи ҳалли худро наёфтаанд. Мақоми махсуси дарёи Нил дар он ифода меёбад, ки дар он наҳри Суэтс ҷойгир буда, он дорои аҳаммияти баланди сиёсию ҳарбӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ мебошад. Дар баробари кишварҳои шомили ҳавзаи дарёи Нил, абарқудратҳои ҷаҳонӣ низ дар ин ҳавза манфиатҳои хоси геополитикӣ ва геоиқтисодии худро доранд. Яъне дарёҳои фаромарзӣ натанҳо дорои аҳаммияти баланди дипломатӣ, инчунин, дорои мақоми хоси геополитикӣ низ мебошанд.

Қитъаи Аврупо низ дорои дарёҳои фаромарзӣ буда, онҳо дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавии кишварҳои ин минтақа ҷойгоҳи шоиста доранд. Дар ин минтақа дарёҳои фаромарзии Рейн ва Дунай ҷойгир буда, тибқи иттилооти М. Гордано, «дарёи Рейн кишварҳои Олмон, Швейтсария, Фаронса, Нидерландия, Австрия, Люксембург, Италия, Лихтейнштейн ва Белгия ва дарёи Дунай кишварҳои Албания, Австрия, Босния, Ҳерсеговина, Булғористон, Венгрия, Олмон, Македония, Молдова, Лаҳистон, Руминия, Сербия, Словакия, Словения, Украина, Хорватия, Чехия, Черногория ва Швейтсарияро ба ҳам мепайванданд» [180].

Соли 1994 кишварҳои ҳавзаи дарёи фаромарзии Дунай ва соли 1999 кишварҳои ҳавзаи дарёи фаромарзии Рейн барои идоракунӣ ва истифодаи муштараки оби ҳарду дарё миёни ҳам ба мувофиқа расида, Конвенсия оид ба

ҳифзи дарёи Рейн ва Конвенсия оид ба ҳамкорӣ дар ҳифз ва истифодаи муштараки оби дарёи Дунайро қабул менамоянд [180].

Дар заминаи санадҳои мазкур комиссияҳои байнидавлатӣ ва мақоми доимоамалкунандаи корӣ, аз ҷумла котиботи комиссияҳо таъсис дода мешаванд, ки муносибатҳои байнидавлатиро дар самти истифодаи муштараки захираи оби дарёҳои болозикр ба таври муттасил танзим менамоянд.

Ҳамкориҳо кишварҳои аврупоӣ дар ҳавзаи дарёҳои мазкур яке аз намунаҳо ва таҷрибаи беҳтарин дар самти истифодаи муштараки захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ ва дар маҷмуъ дипломатияи об мебошад. Албатта, ҳолати мазкур аз омилҳои дигар, аз ҷумла вазъи муътадил ва ҳатто таназули демографӣ, ҳаҷми басандаи захираҳои об ба сари аҳолӣ, иқлими муътадил ва омилҳои дигар низ вобаста мебошад. Бо вуҷуди маҷмӯи омилҳои мураккаби зикршуда, кишварҳои минтақа тавонистаанд дар ҳавзаҳои муштараки обӣ намунаҳои қобили таваҷҷуҳи дипломатияи обро шакл дода, механизмҳои ҳамкории нисбатан муассирро ба роҳ монанд. Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Канада низ миёни ҳам ҳавзаҳои ягонаи обӣ дошта, ҳамкории байнидавлатиро дар самти истифодаи муштараки захираи оби онҳо ба роҳ мондаанд. Ин кишварҳоро ҳавзааи обҳои фаромарзии кӯлҳои Бузург, ки аз панҷ кӯл - Болоӣ, Гурон, Мичиган, Эрӣ ва Онтарио таркиб ёфтааст ба ҳам мепайвандад.

Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Канада аз ҷумлаи кишварҳое мебошанд, ки муносибатҳои байнидавлатиро дар соҳаи об асоси ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ бахшида, ҳанӯз соли 1909 Созишнома дар бораи обҳои сарҳадиро ба тасвиб расонида, тибқи он Комиссияи муштараки байналмилалии Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Канада оид ба обҳои сарҳади ташкил карда мешавад [58, с. 15].

Ба Комиссияи мазкур намояндагони ҳарду кишвар шомил буда, салоҳияти асосии онро арзёбии вазъи ҳаҷм ва сифати об дар ҳавзаҳои ягонаи

обии байнидавлатӣ ташкил медиҳад. Дар заминаи созишномаи болозикр Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва Канада соли 1944 созишномаи навро ба тасвиб расонида, асосҳои идоракунии муштараки захираҳои оби фаромарзиро такмил медиҳанд. Созишномаи мазкур обҳои сарҳадиро сарвати умумии халқҳои Канада ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка арзёбӣ намуда, ҳукуматҳои ҳарду кишварро уҳдадор намудааст, ки идоракунии самаранок ва бехатари захираҳои обро таъмин намоянд [58, с. 14]. Созишномаи мазкур ҳарчанд таърихи тӯлониро сипарӣ намудааст, новобаста аз он меъёрҳои он то ҳанӯз ба таври мукаммал амал менамоянд ва вобаста ба талаботи вақт такмил дода мешаванд.

Дар баробари кӯлҳои болозикр миёни Канада ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка дарёи фаромарзии Колумбия мавҷуд буда, он дорои аҳаммияти баланди гидроэнергетикӣ мебошад.

Дарёи Колумбия аз лиҳози иқтидори гидроэнергетикӣ дар ҷаҳон яке аз дарёҳои калонтарин маҳсуб ёфта дар маҷрои он Канада ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка 14 (3 НБО дар Канада ва 11 НБО дар ШМА) неругоҳи барқи обӣ бунёд намудаанд. Ҷараёни бошиддати дарёи Колумбия (40,9 см/км) барои тавлиди неруи барқ бисёр мусоид буда, иқтидори гидроэнергетикии онро таъмин намуда, аз се як ҳиссаи иқтидори гидроэнергетикии Штатҳои Муттаҳидаи Америка маҳз аз ҳамин дарё тавлид мегардад. Сарбандҳои дар ин дарё бунёдгардида, аз ҷумла Гранд Кули ва Сард Ҷозеф бузургтарин сарбандҳо дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка ва яке аз бузургтарин сарбандҳо дар ҷаҳон мебошанд [184]. Таҷрибаи ҳамкории байнидавлатии Канада ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар истифодаи муштараки захираҳои оби дарёи фаромарзӣ ва иқтидори гидроэнергетикии он яке аз таҷрибаҳои нодир дар самти дипломатияи об ва дипломатияи гидроэнергетики мебошад.

Штатҳои Муттаҳидаи Америка чунин муносибатҳои дипломатиро бо Мексика низ ба роҳ мондааст. Асоси ин муносибатҳоро истифода ва

идоракунии муштараки захирҳои оби дарёҳои фаромарзии Колорадо, Тиҷуана ва Рио-Гранде ташкил менамоянд, ки вобаста ба он миёни ҳару кишвар соли 1945 шартнома баста шудааст [157]. Минтақаи Америкаи Ҷанубӣ низ дорои дарёҳои фаромарзӣ буда, кишварҳои шомили он миёни ҳам муносибатҳои мутақобилан судмандро ҷиҳати истифодаи муштараки захираҳои оби ин дарёҳо ба роҳ мондаанд.

Яке аз дарёҳои фаромарзии калонтарини ин минтақа Ла-Плата мебошад, ки ҳудуди кишварҳои Аргентина, Боливия, Бразилия, Парагвай ва Уругвайро убур менамояд. Кишварҳои дахлдор дар масъалаи истифодаи муштараки захираҳои оби дарёи Ла-Плата солҳои зиёд бо ихтилоф ва ихтилофи назар рӯ ба рӯ буданд. Танҳо соли 1970 онҳо ба тавофуқ расиданд [180]. Созишнома ва ниҳоди болозикр имкон доданд, ки муносибатҳои байнидавлатӣ дар ҳавзаи дарёи мазкур муътадил гардад ва ҳамкориҳо дар ин самт ташаккул ёбанд.

Минтақаи Осиёи Марказӣ низ дорои заминаҳои табиӣ ва воқеии рушди дипломатияи об буда, кишварҳои шомили он дорои ҳавзаи ягонаи обӣ мебошанд. Ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об дар сатҳҳои зикршуда таърихи тӯлонӣ дорад. Маҳз бахши об аз ҷумлаи аввалин самтҳо ба шумор меравад, ки дар ҷараёни ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ ба доираи танзими шартномавӣ ворид карда шуд. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои мавҷуда, дар фосилаи таърихии солҳои 805 то 1984 дар миқёси байналмилалӣ беш аз 3600 созишнома ва шартномаҳои гуногун вобаста ба ҳамкорӣ дар соҳаи об ба имзо расидаанд, ки ин нишондиҳанда аз аҳаммияти вижа ва нақши калидии об ҳамчун захираи стратегии ҳаётан муҳим дар муносибатҳои байналмилалӣ шаҳодат медиҳад [105, с. 20]. Дар даҳсолаи охири асри XX ва дар тӯли асри XXI ин нишондиҳанда ба таври назаррас афзоиш ёфта, ҳамкориҳо дар соҳаи захираҳои об на танҳо дар сатҳи дуҷонибаи байнидавлатӣ, балки, ҳамчунин, дар чаҳорчӯби минтақавӣ ва байналмилалӣ густариш пайдо намудаанд. Дар ин марҳила ҳамкорӣ аз лиҳози шакл, мазмун ва муҳтаво фарогири маҷмуи

васеи масъалаҳои марбут ба об гардида, доираи иштирокчиён ва самтҳои танзимро ба таври назаррас васеъ намудааст.

Аз нигоҳи мазмун, созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи обро метавон ба чанд гурӯҳ ҷудо намуд. Ба гурӯҳи аввал, созишномаҳо оид ба истифодаи роҳҳои обӣ ва инфрасохтори бандарӣ дохил мешаванд. Гурӯҳи дуюм, ба истифода ва идоракунии муштараки ҳавзаҳои обӣ марбут аст. Ба гурӯҳи сеюм, ҳуҷҷатҳои гидроэкологӣ шомиланд. Гурӯҳи чорум, уҳдадориҳои байналмилалӣ дар бахши об ва беҳдоштро фаро мегирад. Ниҳоят, гурӯҳи панҷум ба масъалаҳои муайян ва танзими сарҳадҳои обӣ дахл дорад.

Баррасии амалияи шартномавӣ нишон медиҳад, ки аксари ин санадҳо ба ҳамкории муштарак дар истифодаи захираҳои об нигаронда шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба дарёҳои фаромарзӣ ва дигар ҳавзаҳои муштарак равона мегардад. Тибқи маълумоти абзори мониторинги оби СММ, ки дар чаҳорчӯби арзёбии Ҳадафи 6-уми рушди устувор дар 62 кишвар анҷом дода шудааст, вазъият ҳанӯз ҳам қаноатбахш нест. Фақат 59 дарсади ҳавзаҳои фаромарзӣ бо созишномаҳои амалкунанда фаро гирифта шудаанд. Ҳамзамон, танҳо 17 кишвар барои таъмин намудани фарогирии пурраи тамоми ҳавзаҳои марбут тадбирҳои заруриро амалӣ кардаанд.

Ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об унсури муҳимми рушди устувор ба ҳисоб меравад. Он, ҳамзамон, ба таҳкими сулҳу амният дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунад. Захираҳои оби муштарак давлатҳоро аз лиҳози иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва сиёсӣ ба ҳам вобаста месозанд. Ин вобастагӣ дар доираи як ҳавза ҳамоҳангии манфиатҳоро тақвият медиҳад. Обҳои фаромарзӣ ҳам некуаҳволии аҳолиро таъмин мекунанд ва ҳам робитаи низомҳои иқтисодӣ ва экосистемаҳоро нигоҳ медоранд.

Шаклгирии ҳамкории байнидавлатӣ дар ин соҳа ба омилҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ вобаста будааст. Аз ҳамин сабаб, созишномаҳои амалкунанда аз рӯйи сатҳ ва миқёси ҳамкорӣ яксон нестанд. Бо вуҷуди

фарқиятҳо, ҳамаи онҳо ба манфиатҳои давлатҳои иштирокчӣ такя мекунанд ва ба меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқанд.

Дар адабиёти муосири сиёсати об чор доктринаи асосии сиёсӣ-ҳуқуқӣ ҷудо карда мешавад. Доктринаи аввал, соҳибихтиёрии мутлақи давлатро нисбат ба обҳои дар ҳудуди он ҷорӣ мешуда эътироф мекунад. Доктринаи дуюм, обҳои фаромарзиро моликияти муштараки давлатҳои ҳавза медонад. Доктринаи сеюм ҳавзаро як низоми ягонаи гидрологӣ мешуморад. Тибқи доктринаи чорум, давлат соҳибихтиёрии худро нигоҳ медорад, вале истифодаи об бояд оқилона бошад ва манфиатҳои қонунии дигар кишварҳои ҳавза ба назар гирифта шаванд [88, с. 173-182].

Ҳавзаҳои обии фаромарзӣ аз нуқтаи назари ҷуғрофӣ ва гидрологӣ моҳияти фаромиллӣ доранд, зеро дар аксари ҳолатҳо ҳудуди онҳо ба қаламрави ду ё зиёда давлат паҳн мешавад. Дар чунин шароит, танзими босамари муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба истифода ва ҳифзи захираҳои обии фаромарзӣ пеш аз ҳама бояд дар заминаи меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба роҳ монда шавад. Бо вуҷуди ин, раванди мазкур дар амал аз иродаи сиёсӣ ва мавқеи давлатҳо вобаста буда, муносибати онҳо нисбат ба муайян ва татбиқи ҳуқуқҳои соҳибихтиёрӣ дар робита ба захираҳои оби фаромарзӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

Созишномаҳои байнидавлатӣ, ки идоракунии ҳавзаҳои муштараки обиро танзим мекунанд, набояд танҳо ба қонунгузории миллӣ маҳдуд шаванд. Онҳо, ҳамчунин, бояд меъёрҳо ва талаботи санадҳои минтақавию байналмилалиро дар бар гиранд. Маҳз чунин ҳамоҳангсозии ҳуқуқӣ метавонад заминаи боэътимоди ҳамкорӣ ва татбиқи самараноки сиёсати обро дар сатҳи фаромарзӣ таъмин намояд.

Конвенсия оид ба ҳифз ва истифодаи дарёҳо ва кӯлҳои фаромарзӣ ҳамчун санади муҳимми байналмилалӣ дар рушди муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти истифодаи захираҳои муштараки обӣ нақши ҳалкунанда дорад. Ин ҳуҷҷат, ки дар доираи Комиссияи иқтисодии СММ

барои Аврупо таҳия шудааст, ҳамчун яке аз санадҳои муҳимми байниҳукуматӣ эътироф мешавад. Конвенсия барои ҳамкории кишварҳо дар идоракунии захираҳои муштараки об, аз ҷумла дарёҳо, кӯлҳо ва обҳои зеризаминӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Санад соли 1992 қабул гардида, аз соли 1996 мавриди амал қарор гирифт.

Конвенсияи мазкур барои 56 давлати узви Комиссияи иқтисодии СММ барои Аврупо заминаи ҳамкориро дар самти пешгирӣ, маҳдудсозӣ ва назорати ифлосшавии обҳои фаромарзӣ муҳайё намуд. Мутобиқи талаботи Конвенсияи мазкур, давлатҳои иштирокчӣ вазифадоранд низоми идоракунии обҳои фаромарзиро бо такя ба принсипҳои истифодаи оқилона ва беосеб ба муҳити зист ташкил намоянд. Истифодаи ин захираҳо бояд бар пояи адолат, манфиати мутақобил ва эҳтироми ҳуқуқи давлатҳои ҳамҳавза амалӣ гардад. Ҳамзамон, ҳифзи экосистемаҳои вобаста ба ҳавзаҳои обӣ ҳамчун уҳдадории ҳатмӣ эътироф шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ татбиқи чораҳои баркарорсозӣ пешбинӣ мешавад.

Конвенсия, инчунин, чаҳорчӯби институтсионалии таҳкими ҳамкории кишварҳои ҳамсояро фароҳам меорад. Он давлатҳоро ба ҳамоҳангсозии сиёсатҳо, барномаҳо ва стратегияҳои марбут ба ҳифзи обҳои фаромарзӣ раҳнамоӣ менамояд. Дар санад ба масъалаи сифати об аҳаммияти аввалиндараҷа дода шуда, меъёрҳои мушаххаси пешгирии ифлосшавии манбаъҳои обӣ муқаррар гардидаанд.

Дар айни замон, таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки самаранокии татбиқи ин меъёрҳо то андозае ба сатҳи институтикунонии ҳамкорӣ ва мавҷудияти механизмҳои мониторингу масъулият вобаста аст. Аз ин рӯ, таҳкими абзорҳои муштараки назорат, мубодилаи иттилоот ва ҳамоҳангии сиёсати миллӣ метавонад ҳамчун самти минбаъдаи такмили низоми идоракунии обҳои фаромарзӣ баррасӣ гардад.

Илова бар ин, яке аз санадҳои муҳимми байналмилалӣ дар ин самт Конвенсияи СММ оид ба истифодаи ғайринавигатсионии обҳои фаромарзӣ

маҳсуб меёбад, ки заминаи умумии ҳуқуқиро барои танзими муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи истифодаи одилона ва оқилонаи захираҳои оби фаромарзӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ фароҳам месозад [144]. Принсипҳои дар Конвенсияи мазкур муқарраршуда дар ҷараёни таҳия ва қабули созишномаҳои минтақавӣ ва ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифта, дар таҳкими муносибатҳои ҳамкоронаи давлатҳои ҳамсояи ҳавзаӣ аҳаммияти калидӣ доранд. Мувофиқи муқаррароти он, давлатҳое, ки дар доираи як ҳавзаи ягонаи обӣ ҷойгиранд, бар асоси принсипҳои баробарии соҳибихтиёрӣ, эҳтироми тамомияти арзӣ, манфиати мутақобила ва риояи нияти нек ҷиҳати ноил шудан ба истифодаи самаранок ва ҳифзи муносиби маҷрои обҳои фаромарзӣ ҳамкорӣ менамоянд. Ҳангоми интихоби шакл ва абзорҳои ҳамкорӣ давлатҳо метавонанд ба таҷрибаи амалии комиссияҳо ва механизмҳои муштараке такя намоянд, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ташаккул ёфтаанд. Дар асоси чунин таҷриба, онҳо имконият доранд моделҳои мувофиқро мутобиқ созанд ё, дар ҳолати зарурӣ, ниҳодҳо ва сохторҳои муштараки худро таъсис диҳанд.

Конвенсияи мазкур ду принсипи меҳварии истифодаи муштараки захираҳои обро муқаррар мекунад. Аввал, принсипи “истифодаи одилона ва оқилона”, дуюм, уҳдадории давлатҳо ҷиҳати пешгирии расонидани зарар ба кишварҳои ҳамҳавза. Бо ин вуҷуд, шарҳи мушаххас ва татбиқи амалии ин меъёрҳо универсалӣ нест. Он вобаста ба хусусиятҳои гидрологӣ, шароити иҷтимоӣ ва воқеияти сиёсии ҳар ҳавза ба салоҳдиди давлатҳои иштирокчӣ вогузор шудааст

Ба андешаи коршиносон, созишномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи идоракунии муштараки захираҳои об бояд сатҳи баланди мушаххасият дошта бошанд. Аз ҷумла, зарур аст, ки онҳо механизмҳои амалии татбиқи қарорҳои қабулшударо ба таври муфассал пешбинӣ намуда, роҳҳои муассири ҳалли ихтилофҳоро дар ҳолатҳои эҳтимолӣ муайян созанд. Тақвияти ҳамкории самаранок дар ин самт, ҳамчунин, муқаррар намудани меъёрҳои равшан ва

чандири сифати об ва усулҳои тақсимоти захираҳои обро тақозо менамояд, ки дар онҳо хусусиятҳои гидрологияи маҳаллӣ, динамикаи ҳавзаҳои дарёҳо ва арзишҳои иҷтимоиву иқтисодии минтақаҳо ба инобат гирифта шаванд. Илова бар ин, такомули низоми идоракунии захираҳои байналмилалии об метавонад таъсиси механизмҳои ҷубронӣ, аз ҷумла пардохтҳо барои ҳуқуқи интиқол ё тақсимоти обро, талаб намояд.

Вазъи воқеии ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки афзоиши пайвастаи талаботи ҷомеаи байналмилалӣ ба захираҳои об густариши минбаъдаи фаъолияти дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳоро дар доираи ҳавзаҳои муштараки обӣ ногузир мегардонад. Захираҳои оби муштарак на танҳо барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти бевоситаи аҳолӣ ба оби нӯшокӣ, балки, ҳамчунин, барои таъмини амнияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва рушди истеҳсолоти саноатӣ, ки ба рақобати миллионҳо ва ҳатто миллиардҳо одамон вобаста аст, аҳаммияти ҳалкунанда доранд.

Омили об ҳарчӣ бештар ба хусусият ва мазмуни муносибатҳои байнидавлатӣ таъсир мерасонад. Азбаски захираҳои об сарҳадҳои сиёсӣ ва давлатӣ эътироф намекунанд, давлатҳо дар масъалаи истифода ва идоракунии онҳо ба таври мутақобила вобаста мегарданд [67, с. 230].

Ин воқеият собит мекунад, ки ҳамаи давлатҳои ҷаҳон новобаста аз ҳаҷми захираҳои об ба ҳамдигар пайвастагии ногусастанӣ доранд. Аз ин рӯ, ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ҳамчунин, ҳамгироиҳои минтақавию байналмилалӣ зарур буда, заминаи табиӣ барои ташаккули ҳамкорӣ ва танзими захираҳои оби фаромарзиро фароҳам меоранд.

Вобастагии назарраси байнидавлатӣ, ки асосан дар ҳавзаҳои ягонаи обӣ таҷассум меёбад, ба рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҳатто ҷаҳонӣ замина фароҳам оварда, дар натиҷа асосҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии истифодаи захираҳои обӣ эҷод гардидаанд. Таҳлилҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки аз соли 1951 то кунун беш аз 1800 ҳодисаи гуногун, марбут ба истифодаи обҳои фаромарзӣ, сабт шудаанд, ки аз онҳо 67,1 фоиз ба

ҳамкориҳои байнидавлатӣ марбут мебошанд. Қисми боқимондаи ҳодисаҳо ба масоили сифати об, миқдор ва инфрасохтори обрасонӣ, ҳамчунин, тақсимоти об дахл дошта, аксаран бо гуногунандешӣ ва ихтилофҳои меъёрӣ байни давлатҳо ҳамроҳӣ кардаанд [58, с.14].

Аз соли 1948 инҷониб музокираҳои зиёди байнидавлатии вобаста ба об сурат гирифта, дар натиҷа 295 созишнома ба имзо расидааст. Тайи 70 соли охир 40 муноқишаи шадиди вобаста ба об ба вуҷуд омадааст. То кунун танҳо вобаста ба истифодаи 1/3 обҳои рӯйизаминии фаромарзӣ (дарёҳо ва кӯлҳо) ва камтар аз 1 фоизи обҳои фаромарзӣ василаҳоии ҳамкорӣ коркард гардидаанд [173].

Имрӯз, дар заминаи ташаккули ҳамкориҳои самаранок ва рушди муносибатҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, арзёбии масъалаҳои идоракунӣ ва истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ дар доираи принсипҳои дипломатӣ барои аксари давлатҳои дорои дарёҳои фаромарзӣ асоси ҳуқуқӣ ва шартномавӣ пайдо кардааст. То имрӯз дар самти мазкур шумори зиёди созишномаҳо ва шартномаҳои байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд.

Коршиносон аҳаммияти стратегӣ ва иқтисодию ҳуқуқии ин созишномаҳо ва нақши онҳо дар устуворӣ ва пешгӯии муносибатҳои байналхалқиро баланд арзёбӣ менамоянд. Таҳлилҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки ин раванд дорои заминаи қадимист.

Яке аз намунаҳои қадимтарини танзими муносибатҳои обӣ ба тақрибан соли 2500 то милод рост меояд. Дар он давра миёни давлатҳои шумерии Лагаш ва Умма оид ба баҳси истифодаи оби дарёи Даҷла созиш ба даст омадааст. Ин санадро дар адабиёт аксаран нахустин созишномаи байналмилалии маълум дар таърихи башар мешуморанд. Аз ҳамон давра инҷониб заминаи шартномавии ҳамкорӣ дар соҳаи об тадриҷан густариш ёфтааст.

То ибтидои асри XX муҳтавои аксари чунин созишномаҳо бештар хусусияти ҳудудӣ дошт. Онҳо асосан ба аломатгузорӣ ва таъйини сарҳадҳои

давлатӣ дар фазои обӣ, инчунин, ба масъалаҳои киштиронӣ ва истифодаи роҳҳои баҳрӣ равона мешуданд. Бо мураккаб гардидани мушкилоти обӣ дар нимаи дуюми асри XX тамоюл тағйир ёфт. Дар санадҳо тадриҷан масъалаҳои идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои об, таъмини дастрасӣ ба оби нӯшокӣ, коҳиши таъсири тағйирёбии иқлим, ҳалли мушкилоти экологии вобаста ба об ва коҳиши хавфи офатҳои табиии марбут ба об ҷойгоҳи марказӣ гирифтанд. Ҳамзамон, мафҳуми истифодаи ҳамгироёна ва устувори обҳои фаромарзӣ бештар таҳким ёфт.

Дар маҷмуъ, қисми асосии созишномаҳои муосир ба танзими муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти идоракунӣ ва истифодаи обҳои фаромарзӣ нигаронида шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавҷудияти асоси мустаҳками шартномавӣ ва татбиқи принсипҳои истифодаи оқилона ва одилонаи захираҳои об яке аз абзорҳои муассири пешгирӣ ва ҳаллу фасли ихтилофҳои эҳтимолӣ байни давлатҳои ҳамҳавза ба ҳисоб меравад.

Ҳамзамон, таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки таъсиси созишномаҳои самаранок ба ду унсури асосӣ вобаста аст: аввал, мавҷудияти сохтори ҳамоҳангсоз, ки равандҳои шабакавиро мусоидат мекунад; ва дуюм, нақши тарафҳои сеюм, ки ба ҳамаи ҷонибҳо таъсир мерасонанд ва аз ҷониби онҳо эътироф гардидаанд.

Бо вуҷуди ин, ба тавофуқ расидан оид ба истифодаи муштараки захираҳои оби фаромарзӣ раванде мураккаб ва бисёр вақтталаб мебошад. Таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ба даст овардани тавофуқ дар масъалаҳои оби фаромарзӣ раванди зудҳалшаванда нест. Масалан, музокирот барои имзои созишнома оид ба дарёи Ҳинд тақрибан 10 сол, оид ба дарёи Ганга беш аз 30 сол ва дар ҳавзаи дарёи Иордан наздики 40 сол тӯл кашидааст [58, с. 18]. Ин далелҳо собит месозанд, ки ташаккул ва таҳкими ҳамкориҳои обӣ дар ҳавзаҳои фаромарзӣ хусусияти стратегӣ дошта, ба таҳлил, эътимодсозӣ ва музокироти дарозмуддати байнидавлатӣ ниёз дорад.

Коршиносон таъкид мекунанд, ки созишномаҳо оид ба идоракунӣ ва истифодаи маҷрои обҳои байналмилалӣ бояд ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати механизми амалӣ махсус ва муфассал бошанд. Онҳо бояд тадбирҳои иҷрои ҳатмии шартномавӣ, инчунин, механизмҳои ҷубронӣ ва ҳалли ихтилофҳоро дар ҳолатҳои баҳсӣ дар бар гиранд.

Дар маҷмуъ, дар доираи рушди устувори идоракунии дарёҳои фаромиллӣ истифодаи абзорҳои иқтисодӣ, аз ҷумла механизмҳои ҷубронпулӣ ва низоми харидуфурӯши ҳуқуқи истифодаи об, метавонад ҳамчун воситаи мусоидаткунанда барои ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва истифодаи самараноки захираҳои об баррасӣ гардад [58, с. 18].

Захираҳои байналмилалии обҳои фаромарзӣ ба унвони яке аз муҳимтарин захираҳои табиӣ арзёбӣ мешаванд. Истифодаи оқилона ва одилонаи ин захираҳо аҳаммияти бисёрҷанба дорад. Он танҳо ба таъмини субот ва рушди иқтисодию иҷтимоии давлатҳои алоҳида маҳдуд намешавад. Ин омил барои рушди устувори минтақаҳо низ нақши стратегӣ мебозад. Аз ҳамин ҷиҳат, идоракунии самараноки обҳои фаромарзӣ имрӯз ба яке аз авлавиятҳои сиёсати давлатӣ ва идоракунии захираҳо табдил ёфтааст. Чунин равиш метавонад ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва амиқшавии равандҳои ҳамгироӣ мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, дар сурати набудани механизмҳои мувофиқ, ҳамин захираҳо метавонанд ба манбаи ихтилоф ва танишҳои байнидавлатӣ низ табдил ёбанд [176].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дарёҳои фаромарзӣ нақши муҳиме дар ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ ва дар маҷмуъ, дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мебозанд. Бо шиддат гирифтани мушкилоти марбут ба об, аз ҷумла таъсири тағйирёбии иқлим, камшавии захираҳои оби нӯшокӣ ва афзоиши босуръати аҳолӣ ва истеҳсолот зарурати тавсеаи ҳамкории давлатҳо бештар эҳсос мешавад. Дар чунин шароит, истифодаи оқилона ва одилонаи обҳои дарёҳои фаромарзӣ ва ҳифзи онҳо ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати байналмилалӣ табдил ёфтааст.

Мавҷудияти созишномаҳои муассир ва ҳамкории мутақобилан судманд дар ҳавзаҳои муштарак омили муҳимми таҳкими амният ва субот дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ маҳсуб меёбад.

Об аз ҷумлаи захираҳои табииест, ки бештар аз дигарон хусусияти тақсимшавии байнидавлатӣ дорад. Кам захирае вуҷуд дорад, ки ба мисли об ба таври доимӣ дар доираи принсипҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ва эҳтироми мутақобил истифода шавад. Хусусияти фарқкунандаи он дар ҳаракатнокӣ ва табиати фаромарзии он зоҳир мегардад. Ҷараёни табиии об сарҳадҳои сиёсиро эътироф намекунад. Аз ин рӯ, назорати пурраи якҷониба бар он амалан номумкин аст. Аммо давлатҳо метавонанд тавассути ҳамоҳангии сиёсӣ ва институтсионалӣ сатҳи ҳамкории худро боло баранд.

Имрӯз ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи обҳои фаромарзӣ ба ҷузъи устувори муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Бо дарназардошти афзоиши фишор ба захираҳои об, тақвияти ин ҳамкорӣ ва такмили заминаҳои сиёсӣ-ҳуқуқии он аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Дар шароити кунунӣ дипломатияи об ба ҳайси ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷии давлатҳои ҳамҳавза арзёбӣ мегардад. Он ҳам дар доираи музокироти дуҷониба ва бисёрҷониба ва ҳам дар дигар василаҳои ҳалли мусолиҳатомези ихтилофоти вобаста ба захираҳои обӣ нақши муайянкунанда иҷро менамояд. Дар маънои васеъ, дипломатия ҳамчун маҷмуи усулҳо ва абзорҳое фаҳмида мешавад, ки давлат тавассути онҳо сиёсати хориҷии худро амалӣ месозад. Аз ҳамин лиҳоз, дар баъзе мавридҳо мафҳуми «дипломатия» ба мафҳуми сиёсати хориҷӣ ҳаммаъно истифода мегардад.

Дипломатияи об, аз ин рӯ, на танҳо ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи истифодаи муштараки захираҳои об ишора мекунад, балки фаротар аз он, ба равандҳои мураккаби гуфтушунид, таҳияи шартномаҳои байналмилалӣ, мубодилаи маълумот ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки обёрӣ, энергетикӣ ва экологӣ дахл дорад. Дар асри бисту якум, ки бӯҳрони об дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон шакл мегирад, ин навъи дипломатия аҳамияти

стратегӣ пайдо кардааст. Давлатҳое, ки дар ҳавзаи як дарё ҷойгиранд, маҷбуранд барои таъмини манфиатҳои худ дар доираи қобили қабули ҳуқуқи байналмилалӣ ва риояи принсипҳои адолат, ҳусни ҳамҷаворӣ ва рушди устувор музокира кунанд. Дар ин замина, об ҳамчун омили эҳтимолии ҳамкорӣ на танҳо сабаби ихтилофот, балки воситаи таҳкими эътимод ва коҳиши шиддати сиёсӣ низ арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, дипломатия фаъолияти расмии сарони давлат, ҳукуматҳо ва дигар ниҳодҳои ваколатдорро низ фаро мегирад. Ба муҳтавои он фаъолияти касбии намояндагони давлатӣ ҷиҳати ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ дар муносибат бо кишварҳои хориҷӣ дохил мешавад. Бо дарназардошти ин, дипломатияи об ҳамчун воситаи муҳимми татбиқи сиёсати хориҷӣ дар бахши захираҳои обӣ баромад менамояд. Мазмуни он маҷмуи тадбирҳо, фишангҳо ва усулҳои амалиро дар бар мегирад, ки мутобиқ ба шароити мушаххаси ҳамкориҳои байнидавлатӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд.

Бар асоси таҳлилҳои илмӣ, дипломатияи обро метавон шакли ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳои ҳамҳавза донист. Ҳадафи он ҳалли мусолиҳатомези масъалаҳои идоракунӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ мебошад. Дар айни замон, ин мафҳум фаротар рафта, ҳамкории ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои дигарро дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар бар мегирад. Мақсади ниҳоӣ таъмини амнияти об ва истифодаи устувори ин захираи ҳаётан муҳим мебошад [139]. Бо таъсири афзояндаи равандҳои ҷаҳонишавӣ, таҳкими вобастагии мутақобилаи давлатҳо ва мураккаб гардидани мушкилоти марбут ба захираҳои об, мафҳуми дипломатияи об тадриҷан густариш ёфтааст. Дар натиҷа, фаҳмиши анъанавии он, ки асосан ба муносибатҳои одилонаи давлатҳои дорои ҳавзаи ягонаи обӣ маҳдуд мегардид, имрӯз ба ҷалби кишварҳои сеюм, созмонҳои байналмилалӣ ва дигар субъектҳои байналмилалӣ дар раванди идоракунӣ ва ҳалли масъалаҳои обӣ фаро мерасад.

Дар ин замина, об бояд на танҳо ҳамчун захираи табиии маҳдуд, балки ҳамчун унсури бисёрҷанба ва стратегӣ фаромарзӣ, байнисоҳавӣ ва трансмиллӣ дар раванди таъмини рушди устувор арзёбӣ гардад. Ноил шудан ба чунин фаҳмиш тақозо мекунад, ки масъалаҳои вобаста ба об аз доираи маҳдуди баррасии сирф техникӣ берун оварда шуда, ба сатҳи сиёсӣ, институтсионалӣ ва дипломатӣ интиқол дода шаванд. Танҳо дар ин сурат метавон заминаҳои таъмини амнияти обӣ ва устувории низоми идоракунии захираҳои обро дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фароҳам овард.

Бо назардошти воқеъияти ҷойгиршавии захираҳои об дар ҳудудҳои давлатҳои миллии муосир ва вобастагии байниҳамдигарии онҳо дар соҳаи об дипломатияи об заминаи табиӣ пайдо карда, он шакли ногузири ҳамкориҳои байнидавлатиро ташкил медиҳад, ки новобаста аз иродаи ҷонибҳои дахлдор бо инобати таъмини ниёзҳои шаҳрвандон ба ҳаҷми зарурии захираҳои об ин ҳамкориҳо амалӣ карда мешаванд.

БОБИ II. ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОБӢ

2.1. Арзёбии ҷанбаҳои геополитикии амнияти обӣ дар шароити муосир

Дер боз захираҳои табиӣ бо аҳаммияти геополитикашон самтгирии сиёсати давлатҳоро муайян намуда, ё омили бархурди манфиатҳо, халалдор гардидани низоми суботи минтақавӣ ва байналмилалӣ ё омили ҳамгироиҳои дипломатӣ гардидаанд. Аз нигоҳи детерминистии ҷуғрофӣ, об на танҳо ҳамчун захираи табиӣ, балки ҳамчун омили муайянкунандаи сохтори иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа низ амал мекунад. Тақсимоти ҷуғрофӣ ва истифодаи захираҳои об равиши муносибатҳои байналмилалиро муайян мекунад, ба хусусияти муносибатҳои байни давлатҳо таъсир мерасонад ва асосан сатҳи низоъ ё зарфиати ҳамкории онҳоро муайян мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамяоянд, ки «Ҳамкории пурсамар дар соҳаи об қодир аст, ки омили суръатбахши рушд гардад, набудани он бошад, баръакс, метавонад барои вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои шомили ҳавзаҳои умумии об пайомадҳо ва хатарҳои ҷиддӣ эҷод созад. Дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон таҳкими имкони-ятҳои ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об ба рушди солиму муштараки ҳамаи кишварҳои наздисоҳилӣ мусоидат менамояд» [7].

Масъалаҳои амнияти обӣ дар сиёсати муосир ба яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва геополитикӣ табдил ёфтаанд. Дар шароити кунунӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ду мушкилоти ҳамбаста рӯ ба рӯст: камбуди захираҳои об ва шиддат гирифтани тағйирёбии иқлим. Ҳамгироии ин омилҳо сатҳи хатарҳоро боло бурда, на танҳо суботи миллӣ ва минтақавӣ, балки амнияти глобалиро низ таҳти таъсир қарор медиҳад.

Амнияти обӣ одатан ҳамчун ҳолате шарҳ дода мешавад, ки дар он ниёзҳои асосии аҳолӣ ва талаботи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба об

боэътимод қонеъ мегарданд. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи қобилияти ҷомеа барои истифодаи устувори захираҳои об меравад. Тибқи мавқеи ШҶО, амнияти об дар ҳар сатҳ, аз хонавода, то давлат маънои дастрасии пайвастаи аҳолӣ ба оби кофӣ, бехатар ва дастрасро бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист дорад.

Мазмуни ин мафҳум танҳо бо таъмини дастрасӣ маҳдуд намешавад. Он идоракунии хавфҳои вобаста ба зиёдатии об (обхезӣ), камбуди он (хушксолӣ) ва ифлосшавии манбаъҳоро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, амнияти об маҷмӯи унсурҳоро фаро мегирад: дастрасӣ ба манбаъҳо ва захираҳои об, сифати об, рушди инфрасохтори обрасонӣ, идоракунии муассир ва коҳиши хавфҳои марбут ба об.

Дар таҳлилҳои муосир барномаи фарогири амнияти об одатан ба се поя такя мекунад: баробарии иҷтимоӣ, устувории экологӣ ва самаранокии иқтисодӣ. Аз ҳамин лиҳоз, амнияти обӣ як категорияи бисёрҷанба буда, бевосита бо вазъи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист иртиботи зич дорад [36, с. 12].

Муҳаққиқон амнияти обро ҳамчун унсури ҷудонашавандаи рушди устувор мешуморанд, ки на танҳо бо таъмини оби нӯшокӣ ба аҳолӣ, балки бо идоракунии муштараки захираҳои об дар шароити коҳиши он, ифлосшавии захираҳои об ва тақсимоти нобаробар алоқаманд аст. То аввали асри XXI, он ба тавсифи системаи идоракунии захираҳои об шурӯъ кард, ки ба кам кардани хатарҳои аз ҳад зиёд, камобӣ ё сифати паст ба вуҷуд омада, нигаронида шудааст. Мафҳуми амнияти об аз доираи масъалаҳои иқлимиву экологӣ берун рафта, ба пояи сиёсӣ ва стратегӣ барои мавҷудияти устувори давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Амнияти об ҳамчун яке аз баҳсҳои асосии «иқтисодиёти сабз» ва рушди устувор эътироф шудааст. Он мустақиман бо ҳадафҳои СММ, бахусус Ҳадафи 6-уми рушди устувор (SDG 6), ки тибқи он таъмини дастрасӣ ба оби тоза ва санитария барои ҳама аст, алоқаманд аст. Имрӯз дар сайёра зиёда аз

250 дарё ва кӯлҳои фаромарзӣ мавҷуданд, ки қариб 40 фоизи аҳолии ҷаҳонро бо об таъмин мекунанд ва аз ду то се ҳиссаи ин захираҳои оби тозаро давлатҳои гуногун тақсим мекунанд. Аммо, танҳо сеяки ин ҳавзаҳои обӣ тавассути созишномаҳои байналмилалӣ танзим карда мешаванд, ки ин осебпазирии бисёр минтақаҳоро афзоиш медиҳад ва идоракунии обро ба вазифаи муҳим дар сиёсат ва дипломатияи байналмилалӣ табдил медиҳад [173].

Аз нигоҳи геополитикӣ, назорат бар манбаъҳои об, дарёҳо ва обанборҳо аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад, зеро он мустақиман ба амнияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва амнияти миллии давлатҳо таъсир мерасонад.

Дар чаҳорчӯбаи детерминизми ҷуғрофӣ, ки вобастагии равандҳои иҷтимоию сиёсиро аз шароити табиӣ ва ҷуғрофӣ тасдиқ мекунад, об омили калидии рушди фазоӣ мебошад. Тафовутҳои иқлимӣ ва гидрологӣ боиси тақсимоти нобаробари захираҳои об мешаванд, ки ба стратегияҳои сиёсии давлатҳо таъсир мерасонанд. Кишварҳои дорои сатҳи баланди боришот ва имконоти васеи гидроэнергетикӣ неруи обии худро баъзан ҳамчун фишанги сиёсати хориҷӣ истифода намуда, дар натиҷа намунаҳои гуногуни вобастагии минтақавиро ташаккул медиҳанд.

Дар ин замина, об ба як захираи геополитикӣ табдил меёбад, ки назорати он мавқеи кишварро дар низоми байналмилалӣ муайян мекунад. Мавҷудияти захираҳои об ва иқтидори гидроэнергетикӣ устувории миллиро тақвият медиҳад, дар ҳоле ки норасоии онҳо метавонад ба вобастагӣ аз таъминкунандагони беруна оварда расонад ва соҳибихтиёрии давлатро заиф кунад. Ин падидаи «гидрогегемония» аст, ки давлатҳое, ки дар саргаҳи дарёҳои фаромарзӣ ё иншооти калидии гидротехникӣ қарор доранд ба кишварҳои поёноб таъсиргузор мегарданд.

Бо дарназардошти чунин ҳолат ташаббуси «Сулҳи кабуд», ки аз ҷониби Швейтсария дастгирӣ мешавад, истифодаи муштараки захираҳои обро ҳамчун омили сулҳ ва эътимод байни давлатҳо мешуморад [14]. Чунин

лоиҳаҳо нишон медиҳанд, ки идоракунии самараноки ҳавзаи об ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, танишҳоро коҳиш медиҳад ва равандҳои ҳамгироиро тақвият мебахшад.

Манфиатҳои миллии амнияти обӣ бо мавқеъҳои геополитикии давлатҳо зич алоқаманданд. Барои кишварҳое, ки захираҳои обӣ дар онҳо маҳдуд аст, амнияти обӣ бо амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ ҳаммаъно аст ва таъмини он яке аз авлавиятҳои сиёсати миллӣ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, бисёр давлатҳо ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои обро ба ҳуҷҷатҳои стратегии амнияти миллӣ ва доктринаҳои сиёсати хориҷӣ дохил мекунанд. Ин дар таъсиси комиссияҳои фаромарзӣ, иштирок дар созишномаҳои байналмилалӣ ва таҳияи барномаҳои миллӣ барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, барои Тоҷикистон таъмини амнияти обӣ ва рушди самараноки дипломатияи об ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ва ҷузъи муҳимми низоми амнияти миллӣ арзёбӣ мешавад.

Аммо ин маънои онро надорад, ки Тоҷикистон аз захираҳои обӣ танқисӣ мекашад. Ҳамоҳангсозии сиёсатҳо дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ва иродаи сиёсие, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифода мегардад, ба пешбурди ҳамзистии осоишта ва рушди ҳамгироёнаи иқтисодию иҷтимоии кишварҳои минтақа ва ҷаҳон равона шудааст.

Равандҳои муосири геополитикӣ, рақобатҳҳои сиёсӣ, тағйирёбии иқлим ва муборизаи афзоянда барои захираҳои табиӣ обро аз унсури табиӣ ба захираи стратегӣ ва геополитикӣ табдил дода, устуворӣ ва рушди давлатҳоро муайян мекунанд. Амнияти об имрӯз ҳамчун унсури калидӣ дар низоми амнияти миллӣ ва байналмилалӣ баррасӣ мешавад, ки на танҳо андозагириҳои экологӣ ва иқтисодӣ, балки андозагириҳои сиёсӣ ва ҷуғрофиро низ дар худ инъикос мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки

аҳаммияти геополитикии захираҳои об дар қобилияти онҳо барои ташаккули стратегияҳои сиёсати хориҷии давлатҳо, тақвияти вобастагии минтақавӣ ва муайян кардани хусусияти муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Идоракунӣ ва назорат бар манбаъҳо ва ҷараёни захираҳои об на танҳо ҷузъи фаъолияти иқтисодӣ маҳсуб меёбад, балки ҳамчун абзори таъсиргузор низ хизмат мекунад, ки метавонад ба суботи сиёсӣ ва шаклгирии муносибатҳои байнидавлатӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Дар ин замина, об ба омили ташаккули равандҳои геополитикӣ табдил меёбад, ки дар он рақобат ва ҳамкорӣ дар як системаи мураккаби вобастагии мутақобила бо ҳам пайванданд. Дар шароити кунунӣ масъалаи амнияти об бештар бо норасоии воқеии об вобаста нест, балки ба тақсимоти ғайримутаносиби захираҳо, камбуди механизмҳои воҳиди байналмилалии танзим ва номувофиқии сиёсатҳои миллӣ иртибот дорад. Баҳсҳои вобаста ба об, бахусус дар ҳавзаҳои дорои дарёҳои фаромарзӣ, майли сиёсишавӣ пайдо мекунанд ва агар тавассути қолабҳои дипломатии муассир идора нашаванд, метавонанд ба буҳронҳои сиёсӣ бо паёмадҳои геополитикӣ табдил ёбанд.

Дар иртибот бо таҳаввулоти босуръати муҳити байналмилалӣ ва афзоиши нақши захираҳои табиӣ дар таносуби қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, арзёбии ҷанбаҳои геополитикии амнияти обӣ дар шароити муосир ҳамчун яке аз самтҳои калидии таҳлили илмии амнияти миллӣ вобаста ба он ва дигар захираҳои табиии оҳаммияти стратегидошта моҳияти вижа пайдо менамояд. Акнун об ҳамчун унсури стратегӣ ва омили таъсиргузор ба мувозинати манфиатҳои геополитикӣ баромад мекунад, ки ин ҳолат зарурати муносибати ҳамаҷониба ва дурбинонаро нисбат ба сиёсати обӣ тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳлили илмии амнияти обӣ аз диди геополитикӣ имкон медиҳад, ки об ҳамчун сармояи стратегии миллӣ, воситаи таъмин ва таҳкими суботи дохилӣ ва василаи мусбати ҳамкории минтақавӣ арзёбӣ гардад, на ҳамчун манбаи низоъ ва зиддият. Барои давлатҳое, ки дорои захираҳои бузурги обӣ мебошанд, аз ҷумла Тоҷикистон, сиёсати оқилона ва

заминавии идоракунии захираҳои обӣ ба таҳкими соҳибихтиёрии миллӣ, баланд бардоштани нуфузи байналмилалӣ ва таъмини амнияти дарозмуддати миллӣ мусоидат менамояд. Арзёбии мусбати ҷанбаҳои геополитикии амнияти обӣ нишон медиҳад, ки истифодаи оқилонаи об дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳамкории фаромиллӣ ва эътимоди мутақобила метавонад ба таҳкими амнияти минтақавӣ, рушди устувор ва пешгирии таҳдидҳои нав ба манфиатҳои миллӣ хизмат кунад. Дар ин замина, амнияти обӣ дигар танҳо ба сифати масъалаи маҳдуди техникӣ ё экологӣ баррасӣ намегардад, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми стратегияҳои амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷии давлат мақоми устувор пайдо мекунад. Амнияти обӣ дар ин қолаб ҳамчун омили ҳамгирокунандаи манфиатҳои миллӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ зуҳур намуда, ба шаклгирии муносибатҳои устувори дохилию хориҷӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили фарогир ва баррасии паҳлуҳои геополитикии амнияти обӣ дар шароити муосир имкон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи идора ва истифодаи захираҳои об бо диди дурнамо ва бар пояи асоснок таҳия карда шавад. Чунин равиш мутобиқати беҳтари қарорҳоро бо ҳадафҳои стратегии миллӣ таъмин менамояд.

Дар ин замина, об танҳо ҳамчун манбаи табиӣ арзёбӣ намегардад. Он тадриҷан ба унсури муҳимми таҳкими сулҳ, нигоҳдории субот ва пешбурди рушди устувор дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ табдил меёбад.

Дар доираи геополитика ва чаҳорчӯбаи назарияи детерминизми географӣ, амнияти об ҳамчун натиҷаи тағйирёбии табиии воқеияти табиат баррасӣ мешавад, ки дар он хусусиятҳои геофизикӣ, иқлимӣ ва гидрологии минтақаҳо омилҳои асосии муайянкунандаи қарорҳои сиёсӣ мегарданд. Дар минтақаҳое, ки захираҳои маҳдуди об доранд, ба монанди Ховари Миёна, Африқои Шимолӣ ё Осиёи Марказӣ, шароити табиӣ ва ҷуғрофӣ системаи вобастагии иқтисодиро ташаккул медиҳанд ва афзалиятҳои стратегии сиёсати хориҷиро муайян мекунанд. Дар натиҷа, об на танҳо ба унсури

экосистема, балки ба воситаи таъсири сиёсӣ ва омили ташаккули геополитикии ҷаҳон табдил меёбад.

Аҳаммияти омӯзиши ҷанбаҳои геополитикии амнияти об, пеш аз ҳама, бо эҳтимолияти баланди ба миён омадани ихтилофҳо ва низоъҳо дар робита ба истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ муайян мегардад, ки ин раванд махсусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ хусусияти ҳассос касб намудааст. Дар чунин шароит, таҳлили омилҳои геополитикӣ имкон медиҳад, ки хатарҳои мавҷуда пешакӣ арзёбӣ ва механизмҳои пешгирии низоъҳо таҳия карда шаванд. Сарфи назар аз чораҳои андешидашуда барои беҳтар кардани муносибатҳои байнидавлатӣ, масъалаи тақсимоти оқилонаи ҷараёни об байни кишварҳои минтақа мураккаб ва асосан баҳсбарангез боқӣ мемонад. Дар ин замина, идоракунии самаранок ва ҳамоҳангшудаи захираҳои обӣ ба унсури муайянкунандаи субот ва рушди устувори давлатҳо ва минтақаҳо мубаддал мегардад. Ин махсусан дар Осиёи Марказӣ шадидтар аст, ки дар он ҷо зичии шабакаи дарёҳо, хусусияти фаромарзии об заминаҳои объективии баҳсҳои байнидавлатиро ба вуҷуд меоранд. Дар асл, истифодаи муштараки захираҳои об бояд ба тақвияти ҳамгироии минтақавӣ мусоидат кунад. Аммо, дар амал, он аксар вақт ба манбаи мухолифатҳо ва танишҳои сиёсӣ табдил меёбад.

Арзёбии аҳаммити геополитикии амнияти обӣ беш аз пеш муҳимтар гашта истодааст. Об захираи табиии стратегӣ аст, ки зинда мондани инсоният аз он вобаста аст. Об ҳаёт, амнияти озуқаворӣ ва саноатро таъмин мекунад, аммо танҳо 3 фоизи захиращои оби ҷаҳон барои истеъмол мувофиқ аст. Муҳаққиқон навиштаанд, ки «имрӯз, беш аз 50 фоизи одамон дар минтақаҳое зиндагӣ мекунанд, ки ҳадди аққал як моҳ дар як сол норасоии обро аз сар мегузаронанд» [173]. Ван И. Бик, Арриенс В.Л. дар таҳқиқоти худ ишора мекунанд, ки «идоракунии устувори об ба як мушкили калидии ҷаҳонӣ табдил меёбад. Дар чунин шароит, мафҳуми «амнияти об» аз масъалаҳои сирф экологӣ фаротар рафта, ҷанбаҳои сиёсӣ, геополитикӣ ва иҷтимоию

иқтисодиро дар бар мегирад. Тибқи маълумоти СММ, амнияти об ин таъмини дастрасии устувор ба миқдори кофии оби босифат барои ташкили шароити некӯаҳволии инсон, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи экосистемаҳо «дар фазои сулҳ ва суботи сиёсӣ» мебошад» [39, с. 11].

Бархурдҳои геополитикии вобаста ба захираҳои об дар навъҳои гуногун дар амалияи сиёсӣ сурат гирифтаанд. Бештари бархурдҳо миёни ҷонибҳои дорои ҳавзаҳоия ягонаи фаромарзии захираҳои обӣ рух дода, пайомадҳои доманадорро ба вуҷуд овардааст.

Дар ин зимн, дар амалияи сиёсӣ бархурдҳои геополитикии махсусан хатарноки вобаста ба масъалаҳои об низ ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ҷониби абарқудратҳо ба муқобили ҷонибҳои дигар анҷом ёфтаанд. Мисоли чунин бархурди геополитикӣ бар муқобили «Дарёи бузурги сунъӣ» дар Ҷумҳурии Либия мебошад, ки тибқи он ҷониби Либия нақша дошт натанҳои кишвари худ, инчунин чандин кишвари қитъаи Африкаро низ бо об таъмин намояд.

Лоиҳаи «Дарёи бузурги сунъӣ» дар Ҷумҳурии Либия ҳамчун яке аз калонтарин ва мураккабтарин тарҳҳои гидротехникии асри XX дар адабиёти илмӣ ва муҳандисӣ арзёбӣ мегардад. Ин ташаббуси стратегии давлатӣ бо ибтикори роҳбари кишвари Либия Муаммар Қадафӣ дар солҳои 1980-ум роҳандозӣ гардида, ба сифати ҷавоби амалӣ ба мушкилоти шадиди норасоии захираҳои об дар муҳити табиатан биёбонии мамлакат тарҳрезӣ шуда буд [199]. Ҳадафи меҳварии татбиқи ин низоми гидротехникӣ таъмини устувори аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва ҳамзамон фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳаи кишоварзӣ тавассути обёрии заминҳои кишоварзии минтақаҳои хушк ва камбориш ба ҳисоб мерафт. Аз ҷиҳати сохторӣ, ин тарҳ аз шабакаи азими қубурҳои зеризаминӣ иборат буда, бо истифода аз технологияҳои муосири муҳандисӣ обро аз захираҳои қадимаи зеризаминӣ, ки дар адабиёти гидрогеологӣ ҳамчун уфуқи обдори регсангии Нубия маъруф аст, ба самти шаҳрҳои соҳилии қисми шимолии кишвар интиқол медиҳад.

Маҳз миқёс ва фарогирии васеи ин инфрасохтор сабаб гардидааст, ки он дар таҳлилҳои байналмилалӣ ҳамчун бузургтарин системаи сунъии обёрӣ ва интиқоли об дар сатҳи ҷаҳон мавқеи хосро ишғол намояд.

Тибқи маълумоти расмӣ дар доираи амалисозии ин барномаи бузурги муҳандисӣ зиёда аз 1300 чоҳи амиқи обӣ омода карда шуда, барои интиқоли мунтазами об беш аз 4000 километр қубурҳои зеризаминӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд. Иқтидори амалии ин низом имкон медиҳад, ки ҳар рӯз то 6,5 миллион метри мукааб об аз манбаъҳои зеризаминӣ ба минтақаҳои аҳолинишин интиқол дода шавад, ки ин омил дар таъмин намудани қисми назарраси аҳолии кишвар бо оби тоза ва баланд бардоштани сатҳи амнияти обӣ нақши муҳим бозидааст [200]. Ҳамзамон, татбиқи чунин инфрасохтори азим имконияти густариши фаъолияти кишоварзӣ дар минтақаҳои биёбонӣ ва нимбиёбониро фароҳам оварда, ба тавсеаи майдонҳои кишт ва афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат намудааст.

Аз дидгоҳи таҳлилҳои геополитикӣ ва рушди минтақавӣ дар қитъаи Африка, лоиҳаи мазкур ҳамчун намунаи равшани истифодаи оқилонаи захираҳои дохилии табиӣ барои дастгирии рушди иқтисодӣ, устувории иҷтимоӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи татбиқи Лоиҳаи «Дарёи бузурги сунъӣ» дар муҳити илмӣ на танҳо ҳамчун намунаи барҷастаи рушди технологияҳои гидротехникӣ, балки ҳамчун объекти муҳими таҳқиқ барои омӯзиши мувозинати байни талаботи рушди иқтисодӣ ва зарурати ҳифзи захираҳои табиӣ арзёбӣ мешавад.

Амалишавии пурраи тарҳи мазкур метавонист вазъи таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҷаҳонро куллан тағйир дода, Африкаро аз буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ раҳо бахшад. Чунин дастоварди бузур боиси «рашки» бармаҳали қудратҳои ғарбӣ гардид ва коршиносон онро яке аз омилҳои асосии аз байн бурдани Муаммар Қадафӣ ва ба майдони ҷангу низоъ табдил додани Либия медонанд. Маҳз дар рӯзҳои нахустини бархурди неруҳои ғарбӣ дар Либия

тарҳи бунёдгардидаи «Дарёи бузурги сунъӣ» вайрону валангор карда шуд, ки далели возеҳи аҳаммияти геополитикӣ доштани он мебошад.

Ин тарҳ нишон медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бо роҳандозӣ намудани ташаббусҳои фаромиллию фароминтақавӣ комилан иқтидори ҳалли комили мушкилоти об ва таъмини амнияти обро дар ҷаҳон дорад, аммо амалисозии чунин тарҳҳо созгор ба манфиатҳои геполитикии баъзе аз актарҳои ҷаҳонӣ нест. Дар сурат зоҳир гардидани иродаи олии сиёсӣ аз ҷониби актарҳои ҷаҳонӣ барои амалисозии чунин тарҳҳои бузурги гидротехникӣ таъмини амнияти об дар ҷаҳон комилан имконпазир аст.

Тавре қайд гардид, навъи дигари бархурдҳои геополитикии вобаста ба захираҳои об миёни давлатҳои дорои ҳавзаҳои ягонаи фаромарзии захираҳои об мебошад. Чунин бархурдҳо бештар дар минтақаҳое ба қайд гирифта шудаанд, ки дар онҳо мушкилоти норасоии захираҳои об ё нобаробар ҷойгиршавии онҳо дар ҳудудҳои ҷониби давлатҳои шомили ҳавзаи ягонаи обӣ мебошад.

Аз ҷумлаи чунин минтақаҳо Шарқи Наздик мебошад, ки ба мушкилоти ҷиддии норасоии захираҳои об мувоҷеҳ мебошад.

Дар ин минтақа беш аз пеш буҳрони норасоии об шиддат ёфта, таъмини амнияти об мураккаб гардида истодааст. Дар пайомади чунин ҳолат бархурдҳои ҷонибҳои манфиатдор барои истифодаи ҳарчи бештари захираҳои оби ҳавзаҳои фаромарзӣ ҷиҳати қонеъ сохтани ниёзҳои соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо ҳаҷми зарурии об сурат гирифта истодааст. Дар ин ҳудуд ҳаҷми захираҳои об ба талаботи мавҷуда мувофиқат накарда, ҷонибҳои манфиатдор бо истифода аз роҳу василаҳои гуногун, аз ҷумла абзорҳои таъсиррасонии геополитикӣ кушиши қонеъ сохтани ниёзҳои худро бо об менамоянд. Масалан, истифода ва идоракунии захираҳои обии дарёҳои фаромарзии Даҷла ва Фурот дар муҳити сиёсию иқтисодии Шарқи Наздик ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳими геополитикӣ ва амнияти минтақавӣ арзёбӣ мегардад. Ин дарёҳо аз қаламрави Туркия сарчашма гирифта, тавассути

ҳудудҳои Сурия ва Ироқ ҷорӣ шуда, барои иқтисодиёт ва зиндагии аҳолии кишварҳои поёноб аҳаммияти ҳаётан муҳим доранд. Тибқи маълумоти таҳлилӣ, тақрибан 98 фоизи захираҳои обии рӯизаминии Ҷумҳурии Ироқ маҳз аз ҳавзаи ин ду дарё таъмин мегарданд, ки ин вобастагӣ масъалаи тақсимоти одилонаи обро ба як унсури калидии муносибатҳои байнидавлатӣ табдил додааст [194, с. 297-317]. Оғози татбиқи барномаи бузурги гидротехникии Туркия аз солҳои 1960-ум, ки бо номи GAP (Southeastern Anatolia Project) маъруф буда, сохтмони зиёда аз 21–22 сарбанд ва неругоҳҳои барқи обиро дар бар мегирад, ба тағйирёбии тавозуни гидрологӣ дар минтақа мусоидат намуда, боиси коҳиши ҷараёни об ба кишварҳои поёноб гардида, сабаби ташаккули баҳсҳои сиёсӣ ва дипломатӣ миёни давлатҳои вобаста ба ин захираҳо шудааст [195, с. 13]. Дар шароити камшавии ҷараёни об, махсусан дар солҳои хушксолӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ борҳо мураккаб гардидаанд ва ҳатто соли 1975 ихтилоф байни Ироқ ва Сурия вобаста ба масъалаи тақсимоти оби дарёи Фурот ба марҳилаи буҳронӣ наздик шуда буд, ки танҳо тавассути истифодаи механизмҳои миёнравии дипломатӣ ва музокироти сиёсӣ пешгирии шиддатёбии вазъ имконпазир гардид [196].

Ҳамзамон, таҷрибаи вобаста ба таъмини оби нимҷазираи Қрим низ нишон медиҳад, ки захираҳои об метавонанд ҳамчун омили таъсиргузори сиёсӣ ва иқтисодӣ истифода шаванд. Таъмини оби ин минтақа асосан тавассути Канали Шимолии Қрим, ки аз дарёи Днепр оғоз ёфта, дар давраи солҳои 1957–1976 сохта шудааст, амалӣ мегардид ва тибқи таҳқиқотҳо то соли 2014 тақрибан 85 фоизи талаботи обии нимҷазираи Қрим маҳз аз ҳамин шабакаи гидротехникӣ қонеъ карда мешуд. Басташавии канал пас аз рӯйдодҳои сиёсии соли 2014 ва тағйироти минбаъдаи марбут ба идоракунии инфрасохтори обӣ нишон дод, ки захираҳои об метавонанд ҳамчун абзори фишори сиёсӣ ва воситаи таъсиррасонӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ истифода гарданд.

Ҳолати мазкур қариб барои ҳамаи минтақаҳои олам хос мебошад. Аз ҷумла, барои ҳудудҳои шарқӣ ва ҷанубӣ. Масалан, дар шимоли Афғонистон наҳри Қуштеппа сохта мешавад, ки аз дарёи Ому об гирифта, барои обёрии 550 000 гектар замин дар ҳудуди Афғонистон нигаронида шудааст. Дарозии наҳри мазкур 285 километр буда, сохтмони он соли 2022 оғоз ёфта, то соли 2028 бояд пурра ба анҷом расад. Бино ба арзёбиҳо, дар сурати пурра бунёд гардидани он то 15–20 фоиз ҷараёни оби дарёи Ому коҳиш меёбад, ки пайомади хушкӣ ва норасоии шадиди обро дар кишварҳои поёноб ба миён меояд.

Ҳукумати кунунии Афғонистон таъкид мекунад, ки истифодаи ин об «ҳуқуқи давлатӣ» аст ва ба эҳтиёҷоти амнияти озуқаворӣ равона шудааст [197]. Коршиносон ва ҷонибҳои Осиёи Марказӣ, ба мисли, Ӯзбекистон ва Туркманистон, аз ин амали бе мувофиқаи фаромарзӣ нигаронанд. Масалан, пажӯҳишгарон ҳушдор медиҳанд, ки пас аз ба кор даромадани наҳри мазкур тақрибан сеяк (1/3) оби дарёи Ому ба шимоли Афғонистон меравад ва ин барои Ӯзбекистон ва Туркманистон камбуди ҳосилнокии ғалладона ва шадиди таъминоти обу неруи барқро ба бор хоҳад овард. Аз ҷумла, тахмин мешавад, ки ҳаҷми оби интиқолёбанда ба Ӯзбекистон то 15 фоиз ва ба Туркманистон то 80 фоиз кам мешавад, ки ин вазъи амнияти озуқаворӣ ва иқтисодии минтақаи Осиёи Марказиро зери хатар мегузорад.

Коршиносон муътақиданд, ки Афғонистон бояд ба созишномаҳои минтақаӣ оид ба идораи об, ба мисли комиссияҳои байнидавлатӣ дар ҳавзаи баҳри Арал, шомил гардад. Мушкилот дар он аст, ки то кунун Афғонистон дар ин ташаббусҳо шомил нест. Бинобар ин, бояд, механизми нав ё василаи фаъоле барои ҳаллу фасли идоракунӣ ва истифодаи муштараки захираҳои обҳои фаромарзӣ таҳия ё коркард карда шавад. Дар доираи Раванди оби Душанбе, ки яке аз платформаҳои муҳими таъмини ҳамгироӣ дар самти истифодаи мушатракаи захираҳои оби фаромарзӣ мебошад, талошҳо барои ҳамоҳанг сохтани фаъолияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Афғонистон

ҷиҳати истифодаи муштарак аз захираҳои оби фаромарзӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти ҳамдигар ба об равона гардидааст. Дар сурати ҳамоҳангсозии фаъолияти кишварҳои минтақа дар ин самт истифодаи самараноки захираҳои об таъмин гардида, ҷараёни об метавонад байни ҳамаи кишварҳои ҳавза, аз ҷумла, Афғонистон низ тақсим гардад, ки ба рушди кишоварзӣ кумак намуда, фишорро болои захираҳои обӣ коҳиш медиҳад [198].

Масъалаҳои об бевосита ба панҷ давлати Осиёи Марказӣ низ рабт дорад. Масъалаи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ мавриди диққати муҳаққиқони ватанӣ ва байналмилалӣ ба монанди С.С. Жилтсов, И.С. Зонн ва А. Бименова, гардида, борҳо аҳаммияти стратегии об ва робитаи мустақими онро бо масъалаҳои амнияти минтақавӣ таъкид кардаанд. Дар асарҳои онҳо қайд карда мешавад, ки «мубориза барои об» ба унсури калидии геополитикаи муосир дар минтақа табдил меёбад, ки дар он манфиатҳои давлатҳо дар самтҳои энергетикӣ, иқтисодӣ ва инфрасохторӣ ба ҳам мепайванданд [76]. Нашрияҳои байналмилалӣ, бахусус маҷмуаи «Springer» дар соли 2018 нашр кардааст, ки амнияти об ҳамчун қисми ҷудонашавандаи динамикаи геополитикии фазои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ баррасӣ гардида, дар он масъалаҳои назорати об бо ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба таври ногусастанӣ алоқамандand.

Қайд кардан лозим аст, ки решаҳои таърихии бархурдҳои сиёсӣ вобаста ба масъалаҳои муосири об дар минтақаҳои гуногуни олам, аз ҷумла, Осиёи Марказӣ ба асрҳои пешин бармегарданд. Дар тӯли асрҳо об ҳамчун манбаи асосии рӯзгузаронии аҳолӣ хизмат мекард ва муносибатҳои иқтисодиро байни ҷамоатҳо танзим менамуд. Аммо, бо рушди саноат ва кишоварзӣ дар асри XIX, танзими об аҳаммияти миллӣ ва сиёсӣ пайдо кард. С.С. Жилсов ишора бар он мекунад, ки ҳатто дар давраи нуфуз пайдо кардани Россия дар минтақаи Осиёи Марказӣ кӯшишҳо барои марказонидани назорат бар системаҳои обёрӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ анҷом дода шуданд, ки аз

оғози ташаккули тарҳи институтсионалии идоракунии захираҳои обӣ шаҳодат медиҳад [75].

Бо гузариш ба давраи Шуравӣ, ин равандҳо шиддат гирифта, аҳаммияти васеъ пайдо карданд. Барномаҳои рушди обёрӣ, ки дар нимаи асри XX дар минтақаи Осиёи Марказӣ қабул шуданд, заминаҳои инфрасохтори муосири идоракунии обро фароҳам оварданд, аммо онҳо, инчунин, вобастагии иқтисодиёти ҷумҳуриҳоро аз тақсимоти мутамаркази об ба вуҷуд оварданд. Пас аз фурӯпошии ИҶШС, масъалаи об на танҳо ба омили иқтисодӣ, балки ба омили геополитикӣ низ табдил ёфт, ки тавозуни манфиатҳо ва сатҳи суботро дар минтақа муайян мекард.

Дар марҳилаи нави ташаккули ҳудудҳои миллию сиёсӣ ва таҳкими соҳибихтиёрии давлатҳо бар захираҳои табиӣ, низоми пешинаи идоракунии мутамаркази об тадриҷан ҷойи худро ба сохторҳои мустақили давлатӣ дод. Ин гузариш ба модели миллӣ боис гардид, ки масъалаҳои марбут ба об мазмуни нави сиёсӣ касб намоянд.

Аз замони фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, об ба унсури асосии воқеияти геополитикии Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст. Манбаъҳои асосии обии он аз ҳавзаҳои ду дарёи бузурги Амударё ва Сирдарё сарчашма мегиранд. Ин дарёҳо аз кӯҳҳои Бадахшон ва Тян-Шон дар Тоҷикистон ва Қирғизистон сарчашма гирифта, сипас ба Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Туркманистон ҷорӣ мешаванд ва миллионҳо гектар заминҳои кишоварзиро бо об таъмин мекунанд.

Донишманди тоҷик С.З. Қувватзода дар таҳқиқоти худ ишора менамояд, ки «тибқи маълумотҳои мавҷуда, зиёда аз 54,6 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд» [83, с. 296]. Муаллиф дар ҷойи дигар чунин зикр кардааст: «Аммо Тоҷикистон аз он ҳамагӣ аз ҳисоби Сирдарё 7 фоиз ва аз ҳисоби дарёи Ому 15,2 фоизро истифода менамояд. Аммо давлатҳои дигари Осиёи Марказӣ дар самти истифода ва истеъмоли захираҳои оби дар Тоҷикистон ташаккулёбанда мавқеи асосиро

ишғол менамоянд. Масалан, саҳми давлатҳои минтақа дар ташаккули захираҳои обии баҳри Арал чунин аст: Қирғизистон -25,3%, Ӯзбекистон 7,6%, Қазоқистон 3,9%, Чин ва Покистон дар якҷоягӣ 5,4%» [109, с. 25]. Аммо, ба назари М.С. Мавлонӣ ва У. И. Муртазоев, «нишондоди истифода ва истеъмоли захираҳои обии минтақа тамоман дигар аст. Дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи даврони Шуравӣ аз захираҳои обии дарёи Сир Ӯзбекистон 50,5%, Қазоқистон 42% ва Қирғизистон 0,5%-ро истифода ва истеъмол менамоянд. Аз захираҳои обии дарёи Ому бошад, Ӯзбекистон 42,2%, Туркменистон 42,3% ва Қирғизистон 0,3%-ро истифода менамоянд» [55, с. 127]. Бо табдил ёфтани захираҳои табиӣ на танҳо ба омили иқтисодӣ, балки ба омили стратегӣ, об андозаи геополитикӣ пайдо кардааст, аз унсури муҳити табиӣ ба омили ташаккули нуфузи сиёсӣ ва суботи давлатҳои минтақа табдил ёфтааст.

Даст кашидан аз тарҳи Шуравии истифодаи муштараки об ва набудани чаҳорчӯбаи нави ҳуқуқӣ боиси рақобати сиёсӣ ва нобаробарии энергетикӣ-гидрологӣ мегардад. Табиӣ аст, ки ҳар як давлат кӯшиш мекунад, ки ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои миллии худ дар соҳаи об ва қонеъ сохтани талаботи давлат ва аҳолии худ бо ҳаҷми зарурии захираҳо об аз василаҳои гуногун истифода намояд. Дар фосилаи муайян баъзе аз элитаҳои сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ аз принсипҳои амнияти дастаҷамъӣ дар соҳаи об даст кашида, бештар ба талошҳои якҷонибаи фишороварӣ машғул гардиданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист бо истифода аз роҳҳои дипломатӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамсоягии нек масъалаҳои марбут ба обро дар Осиёи Марказӣ куллан бо роҳи ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумиминтақавӣ ҳал намояд.

Нахустин мутаносибгардонии муносибатҳо дар қолабҳои ҳамгироёнаи давлатҳои Осиёи Марказӣ 18 феврали соли 1992 дар Алма-Атои Қазоқистон бо бастан ва ба имзо расидани Созишномаи байниҳукуматӣ “Дар бораи

ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунӣ, истифода ва ҳифзи муштараки захираҳои оби манбаъҳои байнидавлатӣ” ва Созишнома дар бораи таъсиси Комиссияи байнидавлатӣ оид ба ҳамоҳангсозии захираҳои шакл гирифтанд. Ин қарорҳо омодагии кишварҳои мустақили Осиёи Марказиро барои таҳияи равишҳои муштараки ҳамоҳангсозиҳои тасмимгириҳои геополитикӣ атрофи истифодаи об ва захираҳои обӣ нишон дод. Ин созишномаи сиёсӣ бар асоси таҷрибаи ҷамъшуда тартиб дода шуд. Аз ин рӯ, кишварҳои Осиёи Марказӣ омодагии худро барои нигоҳ доштани низоми қаблан мавҷудаи идоракунии об барои ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарё ва риояи равишҳои муқарраршуда дар тақсимоти захираҳои оби фаромарзӣ тасдиқ карданд. Муҳокима ба Протоколи №413, Шурои илмӣ-техникии Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ИҶШС оид ба Сирдарё, ки моҳи феврали соли 1984 имзо шуда буд ва Протоколи №566 Шурои илмӣ-техникии Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ИҶШС оид ба Амударё, ки моҳи сентябри соли 1987 имзо шуда буд, дахл дошт. Ин ҳуҷҷатҳо тақсимоти солонаи обро байни кишварҳои ҳавзаи баҳри Арал пешбинӣ мекарданд, гарчанде ки дар онҳо тақсимоти мавсимӣ ба назар гирифта нашудааст [77, с. 144].

Ҳамин тариқ, ҳанӯз дар соли 1993 байни Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар бораи реҷаи кори обанбори Токтогул баҳси шадид ба миён омад. Бо мақсади ҳалли буҳрони энергетикӣ, ҷониби Қирғизистон ҷадвали раҳоии обро тағйир дод, ки боиси қатъ шудани системаи обёрии Ӯзбекистон гардид. [52, с 63].

Буҳрони амиқтар байни кишварҳои навтаъсиси мустақил барои таҳияи роҳҳои ҳалли созиш ба вуҷуд омад. Дар соли 1995 кишварҳои минтақа Эъломияи Нуксусро имзо карданд, ки зарурати ҳамкорӣ ва идоракунии муштараки захираҳои обро тасдиқ кард. Аммо, ин ҳуҷҷат низ эъломиявӣ боқӣ монд.

Ҳаҷми солонаи захираҳои оби тозаи минтақаи Осиёи Марказӣ нисбат ба давраи шуравӣ ба таври назаррас коҳиш ёфта, ҳамзамон, бо афзоиши босуръати аҳолӣ талабот ба захираҳои об пайваста рӯ ба афзоиш ниҳодааст.

Дар баробари ин, тағйирёбии иқлим боиси шиддат гирифтани норасоии об гардида, фишор ба захираҳои мавҷудаи обиро боз ҳам бештар намудааст.

Коҳиши таъсири манфии омилҳои мавҷуда, пеш аз ҳама, ба навсозии низомҳои кӯҳнашудаи обёрӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии истифодаи об вобаста мебошад. Ҳамзамон, ҳамоҳангии сиёсати об бо сиёсатҳои иқтисодию тиҷоратии минтақавӣ метавонад самаранокиро зиёд намояд.

Созишномаи соли 1998 оид ба танзими истифодаи захираҳои обию энергетикии ҳавзаи дарёи Сир барои ҳамоҳангсозии мубодилаи энергия ва идоракунии ҷараёни об заминаи муайян фароҳам овард. Бо вуҷуди ин, ин механизм пурра амалӣ нашуд. Гарчанде давлатҳо расман аз созишнома хориҷ нагардиданд, иҷрои муқаррароти он нопурра боқӣ монд.

Иқтисоди энергетикии Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба захираҳои обии ҳамин ҳавза сахт вобаста аст. Дар Қирғизистон истеҳсоли неруи барқ асосан ба гидроэнергетика такя мекунад. Дар Ӯзбекистон бошад, оби Сирдарё дар неругоҳҳои ҳароратӣ ва корхонаҳои нафтӣ барои хунуккунӣ ва дигар равандҳои технологӣ истифода мешавад. Илова бар ин, қисми муҳимми неругоҳҳои барқи обии кишвар низ дар ҳамин ҳавза ҷойгир аст.

Қирғизистон ҳамчун кишвари болооб, ки манбаъҳои асосии оби Сирдарё дар ҳудуди он ташаккул меёбанд, фаъолияти обанборҳои худро пеш аз ҳама ба талаботи истеҳсоли неруи барқ мутобиқ кардааст. Аз ҳамин сабаб, реҷаи кори онҳо бештар ба давраи зимистон равона мешавад, ки ин ба тавозуни манфиатҳои кишварҳои поёноб таъсир мерасонад. Ин сиёсат пеш аз ҳама ба таъмини аҳолӣ бо неруи барқ ва гармӣ равона гардида, ҳамзамон, ба низоми тақсимоти мавсимии об дар поёноб таъсири муайян мерасонад [83, с. 297].

«Санадҳои меъёрии соҳаи об, аз ҷумла кодексҳои оби Тоҷикистон (1993), Қирғизистон (1994), Қазоқистон (2003), Ӯзбекистон (1993) ва Туркманистон (1993) муқаррар менамоянд, ки ҳамаи манбаъҳои об ба ихтиёри давлат қарор дошта, тартиби истифода ва идоракунии онҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад» [98, с. 59-60].

Муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар самти истифодаи мушатраки захираҳои об дар Осиёи Марказӣ аз соли 20218 инҷониб кулла тағйир карда, принсипҳои дипломатӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамсоягии нек дар меҳвари таваҷҷуҳи роҳбарияти олии сиёсии кишварҳо ва амалияи фаъолияти сиёсӣ қарор гирифтанд.

Дар ин замина, дипломатияи обӣ ҳамчун воситаи пешгирии низоъҳо ва тақвияти ҳамкорӣ аҳаммияти хоса пайдо кардааст. Он ҳамчун механизми амалии ноил шудан ба амнияти обӣ, ки бар асоси принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муколама ва манфиати мутақобила асос ёфтааст, хизмат мекунад. Мисолҳои муваффақонаи созишномаҳои бисёрҷониба ва комиссияҳои муштарак нишон медиҳанд, ки равишҳои дипломатӣ ва ҳамоҳангшуда устувории дарозмуддатро таъмин мекунанд ва хатари низоъро коҳиш медиҳанд.

Тақвияти амнияти обӣ ба равиши ҳамаҷониба, аз ҷумла идоракунии самараноки захираҳо, ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамгироии стратегияҳои экологӣ ва сиёсӣ ниёз дорад. Дар оянда, ҳамоҳангии баҳси махсусиятҳои геополитикаи об ва дипломатияи обӣ қодир аст, ки асоси бунёди нави ҷаҳони устуворро ташаккул диҳад, ки дар он об омили низоъ нест, балки рамзи ҳамкорӣ ва рушд аст.

Метавон хулоса намуд, ки об дар пайи омилҳои муайян дар фосилаи муайяни таърихӣ аз сарвати оддитарини табиӣ ба абзори таъсиррасонии геополитикӣ табдил ёфт ва таъмини амнияти обӣ ба масъалаи аввалиндараҷаи рӯзномаи сиёсии ҷаҳон мубаддал гардид.

Ҷиҳати пешгирии истифодаи захираҳои об ҳамчун абзори таъсиррасонии геополитикӣ ва таъмини амнияти дарозмуддат ва устувори обӣ зарур мешуморем:

- Конвенсияи ҷаҳонии пешгирии истифодаи захираҳои об ҳамчун абзори таъсиррасонии геополитикӣ таҳия ва қабул карда шавад;

- дар заминаи Ҳадафи 6-уми Ҳадафҳои Рушди Устувори СММ Конвенсияи ҷаҳонии амнияти об қабул карда шавад;

- Стратегияи дарозмуддати истифодаи оқилона ва муштараки захираҳои об дар Осиёи Марказӣ таҳия ва қабул карда шавад.

Ҳамин тариқ дар доираи параграфи мазкур масъалаи амнияти геополитикии об мавриди пажуҳиш қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявии масъалаи мазкур мавриди таҳлил қарор дода шуд.

2.2. Ҷойгоҳи дипломатияи об дар таъмини амнияти обӣ дар шароити муосир

Дар шароити муосири рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва афзоиши аҳаммияти захираҳои обӣ ҳамчун омили стратегӣ, дипломатияи об тадриҷан ба яке аз омилҳо ва воситаҳои муҳимму калидии таъмини амнияти об ва ҷузъи муҳимми сиёсати давлатӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ табдил меёбад. Об ва захираҳои обӣ ҳамчун асоси иқтисодии қудрати сиёсӣ ва дорои аҳаммияти геополитикӣ на танҳо воситаи танзими муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи захираҳои обӣ, балки воситаи стратегии ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини суботи дарозмуддати давлатӣ ба шумор меравад.

Дар шароити муосир дипломатия ба яке аз воситаҳои асосии ҳалли бухронҳо ва манфиатҳои геополитикӣ вобаста ба захираҳои табиӣ, аз ҷумла вобаста ба об мебошад. Новобаста аз он, ки масъалаи мазкур тавсифи васеъ ва муҳимми бештареро талаб мекунад, аммо ба таври мухтасар дар баррасии ҷанбаҳои геополитикии амнияти обӣ дар шароити муосир ишора намудан аз аҳаммият холӣ нест. Дипломатияи об воситаи таъмини амнияти обӣ ба ҳисоб меравад. Дар муносибатҳои байналмилалии муосир, об на танҳо ҳамчун объекти идоракунии захираҳои табиӣ, балки ҳамчун мавзуи дипломатия ва муколамаи стратегӣ низ баррасӣ мешавад. Мафҳуми “дипломатияи об” маҷмуи механизмҳо ва амалияҳоро барои гуфтушунид байни кишварҳо оид

ба масъалаҳои идоракунии муштараки захираҳои об дар бар мегирад. Дар аввал, он танҳо шаклҳои байнидавлатии ҳамкорӣ, аммо дар даврaи глобаликунонӣ, дипломатияи об хусусияти бисёҷанба пайдо кардааст, ки ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷомеаҳои илмӣ, бахши хусусӣ ва ташаббусҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегирад. Ҳадафи асосӣ табдил додани об аз манбаи эҳтимолии низоъ ба пояи ҳамкорӣ ва манфиати мутақобила мебошад.

Пояҳои ҳуқуқии дипломатияи об ба таври низомманд дар “Конвенсияи СММ оид ба обҳои фаромарзӣ” ва дигар санадҳои байналмилалӣ инъикос ёфтаанд, ки истифодаи муштарак ва идоракунии дарёҳо ва кӯлҳои фаромиллиро танзим менамоянд. Дар амал, ин равиш тасдиқ мекунад, ки низоъҳои обӣ бештар тавассути гуфтушунидҳо на бо зӯр ҳал карда мешаванд. Тибқи мониторинги байналмилалӣ, дар тӯли ҳафт даҳсолаи охир тақрибан 300 созишномаи обҳои фаромарзӣ баста шудаанд, дар ҳоле ки шумораи низоъҳои шадиди обӣ аз 40 зиёд нашудааст [73]. Ин самаранокии дипломатия ва воситаҳои гуфтушунидро дар нигоҳ доштани суботи минтақавӣ нишон медиҳад.

Самти калидии дипломатияи муосири обӣ иштироки субъектҳои байналмилалӣ дар ҳалли низоъҳои обӣ мебошад.

Барои чӣ таҳлил аз масъалаҳои геополитикии об якбора ба дипломатияи об мегузарад?

Мушкилоти дастрасӣ ба об имрӯз аз муҳимтарин масъалаҳои глобалӣ ба шумор меравад. Аҳолии рӯйи Замин босуръат меафзояд ва боиси афзоиши талабот ба захираҳои обӣ мегардад. Аз дидгоҳи илми сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти миллӣ, дипломатияи об шакли махсуси ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳо дар шароите мебошад, ки об тадриҷан ба захираи нодир, сармояи геостратегӣ ва омили таъсиргузор ба мувозинати қудратҳо табдил ёфтааст.

Илова бар ин, саноатикунонии босуръат ва шаҳрнишинӣ партовҳои зиёди саноатӣ ва ифлосшавии обро ба бор оварда, сифати захираҳои оби

тозаро коҳиш дода истодааст. Дар бисёр кишварҳо инфрасохтори кӯҳнаи обтаъминкунӣ боис шуда истодааст, ки қисми зиёди оби полезӣ бенатиҷа талаф ёбад. Тибқи баъзе таҳлилҳо, то 37 фоизи тамоми оби истифодашаванда бинобар мудирияти ғайрисамаранок ва технологияҳои кӯҳнаи обёрии замони шуравӣ аз даст меравад. Ин гуна талафоти бузург вазъи норасоии обро боз ҳам шадидтар мегардонад [179].

Илова ба афзоиши талабот ва мудирияти нокифоя, тағйирёбии иқлим низ дастрасӣ ба захираҳои обиро душвортар намудааст. Гарчанде ки Конфронси аввалини байналмилалӣ оид ба об соли 1977 дар марҳилаи ибтидоии шаклгирии мушкилоти иқлим баргузор гардида буд, пас аз гузашти тақрибан ним аср тағйирёбии глобалии иқлим ба яке аз таҳдидҳои ҷиддитарини замони муосир табдил ёфтааст [86, с. 75-76]. Гарму хушк шудани иқлим, обшавии пиряхҳо, хушксолиҳои пайдарпай ва дигар офатҳои табиӣ, ки натиҷаи тағйирёбии иқлиманд, боиси кам шудани захираҳои оби тоза ва ноустувортар гардидани таъминоти об мегарданд.

Бо назардошти ин таҳдидҳо, ҷомеаи ҷаҳонӣ пай бурдааст, ки ҳалли мушкилоти печидаи об бе ҳамкориҳои фарогир ва дипломатияи фаъоли об ғайримумкин аст. Мушкилоти об бо сарҳадҳои сиёсӣ маҳдуд намешаванд. Дарёву кӯлҳо миёни чандин давлат ҷорӣ мегарданд ва истифодаи оқилонаи онҳо талоши муштаракро тақозо мекунад. Яъне дар рӯбарӯйи таҳдиди муштараки норасоии об кишварҳо бояд манфиатҳои умумиро дарк кунанд ва ҳамкориҳоро боло аз ихтилофот гузоранд. Дар идома, таҳлили муфассали масъалаҳои марбут ба норасоии захираҳои об, таъсири тағйирёбии иқлим ба ин раванд ва зарурати тақвияти дипломатияи об ҳамчун василаи ҳалли самараноки ин мушкилот пешниҳод мегардад. Ҳамчунин, таҷрибаи Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун намунаи барҷаста баррасӣ хоҳад шуд, зеро ин минтақа ҳам бо мушкилоти дастрасӣ ба об рӯбарӯ мебошад ва ҳам дар пешбурди дипломатияи об нақши фаъол дорад.

Дар чунин шароит, дипломатияи об ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати хориҷӣ ва низоми таъмини амнияти миллӣ ба давлатҳо имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҳассос ва мураккаби вобаста ба истифода, тақсимот ва идоракунии захираҳои оби фаромарзӣ дар доираи ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ, талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳои амнияти дастаҷамъӣ мавриди баррасӣ ва танзим қарор гиранд. Арзёбии илмии ҷойгоҳи дипломатияи об нишон медиҳад, ки он метавонад ҳамчун механизми пешгирикунандаи таҳдидҳои амниятӣ, аз ҷумла коҳиши хавфи низоъҳои захиравӣ, тақвияти эътимоди мутақобила ва ташаккули муҳити мусоиди ҳамкории минтақавӣ хизмат намояд. Барои Тоҷикистон, ки дорои иқтидори бузурги гидрологӣ ва нақши калидӣ дар низоми обии минтақа мебошад, дипломатияи об аҳаммияти хоссаи стратегӣ дошта, ба сифати василаи татбиқи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва таҳкими амнияти миллӣ баромад мекунад. Аз дидгоҳи назариявии амнияти миллӣ, дипломатияи об ба доираи масъалаҳои муҳити зист, ё иқтисод маҳдуд набуда, ба равандҳои сиёсӣ, амниятӣ ва геополитикӣ низ таъсири фарогир мерасонад. Идоракунии самараноки захираҳои об метавонад ҳамчун омили муҳимми таҳкими суботи давлатӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва боло бурдани нуфузи байналмилалии кишвар хизмат намояд. Дар вазъияти муосире, ки рақобат барои захираҳо торафт фаромиллӣ ва бисёрҷанба мегардад, дипломатияи об ба ҳайси фишанги стратегии “қудрати нарм” баромад мекунад. Он ба давлат имкон медиҳад, ки бо истифода аз ташаббусҳои созанда, муколамаи сиёсӣ ва ҳамкории институтсионалӣ, ҳамзамон, манфиатҳои миллии худро ҳимоя намуда, симои шарики масъули ҷомеаи байналмилалиро тақвият бахшад.

Ҳамин тариқ, ҷойгоҳи дипломатияи об дар таъмини амнияти об аз диди илмӣ ва стратегӣ ба таври мусбӣ арзёбӣ гардида, он ҳамчун омили муҳимми ҳамгироии манфиатҳои миллӣ, амнияти давлатӣ ва рушди устувор баромад менамояд. Дипломатияи об, ки ба донишҳои илмӣ, таҳлилҳои геополитикӣ ва манфиатҳои стратегии амнияти миллӣ такя мекунад, барои давлатҳо

имкони нав фароҳам месозад. Дар доираи чунин равиш об аз манбаи эҳтимолии таниш ба абзори мусоиди таҳкими сулҳ, субот ва рушди дарозмуддат табдил меёбад.

Мазмуни дипломатияи об маҷмуи чораҳо ва равандҳои ҳамоҳангшударо дар бар мегирад. Он ба пойдории муносибатҳои байнидавлатӣ, афзоиши эътимод, тавсеаи ҳамгироӣ ва рушди ҳамкории фаромиллӣ равона шудааст. Ҳамзамон, истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои об дар ҳавзаҳои муштараки минтақавӣ яке аз меҳварҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин замина, таъмини дастрасии аҳолӣ ба манбаъҳои боэътимод ва бехатари об ба сифати афзалияти сиёсати обӣ мавқеи марказӣ пайдо мекунад.

Бо афзоиши пайвастаи мураккабии мушкилоти марбут ба захираҳои об, мафҳуми амнияти об тадриҷан ба унсури ҷудонашавандаи амнияти миллӣ ва ҳамзамон, амнияти байналмилалӣ табдил ёфтааст. Пойдории рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ, инчунин, вазъи устувори сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа дар шароити муосир то андозае аз сатҳ ва сифати таъмини аҳолӣ бо ҳаҷми кофии захираҳои об вобастагии мустақим дорад.

Масъалаи амнияти об зери таваҷҷуҳ ва таҳлилу таҳқиқи олимон ва коршиносон қарор дошта, доир ба он андешаю назарҳои гуногун мавҷуд мебошанд.

Мафҳуми «амнияти об» шаклан падидаи нав, вале моҳиятан падидаи дорои решаҳои таърихӣ буда, фарогири масъалаҳои табиии таъмини бехатарии ҷомеа вобаста ба дастрасӣ ба ҳаҷми кофии об, ҳифзи ҷомеа аз офтаҳои табии марбут ба об ва пайомадҳои хавфноки омилҳои антропогении вобаста ба обро дарбар мегирад.

Ба андешаи Д. Грей, «амнияти об ҳамчун мавҷудияти об дар миқдор ва сифати қобили қабул барои таъмини саломатӣ, воситаҳои зиндагӣ, экосистемаҳо ва истеҳсолот ва сатҳи қобили қабули хатарҳои марбут ба об ба одамон, муҳити зист ва иқтисодиёт муайян карда мешавад» [181, с. 545-57].

Тибқи мандешаи дигар, «амнияти об гуфта, имконияти дастрасии устувори аҳолӣ ба миқдори кофии оби босифат, ки барои таъмини воситаҳои зиндагӣ, некӯаҳволии инсон ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ он зарур мебошад фаҳмида мешавад. Ҳамзамон, зери ин мафҳум ҳифзи ҷомеа аз захролудшавӣ аз обҳои ифлос, офатҳои марбут ба об, муҳити зист, иқлим ва амнияти сиёсӣ фаҳмида мешава» [181, с. 545-57].

Яке аз мукаммалтарин равишҳо дар самти шарҳу тавзеҳи мафҳуми амнияти об ва усулҳои баҳодиҳии сатҳи он дар санади «Шарҳи рушди об дар Осиё барои соли 2013» инъикос ёфтааст. Ин ҳуҷҷат ҳамчун заминаи таҳлилӣ барои арзёбии пешрафт дар самти таъмини амнияти устувори обӣ барои кишварҳои Осиё ва минтақаи уқёнуси Ором хизмат мекунад. Натиҷаҳои таҳлил, нишондиҳандаҳои рейтингӣ ва маҷмуи маълумоти оморӣ, ки хусусиятҳои мушаххаси кишварҳоро фаро мегиранд, самтҳои афзалиятноки афзоиши сармоягузорӣ, такмили низоми идоракунӣ ва таҳкими иқтидори институтсионалии сохторҳои масъул дар соҳаи танзим ва рушди муносибатҳои вобаста ба захираҳои обро муайян месозанд. Ҳамзамон, Шарҳ чаҳорчӯби методологиро барои омӯзиши тамоюлҳои асосӣ, инчунин, барои арзёбии таъсири сиёсатҳо ва ислоҳот фароҳам оварда, имкони пайгирии онҳо тавассути механизмҳои мониторинг ва ирсоли натиҷаҳо ба ҷонибҳои манфиатдорро муҳайё месозад.

Дар ҷараёни таҳияи чаҳорчӯби таҳлилии мазкур, бо дастгирии Бонки Осиёии Рушд гурӯҳи махсуси корӣ як равиши ҳамгироёфта нисбат ба мафҳуми амнияти об пешниҳод намуд. Ин равиш кӯшиш мекунад фаҳмиши амнияти обро дар шакли низомӣ ва бисёрсатҳӣ ҷамъбаст намояд.

Дар доираи он як қатор нишондиҳандаҳои калидӣ муайян карда шуданд. Ба онҳо, пеш аз ҳама, фарогирии ҳамаҷонибаи хизматрасониҳои обтаъминкунӣ дар ҳамаи ҷамоатҳо дохил мешавад. Ҳамчунин, таъмини устувории соҳаҳои калидии иқтисод, кишоварзӣ, саноат ва энергетика

ҳамчун ҷузъи муҳим эътироф мегардад. Самти дигар рушди инфрасохтори шаҳру деҳот мебошад.

Илова бар ин, дар чаҳорчӯби мазкур барқарорсозӣ ва ҳифзи ҳолати экологии дарёҳо ва экосистемаҳои вобаста ба онҳо мавқеи марказӣ дорад. Ҳамзамон, ташаккули ҷамоатҳои устувор, ки қобилияти мутобиқшавӣ ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва табииро доранд, ҳамчун шарти муҳимми таъмини амнияти об арзёбӣ мешавад [159].

Консепсияи амнияти об дорои хусусияти бисёрченака ва фарогир буда, ҳамчун ифодаи ҳадафи ниҳоии низоми идоракунии захираҳои об баромад менамояд. Мазмуни асосии он ба беҳтарсозии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ равона гардида, ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалии ҳамгиро барои қабули қарорҳо хизмат мекунад. Ин консепсия барои доираҳои гуногуни манфиатдор, аз ҷумла сиёсатгузорон, намояндагони бахши хусусӣ, коршиносони соҳаи об, мутахассисони соҳаҳои марбут ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ майдони муколама ва ҳамоҳангсозии манфиатҳоро фароҳам меорад. Дар ҳамин замина, амнияти об ҳамчун нуқтаи ибтидоии музокирот дар масъалаҳои мураккаби тақсимоти захираҳои маҳдуди об байни ниёзҳои гуногун, ки аксаран хусусияти рақобатӣ ва ҳатто мухолиф доранд, баррасӣ мегардад.

Татбиқи муассири консепсияи амнияти об талаб мекунад, ки меъёрҳо ва параметрҳои асосии он ба таври возеҳ муайян карда шаванд. Ҳамзамон, зарурати таҳияи ҳадафҳои стратегӣ ва интихоби абзорҳои муассири расидан ба онҳо ба миён меояд. Ин раванд содда нест. Он марҳилаҳои пайдарпайи банақшагирӣ, иҷро ва арзёбиро дар бар мегирад.

Заминаи таъмини амнияти об ба маҷмуи нишондиҳандаҳои калидӣ такя мекунад. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи мавҷудияти кофии захираҳои оби босифат меравад, то ниёзҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ қонеъ гарданд ва ҳамзамон, тавозуни экологӣ халалдор нашавад. Самти дуюм, идоракунии хавфҳои вобаста ба об мебошад. Ба ин гурӯҳ обхезӣ, хушксолӣ ва

ифлосшавии манбаъҳо дохил мешаванд. Ҷузъи дигар пешгирӣ ва танзими ихтилофҳое мебошад, ки метавонанд дар раванди истифода ва тақсимоти захираҳои муштараки об ба вуҷуд оянд.

Таҳлили ин нишондиҳандаҳо гувоҳӣ медиҳад, ки вазъи амнияти об дар миқёси ҷаҳонӣ дар ҳолати ноустувор ва ғайриқаноатбахш қарор дорад. Ба истиснои шумораи маҳдуди давлатҳо, дар аксари минтақаҳои ҷаҳон на таъмини пурраи амнияти об, балки сатҳи баланди хатарҳои марбут ба об мушоҳида мешавад.

Қитъаи Африка дар вазъи нисбатан вазнин қарор дошта, танҳо қисми ками аҳолии он ба манбаъҳои доимӣ ва устувори об дастрасӣ доранд. Дар муқоиса, қораи Аврупо сатҳи нисбатан қаноатбахши таъминоти обро доро буда, дар аксари кишварҳои он барои зиёда аз аксари аҳолӣ шароити мусоиди дастрасӣ ба захираҳои обӣ муҳайё мебошад [60, с. 173]. Буҳрони обӣ ба яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ барои минтақаи Осиё табдил ёфтааст, минтақае, ки дар он тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳон зиндагӣ намуда, ҳамзамон, танҳо қисми муайяни захираҳои ҷаҳонии об мутамарказ гардидааст.

Дар шароити имрӯзӣ масъалаи дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар барои қисми зиёди аҳолии ҷаҳон ҳанӯз ҳал нашудааст. Тақрибан дар ҳудуди 80 кишвар аҳолӣ бо норасоии доимии оби тоза рӯ ба рӯ мебошад. Барои миллионҳо нафар ин мушкилот хусусияти ҳаррӯза дошта, таъминоти устувори оби нӯшокӣ таъмин нест.

Яке аз ҷанбаҳои нигаронкунандаи буҳрон ба сифати об вобаста аст. Дар бисёр мавридҳо аҳолӣ маҷбур мешавад аз манбаъҳои номувофиқ ё ифлос истифода барад. Ин ҳолат хатари ҷиддиро ба саломатии одамон эҷод мекунад. Паёмадҳо танҳо ба соҳаи тандурустӣ маҳдуд намешаванд. Онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи некӯаҳволии ҷомеа низ таъсири манфӣ мерасонанд.

Арзёбиҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки ҳар сол садҳо миллион нафар бар асари истифодаи оби бесифат ба бемориҳои гуногун гирифтор

мешаванд. Аз ҳама ташвишовар он аст, ки камбуд ва пастсифатии об боиси фавти миллионҳо нафар мегардад. Аз ин рӯ, буҳрони об тадриҷан ба яке аз мушкилоти ҷиддии башардӯстонаи сатҳи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст [165]. Ҳаҷми талафоти инсонӣ дар баъзе солҳо бо бисёре аз кишварҳо баробар арзёбӣ мешавад, ки аҳаммияти фаврии ҳалли ин масъалаҳоро боз ҳам равшан месозад.

Дар ин замина, тағйирёбии глобалии иқлим ҳамчун омили муҳимми ташдидкунандаи норасоии об арзёбӣ мегардад. Таъсири ин раванд пеш аз ҳама тавассути тағйирёбии низоми гидрологӣ ва захираҳои обӣ зоҳир мешавад. Дар баъзе давлатҳо хушксолӣ ва камобӣ шадидтар мешавад, дар баъзе ҷойҳо борону обхезиҳои харобиовар зиёд мегарданд. Таҳлили омӯзишҳо нишон медиҳад, ки гармшавии глобалӣ махсусан ба минтақаҳои кӯҳистонӣ ва пиряхдор таъсири сахт дорад. Масалан, дар Осиёи Марказӣ, ки пиряхҳои Бадахшону Тиёншон сарчашмаи аслии оби дарёҳо ҳастанд, сатҳи пиряхҳо дар 50–60 соли охир тақрибан 30 фоиз коҳиш ёфтааст. Обшавии босуръати пиряхҳо дар вақти кӯтоҳмуддат сабаби зиёд шудани ҷараёни оби дарёҳо мешавад (боиси ба истилоҳ «пики об» мегардад), вале баъди об шудани ҳиссаи зиёди ях, дар дарозмуддат ҳаҷми ҷараёни об ба таври назаррас коҳиш меёбад [178]. Пешбинӣ мешавад, ки то соли 2050 ҳаҷми оби дарёҳои бузург, мисли Амударё ва Сирдарё, метавонад боз 10-15 фоиз кам гардад [179], агар гармшавӣ бо ин шиддат идома ёбад.

Аз маълумоти Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ва Хазинаи кӯдакони СММ бармеояд, ки мушкилоти об ва санитария ҳамоно яке аз омилҳои ҷиддии хатари саломатии кӯдакон боқӣ мемонад. Ҳар сол тақрибан 1,5 миллион кӯдаки то панҷсола бар асари набудани дастрасии устувор ба оби бехатар, инчунин, камбуди шароити санитарӣ ва гигиенӣ фавтида мешаванд. Ин вазъ паҳншавии бемориҳои вобаста ба оби пастсифатро тезонидааст.

Оқибатҳои иҷтимоии масъала дар соҳаи маориф низ равшан эҳсос мегарданд. Кӯдакон бинобар бемориҳои марбут ба об ва санитарияи нокифоя

маҷбур мешаванд миқдори зиёди рӯзҳои таҳсилро аз даст диҳанд. Дар маҷмуъ, ҳар сол сухан дар бораи садҳо миллион рӯзи аздастрафтаи таҳсил меравад. Ин ҳолат ба сифати омӯзиш ва рушди зеҳнии хонандагон таъсири манфӣ мерасонад.

Илова бар ин, тибқи арзёбиҳои мавҷуда, тақрибан 31 фоизи муассисаҳои таълимӣ дар миқёси ҷаҳонӣ аз дастрасии мустақим ба манбаъҳои оби тоза маҳрум буда, ин ҳолат мушкилоти мавҷударо дар соҳаи таъмини шароити бехатар ва солими таҳсил боз ҳам шадидтар мегардонад [3].

«Вобастагии камбизоатӣ ва дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ равандҳои мутақобилан вобаста мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки шумораи шахсоне, ки рӯзона даромади онҳо камтар аз 1,25 доллари ИМА мебошад, ба таври назаррас ба шумораи аҳолие рост меояд, ки дастрасии кофӣ ба оби тозаи ошомиданӣ надоранд. Ин алоқамандӣ нишон медиҳад, ки норасоии молиявӣ як омили калидӣ дар маҳдуд гардонидани дастрасии аҳолӣ ба захираҳои оби бехатар ва таъсири он ба саломатӣ ва некӯаҳволии иҷтимоиву иқтисодии ҷамъият мебошад» [151].

Тибқи пешнгуиҳои байналмилалӣ аз ташдиди буҳрони об дар даҳсолаи наздик ҳушдор медиҳанд. Интизор меравад, ки то соли 2030 тақрибан нисфи аҳолии ҷаҳон бо шаклҳои гуногуни норасоии об рӯ ба рӯ гардад. Дар чунин сенария фишор ба захираҳо метавонад ба муҳоҷирати маҷбурӣ низ сабаб шавад. Тибқи арзёбиҳо, аз 24 то 700 миллион нафар эҳтимолан водор мешаванд маҳалли зисти худро тарк намоянд.

Паёмадҳои чунин раванд танҳо ба муҳити зист маҳдуд намешаванд. Онҳо метавонанд ба суботи иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ ва тавозуни экологӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Аз ин рӯ, норасоии об имрӯз танҳо як масъалаи экологӣ арзёбӣ намегардад. Он ба мушкили фарогири башардӯстона ва стратегӣ табдил ёфтааст. Ҳалли саривақтии он барои ҳифзи устувории ҷомеа ва таҳкими амнияти инсонӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад [153].

Тибқи арзёбиҳои мавҷуда, имрӯз зиёда аз ду миллиард сокини сайёра дар шароити хавфи камбуди об қарор доранд. Ба андешаи мутахассисон, то соли 2050 ин нишондиҳанда метавонад ба тақрибан панҷ миллиард нафар бирасад, ки ба қарибӣ нисфи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад. Ин оморҳо таҳдиди густардаи норасоии обро на танҳо ҳамчун мушкили экологии глобалӣ, балки ҳамчун чолиши стратегӣ ва иҷтимоӣ барои башарият инъикос менамоянд [16]. Ҳисоботи СММ аз соли 1998 нишон медиҳад, ки мушкили норасоии об дар сатҳи ҷаҳонӣ дар тӯли чандин даҳсола ба таври назаррас афзудааст.

Маълумоти таърихӣ нишон медиҳад, ки миқёси норасоии об дар ҷаҳон пайваста афзоиш ёфтааст. Агар соли 1950 танҳо 12 давлат бо аҳолии камтар аз 50 миллион нафар ба ин мушкил рӯ ба рӯ буданд, то соли 1990 вазъ ҷиддитар шуд. Дар он давра аллакай тақрибан 300 миллион нафар аз 26 кишвар бо камбуди об дучор омада буданд.

Арзёбиҳои муосир тамоюли боз ҳам нигаронкунандаро нишон медиҳанд. Дар соли 2021 зиёда аз 2,1 миллиард нафар ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасӣ надоштанд. Ҳамзамон, тақрибан 4,5 миллиард нафар аз хизматрасониҳои асосии санитарӣ маҳрум буданд. Ин нишондиҳандаҳо афзоиши босуръати талабот ва нобаробарии тақсимоти захираҳои обро дар сатҳи ҷаҳонӣ инъикос мекунанд.

Тибқи ҳисобҳо, норасоии об аллакай ба тақрибан 40 фоизи аҳолии сайёра таъсир мерасонад. Илова бар ин, то 80 фоизи обҳои истифодашуда бидуни коркарди аввалия ба муҳити зист бармегарданд, ки ин фишорро ба экосистемаҳо бештар мекунад. Пешгӯиҳо нишон медиҳанд, ки то соли 2050 шумораи кишварҳои рӯбарӯ бо буҳрони об метавонад ба 65 расад ва аҳолии дар минтақаҳои осебпазир зиндагикарда ба марзи тақрибан 10 миллиард нафар наздик шавад.

Маълумоти мавҷуда гувоҳӣ медиҳанд, ки дар шароити кунунӣ амнияти обӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар вазъияти ҳассос қарор дошта, ба ташаккули нобаробарӣ, афзоиши сатҳи камбизоатӣ, ҳамчунин, болоравии ҷиноятқорӣ ва

ноамнӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мусоидат менамояд. Давлатҳое, ки имкони таъмини аҳолии худро бо ҳаҷми кофии об, аз ҷумла оби нӯшокии бехатар, надоранд, бо мушкилоти ҷиддӣ дар самти таъмини амнияти миллӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Тағйирёбии иқлим, ки ба захираҳои об таҳдиди мустақим эҷод мекунад, ин вазъиятро боз ҳам печидатар мегардонад.

Дар шароити муосир амнияти обӣ бо амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ робитаи бевосита дорад. Об барои фаъолияти кишоварзӣ ва истеҳсоли неруи барқ захираи асосӣ ба шумор меравад. Бе таъминоти устувори об рушди кишоварзӣ маҳдуд мешавад ва амнияти озуқаворӣ осеб мебинад. Ҳамзамон, бахши энергетика махсусан гидроэнергетика ва иқтисоди “сабз” низ ба дастрасии боэътимоди захираҳои об вобаста аст. Аз ин рӯ, се соҳаи об, озуқаворӣ ва энергия як низоми ба ҳам пайвастаро ташкил медиҳанд.

Бо ҳамин мантиқ, таъмини амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ ба қатори авлавиятҳои стратегии сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ дохил мешавад. Истифодаи устувори ин захираҳо танҳо дар сурати татбиқи равишҳои ҳамоҳангшудаи байнисоҳавӣ имконпазир аст. Солҳои охир таваҷҷуҳ ба банақшагирии ҳамгироёна ва тақвияти ҳамкории фаромарзӣ дар ин самт ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Арзёбии самаранокии чунин ҳамоҳангсозӣ барои таъмини рушди устувор ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Дар таҳлилҳои байналмилалӣ мафҳуми «амният» ба дастрасии устувор ва эътимодноки захираҳои об, озуқаворӣ ва энергия рабт дода мешавад. Тибқи арзёбии UNECE, мафҳуми “алоқамандӣ” робитаи зичи байни ин соҳаҳоро ифода мекунад: тағйирот дар яке ҳатман ба дигарон, инчунин, ба экосистемаҳо таъсир мерасонад [166].

Равиши «алоқамандӣ» ба баланд бардоштани самаранокии ҳамкории байнисоҳавӣ нигаронда шудааст. Он ба даст овардани натиҷаҳои мутақобилан судманд, кам кардани қарорҳои ҷудогонаи ғайримутобиқ ва истифодаи оқилонаи захираҳоро имкон медиҳад. Ҳамчунин, татбиқи он

метавонад паёмадҳои манфии иҷтимоӣ ва экологиро коҳиш диҳад. Ҳадафи ниҳоӣ таҳкими ҳамгироии сиёсӣ ва идоракунӣ барои боло бурдани сатҳи амнияти об, озуқаворӣ ва энергетика мебошад.

Дар ин замина об ҳамчун омили муайянкунандаи рушди устувор баромад мекунад. Бе он фаъолияти самараноки дигар бахшҳо ғайриимкон аст. Аз ҳамин рӯ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳамаи истифодабарандагони об дар доираи идоракунии маҷмуии захираҳои об, бо риояи устувории экологӣ, аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Ба ҳамин маънӣ, амнияти миллӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ бо амнияти обӣ пайванди мустақим доранд. Норасоӣ дар ин бахш метавонад суботи умумиро халалдор созад. Баръакс, ҷомеае, ки амнияти об дар он таъмин аст, бо дастрасии кофӣ ба оби бехатар фарқ мекунад. Дар чунин шароит хавфи обхезӣ, хушксолӣ ва бемориҳои вобаста ба об камтар мешавад. Илова бар ин, амнияти об ба ҳифзи муҳити зист ва таҳкими адолати иҷтимоӣ мусоидат намуда, барои пешгирии ихтилофҳо оид ба захираҳои муштарак замина фароҳам меорад [134]

Таҷрибаи амалии сиёсии тавассути роҳҳои дипломатӣ ҳал намудани мушкилоти об ва таъмини амнияти об, аз ҷумла амнияти минтақавии об дар Осиёи Марказӣ боиси омӯзиш ва истифодаи фароҷаҳонӣ мебошад.

Ҳарчанд дар ин минтақа ҳаҷми захираҳои об ба талаботи мавҷуда ба захираҳои об мувофиқат менамояд, аммо дар даврaҳои муайян таҳдидҳо ба амнияти обӣ ва дар маҷмуъ амнияти минтақавӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Ин таҳдидҳо дар пайи ду омил: якум мушкилоти мураккаби гидроэкологии аз замони шуравӣ боқимонда ва дуюм иродаи сиёсии нисбатан заифи роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷониби кишвари поёноб ҷиҳати ҳамкорӣ ва бо роҳи риояи принсипҳои дипломатӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ ҳал кардани мушкилоти обӣ бо кишварҳои гидродонори минтақа ба вуҷуд омадаанд.

Тавре дар зербобҳои дигар низ қайд карда шуд кишварҳои болооби минтақа - Тоҷикистон ва Қирғизистон сарчашмаи асосии дарёҳои бузург мебошанд ва захираҳои зиёди оби тоза доранд. Аз тарафи дигар, давлатҳои поёноб - Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон, асосан аз обҳои фаромарзӣ истифода мебаранд ва бештари обро барои обёрии заминҳои кишоварзӣ масраф мекунанд. Ин тақсимоти табиии захираҳои обӣ дар замони шуравӣ тавассути низоми мутамаркази банақшагирӣ ба танзим дароварда мешуд, аммо пас аз соли 1991, бо пайдоиши кишварҳои мустақил, мушкили тақсими одилонаи об байни давлатҳо пеш омад.

Тибқи омор, Тоҷикистон солона тақрибан 88,6 километри мукааб оби равон дорад, ки ин зиёда аз 60 фоизи захираҳои обии тамоми Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Қирғизистон низ ҳиссаи қобили мулоҳиза (тахминан 25%) ҷараёни оби минтақаро таъмин мекунад.

Дар маҷмуъ, беш аз 80-85 фоизи оби дарёҳои минтақавӣ дар ҳудуди ин ду кишвари кӯҳистонӣ ташаккул меёбад. Баръакс, кишварҳои ҳамсояи поёноб, аз ҷумла Ӯзбекистон ва Туркманистон худ манбаъҳои чашмраси оби тоза надоранд ва барои обёрии заминҳои васеи пахтаву дигар зироатҳо аз оби дарёҳои фаромарзӣ вобаста мебошанд. Масалан, тақрибан 97% захираҳои обии обёрии Туркманистон аз хориҷ (асосан аз оби дарёи Ому) ворид мешавад ва Ӯзбекистон низ зиёда аз 80 фоизи оби истифодашавандаашро аз хориҷ мегирад. Ин вазъияти вобастагӣ кишварҳои минтақаро ногузир ба ҳамкорӣ ё муноқишаи байниҳамдигарӣ дар масъалаи об қарор медиҳад.

Дар даврони шуравӣ тақсимоти об тавассути созишҳои байниҷумҳуриявӣ ва нақшаҳои мутамарказ ҳал мешуд – барои ҳар кишвар квотаи обӣ таъин гардида буд. Баъди ба даст овардани истиқлолият, соли 1992 бо имзои Созишномаи Алмаато, кишварҳои Осиёи Марказӣ тадбирҳоеро рӯйи кор оварданд, ки ба ҳифзи тақсимоти қаблии захираҳои об равона буданд. Дар ҳамгироӣ бо ин ҳадаф, як сохтори минтақавӣ – Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсози об таъсис дода шуд, ки вазифаи он

танзим ва ҳамоҳангсозии истифодаи захираҳои оби минтақавиро бар уҳда дошт.

Бо мақсади бартараф намудани мушкилоти экологӣ ва иҷтимоии ҳавзаи баҳри Арал, соли 1993 Фонди байналмилалии наҷоти Арал таъсис ёфт. Ин ниҳод вазифадор шуда буд, ки лоиҳаҳои минтақавӣ оид ба барқарорсозӣ ва ҳифзи муҳити зисти баҳри Аралро ҳамоҳанг намояд ва барои рушди устувори минтақавӣ заминаи ҳамкории кишварҳоро фароҳам оварад.

Бо вуҷуди ин талошҳо, солҳои 1990-2000 созишномаҳои обии минтақавӣ чандон самаранок набуданд. Кишварҳои тозаистиқлол, бо мушкилоти иқтисодию сиёсӣ машғул, натавонистанд иҷрои пурраи мувофиқаҳои обиро таъмин кунанд.

Дар натиҷа то 37% оби минтақа бинобар истифодаи бесамар ва инфраструктураи фарсуда талаф мешуд, ки худ нишонаи идомаи мушкилоти мудирияти об буд.

Яке аз оқибатҳои фоҷиабори ин мудирияти номуваффақ фалокати баҳри Арал мебошад. Баҳри Арал, ки замоне чорумин кӯли бузурги ҷаҳон буд, имрӯз ба биёбони хушк табдил ёфтааст. Аз соли 1960 инҷониб масоҳати Арал беш аз 90% коҳиш ёфта, ҳоло тақрибан ба 10%-и ҳаҷми пешинаи худ расидааст. Сабаби асосии хушкшавии Арал ин равона кардани оби дарёҳои Амударё ва Сирдарё ба заминҳои пахтазори минтақа дар даврони Шуравӣ буд, ки баҳрро аз ҷӯйборҳои ғизодиҳандаи худ маҳрум сохт. То соли 1980 баҳри Арал ба ду қисми ҷанубӣ ва шимолӣ тақсим шуд ва сипас қисми шарқии он пурра хушк гардид.

Оқибатҳои ин фалокат назаррасанд: иклими маҳаллӣ тағйир ёфта, тобистонҳо гармтару зимистонҳо сардтар шуданд; сангари намаку рег, ки дар қаъри хушкшудаи баҳр боқӣ мондааст, тавассути шамолҳо ҳазорон тонна зарраҳои намакро ба садҳо километр дуртар мебарад. Ин чангу намак ба заминҳои киштфайз нишаста, ҳосилхезиро паст мекунад ва саломатии аҳолии маҳаллиро таҳти хатар мегузорад. Ҳамчунин, як соҳаи муҳимми иқтисодӣ –

соҳаи моҳигирии баҳри Арал комилан аз байн рафт, ки қаблан зиндагии даҳҳо ҳазор нафарро таъмин мекард. Ҳолати баҳри Арал барои ҷаҳон ҳамчун намунаи ибратомӯзи пайомади муносибати нодурусти инсон ба табиат арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки мушкилоти таъмини дастрасӣ ба захираҳои обӣ дар асри XXI яке аз масоили мубрами амнияти инсоният ба шумор меравад. Дар чунин шароит, кишварҳои ҷаҳон ва бахусус давлатҳое, ки захираҳои обии муштарак доранд, бояд аз ҳарвақта бештар ба ҳам оянд. Таҷрибаи глобалӣ ва минтақавӣ нишон медиҳад, ки роҳи ҳалли ин буҳрон дар таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ тавассути дипломатияи обӣ ниҳон аст. Дипломатияи об метавонад рақобати кӯркӯронаи давлатҳоро ба ҳамкории судманд табдил диҳад, зеро он захираҳои обиро аз мавқеи манфиатҳои умумӣ баррасӣ мекунад. Маҳз ҳамкории доимӣ ва эътимодомез имкон медиҳад, ки кишварҳо захираҳои обиро устувор ва одилона истифода бурда, ҳамзамон, аз таҳдидҳои марбут ба норасоии об пешгирӣ намоянд.

Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ ҳамчун намунаи барҷастаи ин раванд метавонад хидмат кунад. Тоҷикистон бо доштани захираҳои бузурги обӣ ва ҳамзамон, рӯ ба рӯ будан ба мушкилоти норасоии об дар баъзе ноҳияҳои худ дарк намуд, ки танҳо роҳи пешрафт дипломатияи фаъоли об аст. Бо ташаббусҳои пайдарпай дар сатҳи СММ ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистон нишон дод, ки як он метавонад дар ҳаллу фасли мушкилоти глобалӣ саҳмгузор бошад. Ин гуна сиёсати пешгирифта ба болоравии эътибори байналмилалии кишвар низ мусоидат кард ва дипломатияи обро ба яке аз сутунҳои сиёсати хориҷии он табдил дод.

Барои кишварҳои дигари минтақа низ равшан гашт, ки ҳамкории обӣ ба нафъи умум аст. Тағйирёбии иқлим ва фишорҳои демографӣ дигар имкон намедиҳанд, ки ҳар кас мушкилоти обро танҳо ҳал кунад. Аз ин рӯ, дар солҳои охир қадамҳои умедбахше дар роҳи беҳбуди муколамаи обӣ дар

Осиёи Марказӣ гузошта шуданд. Аз созишҳои нави дуҷониба (мисли Тоҷикистон ва Ӯзбекистон) то конфронсу форумҳои минтақавӣ, ки ҳама аҳаммияти захираҳои обиро барои амният ва рушди устувор таъкид мекунанд

Дипломатияи об на танҳо як ҷузъи техникӣ ё соҳаи маҳдуди ҳамкорӣ, балки воситаи муҳимми таъмини амнияти минтақавӣ ва миллӣ мебошад. Тавассути дипломатияи об кишварҳо метавонанд роҳҳои эътимодсозиро пайдо кунанд, баҳсҳои деринаро ҳал намоянд ва пояҳои сулҳу суботи дарозмуддатро таҳким бахшанд. Ҳамин тавр, дипломатияи об дар ҳалли мушкилоти дастрасии об ҷойгоҳи калидӣ дорад.

Дар замоне ки таҳдидҳои глобалӣ афзоиш меёбанд ва ҳамбастагии байни кишварҳо ва ҷомеаҳо заруртар мешавад, об метавонад ҳам ҳамчун нишонгари зарурати ҳамкорӣ ва ҳам ҳамчун пайванди иҷтимоиву иқтисодӣ хизмат намояд. Аз ин имконият танҳо дар сурати истифодаи оқилона ва бо назардошти манфиати умумии башарият метавон ба таври устувор истифода бурд, то об ҳамчун омили рушди ҳамгиро ва таҳкими амнияти глобалӣ фаъолият намояд.

Бо назардошти таҳлили анҷомёфта, таклифҳои зерин манзур карда мешаванд:

- эълон намудани солҳои 2030-2050 – Бистсолаи таъмини амнияти об дар ҷаҳон;

- дар шаҳри Душанбе бунёд намудани Маркази байналмилалии дипломатияи об;

- дар заминаи институтҳои илмии соҳавии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳия ва амали намудани лоиҳаи минтақавии таҳқиқотии дипломатияи об.

Роҳандозӣ намудани пешниҳодҳои болозикр метавонад дар амалияи сиёсии имрӯз ба ҳалли мушкилоти вобаста ба об, рушди ҳамаҷонибаи дипломатияи об ва таъмини амнияти об дар ҷаҳон ва минтақаҳои алоҳида саҳми арзишманд гузоранд.

БОБИ III. МАСЪАЛАИ ОБ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Аҳаммияти дипломатияи об дар таҳкими имиҷи сиёсии Тоҷикистон

Таҳкими мақоми байналмилалӣ барои ҳар як давлати соҳибихтиёр аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии он маҳсуб ёфта, он тавассути василаҳои гуногуни иқтисодию гуманитарӣ ва сиёсию ҳарбӣ анҷом дода мешавад. Таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои соҳибихтиёри ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳар як кишвар бо истифода аз имкониятҳои худ дар арсаи байналмилалӣ мавзуъҳо ва самтҳои хосро ҳадафмандона мавриди пайгирӣ ва пешбурд қарор дода, тавассути он ба таҳкими мақом ва нуфузи хеш бунё гузоштааст.

Қисме аз кишварҳои ҷаҳон бо назардошти ҳудуд, ҳаҷми калони захираҳои табиӣ, иқтидори иқтисодӣ, шумораи аҳолӣ, иқтидори ҳарбӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ мақоми байналмилалӣ пайдо намуда, имиҷи хосаро касб намудаанд.

Бештари ҳолатҳо мақоми байналмилалии кишварҳо, алалхусус кишварҳои нисбатан хурд аз муносибати онҳо бо масъалаҳои ҳаётан муҳими рӯзномаи сиёсии ҷаҳонӣ ва саҳмгузорӣ дар ҳалли чунин масъалаҳо вобаста аст.

Имрӯз таркиби ин масъалаҳо гуногунсамт ва бисёрсоҳа буда, афзалияти бештар ба ҳалли масъалаҳои сулҳ ва амнияти пойдор дар ҷаҳон, амнияти озуқаворӣ, коҳиш додани пайомадҳои манфиии тағйирёбии иқлим, таъмини дастрасии бештари ҷомеа бо ҳаҷми зарурии об, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ дода шудааст.

Дар шароити муосири рушди тағйирёбии иқлим, камшавии захираҳои табиӣ, афзоиши аҳолӣ ва шиддат гирифтани рақобати геополитикӣ барои дастрасӣ ба манобеи ҳаётан муҳим тавсиф меёбад. Дар чунин замина,

дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси фаъолияти сиёсӣ ва дипломатӣ зуҳур намуда, ба воситаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳо, ташаккули эътимоди мутақобил ва пешгирии ихтилофҳои марбут ба захираҳои обӣ нақши муҳим мебозад. Ин раванд махсусан барои кишварҳое аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад, ки дар минтақаҳои дорои вобастагии баланди гидрологӣ қарор дошта, нақши калидӣ дар ташаккули низоми обии фаромиллӣ доранд.

Тоҷикистон, ки сарчашмаи асосии захираҳои обии Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад, дар низоми минтақавии идоракунии об мавқеи стратегӣ дорад. Аз замони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон масъалаи обро ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ табдил дода, ба ҳамгироӣ ва ҳамкории минтақавию байналмилалӣ таваҷҷуҳ кардааст.

Идоракунии устувори захираҳои об барои Тоҷикистон аз доираи як масъалаи сирф дохилӣ фаротар рафта, ба унсури муҳимми сиёсати минтақавӣ ва равандҳои ҳамгироии иқтисодию энергетикӣ табдил ёфтааст. Ташаккули дипломатияи об дар Тоҷикистон низ дар ҳамин замина сурат гирифтааст. Ин раванд танҳо посух ба талаботи рушди устувори дохилӣ ва амнияти экологӣ набуда, он ҳамзамон, ҳамчун абзори таъсиргузории беруна ва муаррифии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ хизмат мекунад. Бо ин васила, сиёсати об ба яке аз омилҳои таҳкими мавқеи сиёсӣ ва имиҷи байналмилалии Тоҷикистон мубаддал гардидааст. Маҳз тавассути ташаббусҳои пайдарпай дар сатҳи СММ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ, Тоҷикистон тавонист худро ҳамчун давлати масъул, ташаббускор ва ҷонибдори ҳамкории глобалӣ дар масъалаҳои об муаррифӣ намояд.

Аҳаммиияти дипломатияи об дар таҳкими имиҷи сиёсии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ин раванд имкон фароҳам меорад, то кишвар на танҳо ҳамчун субъекти манфиатдор, балки ҳамчун субъекти тавлидкунандаи арзишҳои умумибашарӣ, аз қабили ҳамбастагии байналмилалӣ ва рушди устувор баромад намояд. Дипломатияи об дар ин замина ба воситаи

ҳамгироии унсурҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ ва технологӣ ба як майдони бисёрсамта табдил меёбад, ки дар он Тоҷикистон нақши миёнарав, ташаббускор ва субъекти барқароркунандаи гуфтугӯҳои байналмилалиро иҷро мекунад. Ин омил ба тағйир ёфтани тадриҷии мақоми байналмилалии кишвар мусоидат намуда, имиҷи сиёсии онро ҳамчун давлати ташаббускор ва дорои стратегияҳои дарозмуддати рушд тақвият мебахшад.

Омӯзиши раванди ташаккули дипломатияи об ва таҳлили аҳаммияти он дар таҳкими имиҷи сиёсии Тоҷикистон на танҳо дорои ҷанбаи назариявӣ мебошад, балки аз ҷиҳати амалӣ низ арзиши баланд дорад, зеро он имкон медиҳад механизмҳои таъсири сиёсати обӣ ба нуфузи байналмилалӣ, мавқеи геополитикӣ ва иқтидори дипломатии давлат ошкор ва арзёбӣ гарданд. Диққати асосӣ бояд ба донишҳои эмпирикӣ дода шавад. Зеро таҷриба нишон медиҳад, ки ин ҳама баландравиҳои мақом ва имиҷи Тоҷикистон ба таҷрибаи заҳматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваст мебошад. Дар ин замина, баррасии ин мавзуъ ҳамчун ҷузъи муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба фаҳмиши амиқтари нақши Тоҷикистон дар ташаккули бунёди нави ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи об ва рушди устувори ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Зарур аст, дар инҷо каме шарҳи мафҳумӣ карда бошем. Мафҳуми имиҷ (image) аз забони инглисӣ буда, ҳаммаънои мафҳумҳои «мақом», «обрӯ» ва «таъсир» мебошанд. Муҳаққиқон ин истилоҳро ба маънои маҷмуаи иттилооти интеллектуалӣ истифода мебаранд, ки барои шинохти объекти мушаххас ва дарки натиҷаи фаъолияти ин объект зарур аст ва дар ниҳоят бо унсурҳои иҳотаи он ифода карда мешавад. Комилан равшан аст, ки «образро метавон ҳамчун ташаккули симои ҳадаф тавсиф кард ва онро тавассути хусусиятҳои муҳимми иҷтимоӣ ва сиёсӣ, ки барои кишвар арзишманданд, ифода кардан мумкин аст» [118, с. 93].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоле ба пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об дар арсаи байналмилалӣ иқдом намуд, ки ҳанӯз дар марҳилаи баъдиҷангӣ ва

бартарафсозии мушкилоти мураккаби иқтисодию иҷтимоӣ ва низомӣ қарор дошт. Дар фазои иттилоотии он давра ва афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистон ҳамчун кишвар дар ҳоли низоъи дохилӣ қарордошта инъикос гардида буд. Тоҷикистонро зарур буд натанҳо мушкилоти мураккаби низоъи дохилӣ ва иқтисодию иҷтимоии худро ҳал кунад, инчунин тарҳи муваффақи муаррифии шоистаи худро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари соҳибихтиёр таҳия ва амалӣ намояд.

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки «бо назардошти зиёдшавии аҳолӣ, тавсеаи масоҳати заминҳои кишоварзӣ, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти муҳити зистӣ, масъалаи норасоии оби тоза, баҳрабардорӣ аз рӯдҳои хурду бузурги фаромарзӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба об ба омилҳои таъсиргузор ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Дар ин самт, Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои ҳассос ба шумор меравад. Тоҷикистон, чун кишвари дорои захираҳои фаровони об, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи он захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад» [141].

Дар шароити кунунӣ равандҳои ҳамгироӣ ба яке аз тамоюлҳои калидии таҳаввулоти муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Таҳқиқи онҳо барои ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти наве, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар асри XXI бори аввал бо онҳо рӯбарӯ шудааст, аҳаммияти муҳим касб мекунад. Барои тақвияти ҳамгироӣ мавҷудияти пояҳои устувори институтсионалӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ зарур аст, ки ба шароити босуръат тағйирёбандаи ҷаҳонӣ мутобиқат дошта бошанд. Ин равиш дар бахши захираҳои об ва ташаккули дипломатияи муосири об ба таври возеҳ зоҳир мегардад.

Об ҳамчун воситаи асосии ҳамкорӣ ва муколама барои ноил шудан ба рушди устувор ва суботи ҷомеа хизмат мекунад. Муҳим аст, ки ин раванд бо

иродаи қавии сиёсӣ дастгирӣ шуда, тамоми ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла ҳукуматҳо, созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва гурӯҳҳои фаъоли дигарро дар бар гирад. Ҳамзамон, ба ниёзҳои табақаҳои осебпазир ва камбизоат таваҷҷуҳи махсус дода шуда, раванди ҳамгироӣ бояд фароумумӣ ва ҳадафманд бошад. Ин принсипи асосии шакли муосири дипломатияи об мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мавқеи шоиста дорад. Аз охири қарни XX ва аввали асри XXI Тоҷикистон пешниҳодҳои илман асоснокшударо барои ҳалли мушкилоти глобалии об пешниҳод кардааст. Кишвари мо ҳамчун ташаббускори як қатор иқдомоти ҷаҳонӣ дар соҳаи об эътироф гардида, шаҳри Душанбе ба яке аз марказҳои муҳимми муколама ва дипломатияи об табдил ёфтааст. Тавассути баргузории мунтазами ҳамоишҳои сатҳи байналмилалӣ, ки маҷмуан таҳти унвони «Раванди оби Душанбе» маъруфанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояҳои башардӯстона ва ҳадафҳои глобалии рушди устуворро дар арсаи байналмилалӣ фаъолона тарғиб менамояд.

«Раванди оби Душанбе» ҳамчун платформаи байналмилалӣ дар пешбурди масъалаҳои марбут ба об нақши назарраси сиёсӣ, институтсионалӣ, ҳуқуқӣ ва илмию таълимӣ иҷро мекунад. Дар доираи ин раванд доираи васеи мавзуъҳо, аз ҷумла таъмини дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар, истифодаи об барои ҳаёт, рушди ҳамкории байналмилалӣ дар бахши об, коҳиши хатари офатҳои табиӣ, робитаи об ва иқлим, таҳкими амнияти об ва саҳми об дар рушди устувор мавриди баррасӣ қарор мегиранд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба онҳо ҷалб карда мешавад.

Ташаббуси нахустини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти об 1 октябри соли 1999 дар ҷаласаи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ пешниҳод гардид. Дар пайи он, 20 сентябри соли 2000 дар иҷлосияи 55-уми Маҷмаи Умумии СММ соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза» эълон карда шуд. Ҳатто дар давраи душвори баъди ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистон тавонист консепсияи

мушаххаси сиёсати хориҷии худро дар соҳаи об таҳия ва амалӣ намояд. Дар доираи ин иқдом, аз 29 август то 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии оби тоза бо иштироки тақрибан 500 намоянда аз 53 давлат ва ҳудуди 100 созмони байналмилалӣ баргузор гардид [137]. Маҳз тавассути баргузории ин ҳамоиш Тоҷикистон нишон дод, ки на танҳо қодир аст мушкилоти дохилии худро ҳал намояд, балки омода аст дар ҳалли мураккабтарин масъалаҳои глобалӣ саҳми арзишманд гузорад.

Дар доираи кори форуми мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, таъкид месозад, ки «вақте ки бо сабаби нарасидани оби тозаи нӯшокӣ аз панҷ як ҳиссаи аҳолии сайёра азият кашида, ҳар сол тақрибан панҷ миллион одам аз истеъмоли оби ифлос ва бемориҳои вобаста ба он ҷони худро аз даст медиҳанд, мо - мардуми Осиёи Марказӣ, ки ин проблема алалхусус бароямон мураккаб аст, наметавонем мавқеи бетарафиро ихтиёр кунем. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои ҷиддӣ, ки Тоҷикистон дар назди худ гузоштааст, дар доираи муносибатҳои ҳамгироӣ ҷалб намудани таваҷҷуҳи кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба проблемаи таъминот бо оби тоза ва ҳифзи муҳити зист, ба масъалаи зарурати шадиди ҳифзи захираҳои об, истифода ва танзими оқилонаи онҳо мебошад. Сабаби асосии соли байналмилалии оби тоза эълон шудани соли 2003, ки ташаббускори он Тоҷикистон мебошад, ҳамин аст» [17].

Инчунин, доир ба истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳамкориҳои судманд дар ин самт Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки «ба назари мо, ҳалли ин масъала тарзе бояд ба роҳ монда шавад, ки мушкилоти марбут ба нарасидани об барои халқҳои мо на воситаи тафриқаандозӣ, балки омили муттаҳидкунанда гардад». [17].

Дар доираи Форуми байналмилалии оби тоза масъалаи дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар бори аввал дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор

гирифт. Муайян гардид, ки танҳо каме бештар аз 1 фоизи захираҳои умумии об барои истеъмол мувофиқ аст ва онҳо нобаробар тақсим шудаанд. Аз ин рӯ, қисми назарраси аҳолии ҷаҳон ба оби тозаи нӯшокӣ дастрасии кофӣ надорад.

Форуми мазкур аввалин ҳамоиши сатҳи баланд буд, ки уҳдадориҳои байналмилалиро барои беҳтар кардани дастрасӣ ба оби нӯшокӣ мушаххас намуд. Дар натиҷа, масъалаи об ба яке аз ҳадафҳои стратегии ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфт ва самтҳои амалии таҳкими амнияти об муайян карда шуданд.

Дар ҷамъбасти форум Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки солҳои 2005–2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон гардад. Бо дарназардошти ин ташаббус, Маҷмаи Умумии СММ тибқи қатъномаи 58/217 аз 23 декабри соли 2003 ин даҳсоларо расман эълон кард.

Дар идомаи ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дахлдори СММ, аз 30 май то 1 июни соли 2005 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар идоракунии ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ баргузор гардид. Ин ҳамоиш ҳамчун пули пайванд миёни Форуми III ҷаҳонии об (Киото, 2003) ва Форуми IV ҷаҳонии об (Мехико, 2006) хизмат кард.

Дар конференсияи мазкур, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, таъкид сохтанд, ки «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» инфрасохтори муассири институтсионалӣ барои таъмини пешрафти воқеии татбиқи рӯзномаи об, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул шудааст, бо роҳи муттаҳид намудани саъю кӯшишҳои тамоми шарикони манфиатдор – ҳукуматҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳои низоми СММ, ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад» [28].

Дар суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки «муколамаи ҷонибҳои манфиатдор бояд ба консепсияи идоракунии ҳамгирошудаи захираҳои об асос ёбад ва мубоҳисаҳоро оид ба таҳияи сиёсатҳо ва тадбирҳои мушаххас дар соҳаҳои

иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ ва экологӣ дар бар гирад. Барои таҳияи роҳҳои ҳалли барои ҳамаи мо қобили қабул, мо - ҳукуматҳо, муассисаҳои СММ, созмонҳои минтақавӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бояд якҷоя кор кунем» [3].

Натиҷаҳои конференсияи мазкур боис гардиданд, ки муносибати мафҳумӣ нисбат ба дарёҳои фаромарзӣ дар сатҳи байналмилалӣ бознигарӣ шавад. Агар қаблан дар таҳқиқоти илмӣ ва баҳсҳои коршиносӣ ин гуна дарёҳо асосан ҳамчун омили эҳтимолии ташаннуҷ ва ихтилоф дар байни давлатҳои як ҳавзаи обӣ арзёбӣ мегардиданд, пас муҳокимаҳои доиргардида нишон доданд, ки онҳо дорои иқтидори баланди ҳамгироии минтақавӣ мебошанд. Дарёҳои фаромарзӣ ҳамчун унсури табиие баррасӣ шуданд, ки вобастагии мутақобили кишварҳоро тақвият бахшида, онҳоро ба ҳамоҳангсозии сиёсати об водор месозанд.

Дар ин замина, зарурати гузариш аз равиши рақобатӣ ба равиши ҳамкорӣ таъкид гардид. Ба ин тартиб, конференсия барои ташаккули фаҳмиши нав дар бораи нақши дарёҳои фаромарзӣ дар сиёсати байнидавлатӣ, ҳамгироии минтақавӣ ва идоракунии глобалии захираҳои об заминаи устувор фароҳам овард.

Илова бар ин, дар идомаи ташаббусҳои амалии марбут ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», рӯзҳои 27-29 июни соли 2008 дар шаҳри Душанбе ҳамоиши байналмилалӣ бахшида ба масъалаҳои идоракунӣ ва коҳиши хавфҳои офатҳои табии вобаста ба об баргузор гардид. Дар доираи ин ҳамоиш таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳияи механизмҳои муассири пешгирӣ, баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ва коҳиш додани таъсири офатҳои табии марбут ба об равона шуда, роҳҳои амалии таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар кори конференсияи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуда, қайд месозад, ки «бехатарии об, аз ҷумла ҳимоят аз офатҳои табиии марбут ба об ба ҳалли

проблемаҳои ҷиддитарини экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард». [4].

Офатҳои табиии марбут ба об ба зумраи мушкилоти бисёр печида ва душворидорашаванда дохил мешаванд. Аз ҳамин рӯ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии онҳо имрӯз яке аз чолишҳои калидии ҷомеаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти фаромиллӣ ва дараҷаи баланди ғайрияқинии чунин падидаҳо талаб мекунад, ки коҳиши хавф ва маҳдудсозии паёмадҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ дар меҳвари ҳамкориҳои байналмилалӣ қарор гирад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳеҷ давлат сарфи назар аз сатҳи рушди иқтисодӣ, ё иқтидори институтсионалӣ аз таъсири офатҳои вобаста ба об пурра муҳофизатшуда нест. Ин воқеият зарурати тақвияти механизмҳои пешгирӣ, мутобиқшавӣ ва ҳамоҳангии байнидавлатиро боз ҳам таъкид мекунад.

Санаи 8-10 июни соли 2010 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд бахшида ба баррасии миёнамуҳлати татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” (2005-2015) баргузор гардид. Мақсади меҳварии он таҳлили натиҷаҳои бадастомада ва муайян кардани афзалиятҳои минбаъдаи ҳамкорӣ дар бахши об буд. Ҳамоиш барои густариши муколамаи сиёсӣ, мубодилаи таҷрибаи амалӣ ва таҳкими робитаҳои байни давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар ҳамин замина, вобаста ба таҳкими ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар соҳаи об ва рушди дипломатияи об Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки «тағйирот ва равандҳои глобалии даҳсолаҳои охир ба манбаъҳои обӣ таъсири бузург расониданд ва вобаста ба ин, об ба яке аз масъалаҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ ва сулҳ табдил ёфта истодааст. Тоҷикистон ҷонибдори он аст, ки ҳамаи тарафҳо дар ҷараёни танзими захираҳои об рӯҳияи ҳамкорӣ, сабру таҳаммул,

шаффофият ва эҳтироми ҳамдигарро риоя кунанд. Чунин роҳи осоишта ба даст овардани рушди устуворро таъмин хоҳад кард» [6].

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар баромади худ, ҳамчунин, пешниҳод намуданд, ки соли 2012 «Соли байналмилалии дипломатияи об» эълон карда шавад ва итминон аст, ки он барои таҳкими ҳамкорӣ ва гуфтушунидҳо, дарёфти роҳҳои нави танзими муносибатҳои обӣ миёни кишварҳои соҳили дарёҳо мусоидат намуда, ҳамдигарфаҳмии истифодабарандагони обро дар ҳамаи сатҳҳо беҳтар хоҳад кард [7].

Дар пайи пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон, Маҷмаи Умумии СММ 20 декабри соли 2010 Қатъномаи №65/154-ро қабул карда, соли 2013-ро «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» эълон намуд. Ин қарор аҳаммияти ташаббусҳои марбут ба дипломатияи обро дар рӯзномаи байналмилалӣ боз ҳам тақвият бахшид.

Дар доираи пешбурди муколамаи об ва Раванди оби Душанбе соли 2010 Эъломияи Душанбе қабул гардид. Дар ин санад уҳдадориҳои асосии ҷонибҳои иштирокчӣ барои пешбурди ҳадафҳои муштарак мушаххас карда шуданд.

Соли 2011 шаҳри Душанбе мавқеи худро ҳамчун яке аз марказҳои муҳимми ҳамгироии байналмилалӣ дар масъалаҳои об боз ҳам таҳким бахшид. Дар ин замина, рӯзҳои 19-20 октябр конференсияи омодагӣ таҳти унвони «Ба сӯйи Конференсияи СММ оид ба рушди устувор (Рио+20): Ҳамкорӣ дар соҳаи об» баргузор гардид. Ҳамоиши мазкур тақрибан 140 коршинос, инчунин, намояндагони ҳукуматҳо ва созмонҳои байналмилалиро гирд овард.

Мавзуъҳои баррасишуда ба се самти калидӣ гурӯҳбандӣ гардиданд. Нахуст, таваҷҷуҳ ба таҳкими муколама ҷиҳати ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола равона шуд. Дуюм, таҷрибаҳои пешқадам оид ба беҳтарсозии дастрасӣ ба об ва хизматрасониҳои санитарӣ, инчунин, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои обӣ муаррифӣ гардиданд.

Сеюм, маҷмуи тавсияҳо таҳия шуд, ки баъдан барои ворид намудан ба барномаи Конференсияи Рио+20 (июни 2012, Рио-де-Жанейро) пешниҳод гардид.

Дар идомаи ин раванд, дар чаҳорчӯби Форуми VI ҷаҳонии об дар Марсел нишасти сатҳи баланд баргузор гардида, дар он аҳаммияти эълони Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об махсус таъкид карда шуд.

Бо мақсади татбиқи амалии ҳадафҳои соли байналмилалии мазкур, рӯзҳои 20-21 августи соли 2013 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об баргузор гардид

Дар кори конференсияи мазкур Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баромад намуда, қайд карданд, «ки имрӯз дар шароити таъсири афзояндаи равандҳои глобалӣ ба захираҳои об ва якбора зиёд гаштани истеъмоли об барои эҳтиёҷоти одамон, иқтисоду низомҳои экологӣ фақат бар асоси эътимоди тарафайн, баҳисобгирии одилонаи эҳтиёҷоту талабот ва иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, дарёфту ба таври доимӣ беҳтар намудани муколама ва шарикӣ оид ба масъалаҳои об роҳандозӣ намудани ҳамкории самарабахшу оқилона дар соҳаи об ба эҷоди рушди устувор, коҳиши камбизоатӣ ва рафъи нобаробарӣ, нигаҳдории тавозун ва устувории экологӣ ва, умуман, таъмини сулҳу амонӣ мусоидат хоҳад кард. Тоҷикистон минбаъд низ ният дорад дар баробари дигар ҷанбаҳои масъалаҳои об дар сатҳҳои гуногун ҳамкорӣ дар соҳаи обро фаъолона густариш бахшад ва дар ин иртибот якҷо бо ҷонибҳои манфиатдор дар шаҳри Душанбе Маркази байналмилалӣ оид ба ҳамкорӣ ва дипломатияи соҳаи обро таъсис диҳад» [7].

Масъалаҳои вобаста ба об доманадор буда, ҳалли муваффақонаи мушкилоти вобаста ба об андешидани тадбирҳои пайгирона ва доимиро тақозо менамоянд. Мушкилоти вобаста ба обро наметавон дар марҳалаи муайян ба таври доимӣ ҳал намуд. Он аз ҷумлаи мушкилотест, ки дар ҳар давра дар заминаи сабабу омилҳои гуногун ва дар сатҳу доираҳои ҷуғрофии

муайян ба вуҷуд меояд ва ҳамон лаҳза ҳалли худро тақозо менамояд. Яъне мушкилоти вобаста ба об аз ҷумлаи мушкилотест, ки ҳамеша пайгири ҷомеа аст ва дар натиҷаи фаъолияти худи ҷомеа ба вуҷуд меояд. Чунин ҳолат ба таври бефосила идома додани ташаббусҳо ва тадбирандешиҳоро дар соҳаи об, аз ҷумла ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи об тақозо менамояд.

Барои идомаи чунин раванди пайгирона Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббусҳои мушаххасро пешниҳод намуда, дар чорабинии болозикр чунин таъкид карданд: «бо истифода аз фурсат баррасии имкони эълон гардидани даҳсолаи нави байналмилалиро оид ба ҳалли масъалаҳои марбут ба об пешниҳод менамоям ва чунин мешуморем, ки даҳсолаи нав бояд ба саъю талошҳо дар ҳамаи сатҳҳо такони нав дода, дар давраи баъди соли 2015 ба рушду тавсеаи шарикӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаи об хизмат намояд» [7]. Ин пешниҳод аҳаммияти стратегӣ дошта, ба таҳкими минбаъдаи рӯзномаи ҷаҳонии об ва идомаи ташаббусҳои байналмилалӣ дар ин самт равона гардида буд. Моҳияти он дар зарурати сафарбар намудани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, таҳкими шарикӣ ва рушди механизмҳои муассири ҳамкорӣ дар соҳаи об ифода меёбад. Дар маҷмуъ, ташаббуси мазкур ҳамчун қадами мантиқӣ дар идомаи сиёсати фаъолонаи Тоҷикистон дар пешбурди дипломатияи об дар сатҳи байналмилалӣ арзёбӣ мегардад.

Маҷмуи иқдомоте, ки дар доираи Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об амалӣ гардиданд, ба ташаккул ва таҳкими дипломатияи об ҳамчун як самти мустақили ҳамкориҳои байналмилалӣ такони ҷиддӣ бахшиданд. Нахустин бор дар миқёси ҷаҳонӣ маҳз дар шаҳри Душанбе масъалаи дипломатияи об на танҳо ҳамчун мафҳуми назариявӣ, балки ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати байналмилалӣ дар сатҳи баланд баррасӣ ва таҳлил карда шуд. Ин раванд имкон фароҳам овард, ки аҳаммият, зарурат ва нақши стратегии дипломатияи об дар шароити ҷаҳони муосир аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ эътироф гардад.

Дар ҷараёни муҳокимаҳо фаҳмиши анъанавии муносибат ба дипломатияи об тағдиди назар шуда, он дар шакли муосир ҳамчун абзори муҳимми пешгирии танишҳо, таҳкими ҳамкории байнидавлатӣ ва таъмини сулҳу субот дар сатҳи ҷаҳонӣ арзёбӣ гардид. Ба ин тартиб, дипломатияи муосири об на танҳо воситаи идоракунии захираҳо, балки яке аз шартҳои муҳимми ҳамзистии осоиштаи давлатҳо дониста шуд.

Бо такя ба ташаббусҳои созанда ва мавқеи мусбати ҷомеаи ҷаҳонӣ нисбат ба онҳо, Тоҷикистон татбиқи иқдомҳои навро дар доираи ниҳодҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, бахусус СММ, ҳамчун авлавияти сиёсати худ дар соҳаи об пайгирӣ менамояд.

Худоёрова М.Б. дар таҳқиқи худ зикр мекунад, ки «ҳадаф аз ин иқдомҳо инъикоси зарурат ва ҳамкории созанда дар ҳалли мушкилоти об ба манфиати ҳифзи ҳаёт ва рушди устувори башарият мебошад. Аз ин лиҳоз, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани нақши созандаи кишвар дар масъалаҳои об дар минтақа ва арсаи байналмилалӣ мебошад, ки ҳам ба манфиатҳои миллӣ ва ҳам ба ормонҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷавобгӯй мебошад» [171]. Ин хулоса муаллиф нишон медиҳад, ки ташаббусҳои обии Тоҷикистон танҳо хусусияти соҳавӣ надошта, ҷузъи муҳимми стратегияи сиёсати хориҷии кишвар ба шумор мераванд. Мазмуни онҳо ба ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ бо ҳадафҳои глобалии рушди устувор равона буда, нақши кишварро ҳамчун иштирокчии фаъол ва масъули рӯзномаи байналмилалии об тақвият мебахшад. Аз ин ҷиҳат, дипломатияи об барои Тоҷикистон на танҳо воситаи ҳалли масъалаҳои захиравӣ, балки абзори таҳкими мавқеи байналмилалӣ низ маҳсуб меёбад.

Дар соли 2015 Раванди оби Душанбе пайгирона идома ёфт. Дар ҳамин замина, вобаста ба анҷоми чорабиниҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015), рӯзҳои 9-11 июни соли 2015 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд баргузор гардид.

Ҳамоиш ба ҷамъбасти натиҷаҳои татбиқи амалии даҳсолаи мазкур бахшида шуда, ба арзёбии дастовардҳо, баррасии мушкилоти боқимонда ва муайян намудани самтҳои минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи об равона гардида буд.

Дар кори конференсияи мазкур Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуда, чунин изҳор карданд: «Ҳадафи асосии эълони Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» мусоидат ба саъю талоши ҷомеаи байналмилалӣ ба хотири то соли 2015 иҷро намудани уҳдадориҳои сатҳи байналмилалӣ вобаста ба захираҳои об буд» [5]. Ҳамзамон, Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «маҳз дар заминаи амалкардҳои муштарак ва ҳамоҳангшуда вобаста ба татбиқи ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ муайяншудаи соҳаи об, алалхусус дастёбӣ ба ҳадафҳои марбутаи рушди ҳазорсола, яъне то ду маротиба коҳиш додани шумораи нафароне, ки ба оби тозаи ошомиданӣ ва ҳолати беҳдошт дастрасӣ надоранд натиҷаҳои назаррас ҳосил гардид». [5].

Ҳамзамон, татбиқи натиҷабахши ҳадафҳои дар доираи даҳсолаи мазкур пешбинигардида, аз ҷумла бамаротиб баланд гардидани сатҳи огоҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ аз масъалаҳои вобаста ба об, тақвият ёфтани ҳамгироии ҳамаи ҷонибҳо дар ҳалли мушкилоти вобаста ба об, ҷалби бештари қишрҳои гуногнуни ҷомеа дар идоракунӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об масъалаҳои матраҳгардидаи чорабинии мазкурро ташкил намуданд.

Вобаста ба ҳадафҳои болозикр низ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ибрози андеша намуда, зикр намуданд, ки «Имрӯз раванди амалисозии тадриҷии ибтикороти эълоншуда равшану возеҳ ба мушоҳида мерасад, ҳамгироии масъалаи об бо барномаву нақшаҳои рушд сурат мегирад, муттаҳидии ҳарчи бештари саъю талоши ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар роҳи расидан ба ҳадафҳои муштарак оид ба об ба вуқуъ мепайвандад». [5].

Ҳамзамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба паёмадҳои номатлуби тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ва афзоиши фишор ба низоми таъминоти об дар натиҷаи болоравии босуръати аҳолӣ, дар суханронии худ махсус таъкид намуданд: “«Чунин вазъ аз мо ҷаҳду талоши ҳарчи бештар муттаҳидона ва андешидани ҳам тадбирҳои оқил ва ҳам чораҳои дарозмуҳлатро тақозо мекунад. Маҳз ба ҳамин мақсад дар чаҳорчӯбаи Форуми 7-уми умумиҷаҳонии об ман ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббуси нави Тоҷикистонро иброз намудам. Ва имрӯз бори дигар мехоҳам таваҷҷуҳи шуморо ба ин ташаббус ҷалб карда, пешниҳод намоям, ки Даҳсолаи нави байналмилалӣ таҳти шиори «Об барои рушди устувор» эълон шавад, зеро он, ба андешаи мо, бояд василаи муҳимми мусоидат ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об гардад. Итминон дорам, ки Даҳсолаи нав дастовардҳои Даҳсолаи қаблии «Об барои ҳаёт»-ро таҳким бахшида, ҷиҳати мутамарказ гардидани саъю талоши мо оид ба ҳаллу фасли минбаъдаи масъалаҳои об дар давраи баъд аз соли 2015-ум заминаи хубе фароҳам месозад» [5]. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи обро дар заминаи таҳдидҳои муосир пеш аз ҳама тағйирёбии иқлим ва афзоиши босуръати аҳолӣ баррасӣ менамояд. Аз нигоҳи илмии рушди устувор, ин омилҳо ҳамчун драйверҳои асосии фишор ба низоми захираҳои обӣ эътироф мешаванд ва зарурати идоракунии ҳамгироёнаи обро тақозо мекунанд.

Таъкиди зарурати «тадбирҳои оқил ва дарозмуҳлат» ба равиши идоракунии мутобиқшаванда мувофиқ буда, ҳам чораҳои фаврии камкунии хавф ва ҳам стратегияҳои дарозмуддати устуворсозиро дар назар дорад. Пешниҳоди эълони Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор» ҳамчун абзори дипломатияи бисёрҷониба арзёбӣ мегардад, ки ҳадафаш мутамарказ сохтани саъю талоши ҷомеаи ҷаҳонӣ барои татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об мебошад.

Ҳамин тариқ, ташаббуси мазкур идомаи мантиқии Даҳсолаи «Об барои ҳаёт» буда, ба таҳкими ҳамоҳангии байналмилалӣ, баланд бардоштани

самаранокии гидродипломатия ва мутобиқсозии сиёсати об ба шароити пас аз соли 2015 равона шудааст.

Доир ба нақши Тоҷикистон дар ҳамгироии минтақавию ҷаҳонӣ ва пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об, Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи обро дар рӯзномаи ҷаҳонӣ пайгиронаву фаъолона пуштибонӣ менамояд. Тоҷикистон ташаббускори асосии қабул гардидани аксари қатъномаҳои МУ СММ марбут ба об мебошад ва онҳо ҷиҳати дарки амиқи масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи байналмилалӣ ва зарурати ҳалли онҳо ба хотири дастёб гардидан ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ, таъмини амнияти экологӣ, сулҳу субот ва дар маҷмуъ пешрафту тараққиёти муназзам нақши созгор бозиданд» [5]. Андешаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун субъекти фаъоли дипломатияи ҷаҳонии об нишон медиҳад. Таъкиди пайгиронаи пуштибонии мавзуи об дар рӯзномаи байналмилалӣ далели гузариши кишвар аз истифодаи маҳдуди захираҳо ба сиёсати ташаббускоронаи меъёрсозӣ дар сатҳи глобалӣ мебошад.

Ишора ба ташаббускории Тоҷикистон дар қабули қатъномаҳои Маҷмаи Умумии СММ аз болоравии нуфузи байналмилалии кишвар ва институтсионализатсияи масъалаҳои об шаҳодат медиҳад. Дар доираи консепсияи рушди устувор, об ҳамчун унсури калидии амнияти экологӣ, рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи байналмилалӣ муаррифӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, мавқеи Тоҷикистон ба таҳкими гидродипломатия, пешбурди ҳамкории фаромиллӣ ва табдили об ба омили ҳамгироӣ ва рушди устувор равона шудааст.

Татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки талошҳои кишварҳо ва ниҳодҳои байналмилалиро дар атрофи масъалаҳои калидии об муттаҳид намояд. Дар доираи ин раванд як қатор иқдомҳои амалӣ роҳандозӣ шуданд, ки ба пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об мусоидат карданд. Дар натиҷа, Раванди оби Душанбе тадриҷан ба

як минбари таъсиргузори сиёсати байналмилалии об табдил ёфта, дар шаклгирӣ ва пешбурди рӯзномаи глобалии об нақши назаррас касб намуд.

Дар идомаи ҳамин ташаббусҳо, соли 2016 Раванди оби Душанбе ба марҳилаи нав ворид гардид. Рӯзҳои 9-10 августи ҳамон сол дар шаҳри Душанбе Симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд бахшида ба Ҳадафи шашуми рушди устувор – «Таъмини дастрасии умумӣ ба об ва хизматрасониҳои беҳдошт» баргузор шуд. Дар ин ҳамоиш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ таъкид намуданд, ки «ҳадафи 6 на танҳо масъалаи дастрасӣ ба оби нӯшокӣ ва беҳдоштро дар бар мегирад, балки ба сифати об, самаранокии истифода, ҷорӣ намудани идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, ҳифзи экосистемаҳои обӣ ва тавсеаи ҳамкорӣ дар ин соҳа низ дахл дорад. Ҳамчунин, зикр гардид, ки бахши оби Ҳадафҳои рушди устувор робитаи функсионалии Ҳадафи 6-умро бо дигар ҳадафҳо таъмин намуда, идоракунии захираҳои обро дар Рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ба ҷойгоҳи калидӣ мебарорад» [20].

Моҳияти аслии ҲРУ ба ҳамоҳангсозии рушди иқтисодию иҷтимоӣ бо талаботи ҳифзи муҳити зист ва нигоҳдории гуногунии биологӣ равона шудааст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди босуръати иқтисодӣ, махсусан индустриализатсия, дар бисёр ҳолатҳо ба коҳиши гуногунии биологӣ ва шиддат гирифтани мушкилоти экологӣ оварда расонидааст. Ин равандҳо суботи муҳити зистро халалдор намуда, барои ояндаи ҳаёт дар сайёра хатар эҷод мекунанд.

Дар ин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳои фаъоли пешбарандаи татбиқи ҲРУ маҳсуб меёбад. Сиёсати рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар бо дарназардошти принсипҳои рушди устувор шакл гирифтааст. Ҳамзамон, Тоҷикистон дар самти ҳифзи захираҳои об, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби бехатар ва рушди инфрасохтори беҳдошт тадбирҳои амалӣ андешида истодааст.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ҳамгироии минтақавӣ дар соҳаи об дар Осиёи Марказӣ чунин таъкид намудааст: «Дар минтақа захираҳои об асосан дар қаламрави ду кишвар ташаккул меёбанд, вале истифодаи он дар кишварҳои дигар сурат мегирад. Чунин ҳолат ҳамкории боэътимодро дар соҳаи мудирият ва истифодаи захираҳои об ба нафъи рушди иқтисодию иҷтимоии тамоми кишварҳои минтақа тақозо менамояд. Дар ин баробар, ҳанӯз имкониятҳои зиёди истифоданашуда дар самти ҳамкориҳои минтақавӣ ҷиҳати истифодаи муштарак ва оқилонаю одилонаи захираҳои об ва энергетика вуҷуд доранд. Истифодаи комили ҳамаи ин имкониятҳо воситаи муассири татбиқи ҲРУ дар минтақа мебошад».[20].

Вобаста ба масъалаҳои минтақавии мудирияти захираҳои об мавқеъгирии устувори Тоҷикистон вобаста ба тақвияти ҳамаҷонибаи пешбурди дипломатияи об дар Осиёи Марказӣ дар доираи Ҳадафҳои Рушди Устувор низ таъкид гардид. Танҳо дипломатияи об метавонад роҳи оқилона ва тадбири хирадмандонаи сиёсии ҳалли ҳамаи масъалаҳои вобаста ба об дар минтақа ва ҷаҳон бошад.

Дар ин радиф Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори истифодаи оқилона ва одилонаи захираҳои об буда, дипломатияи обро василаи муассири расидан ба ҲРУ медонад. Дар ин самт Тоҷикистон омодааст бо ҳамаи ҷонибҳо ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монад» [20].

Бо мақсади гузариш ба амалҳои мушаххас ва таъмини татбиқи воқеии ҳадафҳои ин даҳсола, дар доираи Раванди оби Душанбе рӯзҳои 20-21 июни соли 2018 дар шаҳри Душанбе Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028 баргузор гардид. Дар кори ин ҳамоиши муҳимми байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маърӯзаи барномавӣ баромад намуда, вобаста ба аҳаммияти ҳамкории ҷаҳонӣ дар соҳаи об чунин таъкид карданд: «Дар ҷаҳон талабот ба захираҳои

об бо суръати баланд афзоиш меёбад ва ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани муносибатҳо миёни соҳаҳои иқтисод мегардад. Шиддати рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди об метавонад ҳатто дар дохили як кишвар пайомадҳои манфиро ба бор орад. Маҳз ҳамин ду омил - тағйироти глобалии иқлим ва афзоиши демографӣ чаҳорчӯба ва имконотро барои иқдомоти мо муайян хоҳанд кард» [8].

Яке аз масъалаҳои муҳимми дар доираи чорабинии мазкур матраҳгардида дарёфти василаҳои муассири ҳамкорӣ вобаста ба мудирияти захираҳои оби дарёҳои фаромарзӣ буд, ки мавриди баррасии ҷонибҳои иштирокчӣ қарор гирифт.

Дарёҳои фаромарзӣ заминаи асосӣ ва омили марказии рушди дипломатияи об маҳсуб ёфта, пайвандгари табии давлатҳо ва минтақаҳо мебошанд. Ҷониби Тоҷикистон бо назардошти ҳамаи хусусиятҳои дипломатияи об ва аҳаммияти байнидавлатии захираҳои оби фаромарзӣ ба масъалаи мудирияти муштараки дарёҳои фаромарзӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, ин мавзуро дар ҳамаи чорабиниҳои сиёсии сатҳҳои гуногун пайгирона мавриди арзёбӣ қарор медиҳад.

Дар конференсияи мазкур муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид месозанд, ки «ҳамкориҳои фаромарзӣ дар соҳаи об аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим буда, ҳамгироӣ ва ҳамкории натиҷабахш ва ба манфиати тарафайн дар соҳаи об заминаи асосиии рушди муштараки кишварҳои дорои ҳавзаҳои ягонаи обӣ мебошад. Мисоли возеҳи ҳамкориҳои созанда дар соҳаи об Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар ин минтақа новобаста аз нобаробар ҷойгир шудани захираҳои об миёни кишварҳои он фаъолияти муштараки барои ҷонибҳо судманд дар соҳаи об ба роҳ монда шудааст» [8].

Иродаи олии сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шарти калидии таъмини рушди ҳамкориҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар ҳавзаҳои муштараки обии Осиёи Марказӣ гардид. Воқеан, таҷрибаи Осиёи

Марказӣ нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити нобаробар ҷойгир шудани захираҳои об метавон ба ҳамкории барои ҳамаи ҷонибҳо судманд ноил шуд.

Мо, чунин мешуморам, ки гарчанде солҳои тӯлонӣ миёни кишварҳои болооб ва поёноб ихтилофҳо вуҷуд доштанд, иродаи сиёсӣ ва риояи принсипҳои ҳусни ҳамҷаворӣ имкон дод, ки ҷонибҳо ба созиш расанд. Ин ҳолат гуфтаҳои иқтибосро тасдиқ намуда, нишон медиҳад, ки ҳамкории созанда дар соҳаи об воқеан омили муҳимми рушди устувори минтақа мебошад.

Вобаста ба сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар соҳаи об муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз менамоянд, ки «ҳалли масъалаҳои мубрами иқтисодию иҷтимоӣ дар минтақа ҳадафи асосии сиёсати давлатии Тоҷикистонро дар соҳаи об ташкил менамояд. Тоҷикистон ҳамеша омодааст захираҳои бузурги оби нӯшокии худро ба нафъи умум мавриди истифода қарор диҳад» [8]. Андешаи Пешвои миллат сиёсати обии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун сиёсати мутобиқ ба принсипҳои рушди устувор, ҳамоҳанг бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии об, нигаронидашуда ба ҳамкории минтақавӣ, дорои аҳаммияти геостратегӣ ва дипломатӣ муаррифӣ менамояд. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон талош дорад захираҳои фаровони обии худро на танҳо ҳамчун дороии миллӣ, балки ҳамчун омили рушди муштарак ва суботи минтақавӣ истифода барад.

Дар маҷмуъ, дар ҷараёни ин конфронс ҳадафҳои пешбинишудаи Даҳсола аз ҷониби ҳамаи иштирокчиён мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар натиҷа, самтҳо ва вазифаҳои минбаъда мушаххас карда шуданд.

Бо мақсади идомаи иҷрои ҳадафҳои мазкур, 30 январи соли 2020 дар қароргоҳи Созмони ҷаҳонии озуқаворӣ ва кишоварзӣ дар шаҳри Рими Италия ҷаласаи дуюми Кумитаи байналмилалии машваратии Раванди оби Душанбе баргузор шуд. Ин нишаст бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ ва СҶОА доир гардид. Ҳадафи он баррасии

омодагӣ ба Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи «Об барои рушди устувор» (2018-2028) буд.

Тибқи қарорҳои қабулшуда, конфронс бояд рӯзҳои 18-20 июни соли 2020 дар шаҳри Душанбе баргузор мешуд. Аммо бинобар паҳншавии бемории COVID-19 он ба соли 2022 мавқуф гузошта гардид.

Минбаъд, барои нигоҳ доштани суръати Раванди оби Душанбе, 17 декабри соли 2021 ҷаласаи панҷуми Кумитаи байналмилалии машваратӣ баргузор шуд. Ин ҷаласа бештар ба пешбурди амалии Даҳсолаи «Об барои рушди устувор» равона гардида буд.

Дар рафти он як қатор қарорҳои муҳим қабул шуданд. Аз ҷумла, масъалаи ташкили панелҳои мавзуӣ ва интерактивӣ, форумҳо ва дигар чораҳои омодагӣ баррасӣ гардид. Ҳамин тавр, замина барои баргузории конфронси навбатӣ фароҳам оварда шуд.

Дар ҳамин асос, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо СММ ва шарикони дигар рӯзҳои 6-9 июни соли 2022 дар шаҳри Душанбе Конфронси дуюми байналмилалии сатҳи баландро таҳти унвони «Тақвияти амалҳо ва тавсеаи шарикӣ барои ҳалли масъалаҳои об» баргузор намуд.

Бояд гуфт, ки ин конфронс ҳамчун як пайванди муҳим дар омодагӣ ба баррасии миёнамуҳлати Даҳсола аз ҷониби СММ (соли 2023) арзёбӣ мешавад. Чорабинӣ бо ҳамраисии Тоҷикистон ва Ҳолланд баргузор гардид.

Дар доираи конфронс роҳу механизмҳои нави ҳамкории бисёрсатҳа муаррифӣ шуданд. Ба ин раванд кишварҳо, сохторҳои СММ, ташкилотҳои байналмилалӣ, муассисаҳои молиявӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷалб гардиданд.

Бо назардошти вазъи воқеии захираҳои об, конфронс чанд ҳадафи калидӣ дошт. Пеш аз ҳама, ба даст овардани натиҷаҳои амалӣ муҳим дониста шуд. Ҳамзамон, масъалаи иҷрои Эъломияи ниҳоии Конфронси якуми Душанбе низ баррасӣ гардид. Илова бар ин, таваҷҷуҳ ба тақвияти шарикӣ,

рушди дониш, табодули таҷриба ва густариши муколамаи бисёрсатҳа равона шуд.

Мавзуи робитаи об ва тағйирёбии иқлим дар конфронс ҷойгоҳи махсус гирифт. Зеро маҳз ҳифзи захираҳои об яке аз роҳҳои асосии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ба шумор меравад.

Тибқи барнома, конфронс хеле фарогир баргузор шуд. Он ду ҷаласаи умумӣ, дувоздаҳ панели мавзуӣ ва интерактивӣ, инчунин, форумҳо, намоишгоҳ, фестивали об ва марафонро дар бар гирифт. Дар маҷмуъ, зиёда аз ду ҳазор иштирокчӣ ширкат варзиданд. Дар миёни онҳо намояндагони ҳукуматҳо, сохторҳои СММ, созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои молиявӣ, коршиносон ва намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ буданд [138].

Панелҳо ба се самти асосӣ - об барои саломатӣ ва инсон; об барои воситаҳои зиндагӣ ва рушди фарогир; об, муҳити зист ва устувории иқлим ҷудо шуданд.

Дар муҳокимаҳо, пеш аз ҳама, масъалаи расидан ба ҲРУ ва иҷрои ҳадафҳои Даҳсолаи об дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошт.

Ҳамзамон, пеш аз конфронс як қатор форумҳои махсус баргузор шуданд. Онҳо занон, ҷавонон, кӯдакон ва дигар гурӯҳҳои ҷомеаро фаро гирифтанд. Мақсад, васеъ намудани фазои муколама доир ба масъалаҳои об буд. Дар ин форумҳо татбиқи натиҷаҳои Конфронси якуми Душанбе низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Иштирокчиён таҷрибаи кишварҳои худро пешниҳод намуда, роҳҳои ҳалли мушкилоти обиро баррасӣ карданд.

Илова бар ин, нишасти сеюми Пешвоёни Эътилофи обу иқлим баргузор гардид. Дар он таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ба таври ҷиддӣ муҳокима шуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суръати тағйирёбии иқлим нисбат ба пешгӯиҳо бештар мебошад ва дар даҳсолаҳои наздик метавонад мушкилоти обро вазнинтар созад.

Дар ин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки низоми ҳамгироишудаи ҳалли масъалаҳои об ва

иқлим барои кишвар аҳаммияти калидӣ дорад, зеро захираҳои об пояи рушди устувори Тоҷикистон мебошанд ва имрӯз зери таъсири ҷиддии тағйирёбии иқлим қарор доранд [19].

Бо дарназардошти ин вазъ, Тоҷикистон дар конфронс чанд ташаббуси нав пешниҳод кард. Аз ҷумла, пешниҳод шуд, ки соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардад, инчунин, «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» муайян ва «Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» таъсис дода шавад.

Ҳадафи асосӣ, ҷалби таваҷҷуҳи бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳифзи пиряхҳо мебошад. Чунки пиряхҳо яке аз сарчашмаҳои асосии оби ширин ба ҳисоб мераванд ва барои Осиёи Марказӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим доранд.

Ба ҳамин тартиб, Тоҷикистон талош дорад таваҷҷуҳи ҷомеаи байналмилалӣ, бахусус ниҳодҳои молиявиро, ба ин самт бештар ҷалб намояд. Мақсад, таъмин намудани маблағгузорӣ барои тадбирҳои ҳифзи пиряхҳо мебошад. Дар ниҳоят, чунин иқдом метавонад ба коҳиши хатари буҳрони об дар Осиёи Марказӣ мусоидат кунад.

Дар ифтитоҳи конференсияи мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва маъруза намуда, таъкид сохт, ки «идораи ҳамгироёнаи захираҳои об, аз ҷумла ҳамбастагии об бо масъалаҳои энергия, амнияти озуқаворӣ, ҳифзи муҳити зист яке аз абзорҳои асосӣ дар рафъи мушкилоти марбут ба об дониста мешавад. Мо ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоем, зеро ҳамкориҳои фаромарзӣ, хусусан, дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ дар соҳаи обу энергетика дар ҳалли бисёр масъалаҳо нақши калидӣ доранд»[13].

Дар заминаи чорабинии мазкур ҷониби Тоҷикистон мавқеи устувори худро дар самти ҳамгироии байнидавлатӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд ҷиҳати истифодаи муштараки захираҳои обӣ ва иқтидори гидроэнергетикии мавҷуда иброз намуда, хостори татбиқи тарҳҳои гидроэнергетикӣ тавассути сармоягузории муштарак гардид.

Бо назардошти имкониятҳои бузурги гидроэнергетикӣ ва шароити мусоиди ҷуғрофии рушди ин соҳа дар Тоҷикистон, инчунин зарурати ногузир доштани ҳамкориҳо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки «Тоҷикистон ҳамеша хостори истифодаи самараноки онҳо ба манфиати кулли кишварҳои минтақа мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо ба рушди ҳамкориҳои фаромарзӣ дар доираи раёсати худ дар Фонди байналимилалии наҷоти Арал авлавият додаем. Ҳамагӣ чанд рӯз пеш, мо якҷо ба ҳамсояи наздикамон – Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба татбиқи муштараки лоиҳаи сохтмони ду неругоҳи барқи обӣ дар Тоҷикистон бо иқтидори умумии 320 мегаватт (МВт) оғоз бахшидем, ки намунаи барҷастаи гуфтаҳои боло мебошад» [13].

Зарфияти фарқкунандаи ин чорабинӣ дар он ифода ёфт, ки иштирокчиён имкони шиносоии бевосита бо вазъи захираҳои оби Тоҷикистонро пайдо карданд. Бо ташкили сафарҳои саҳроӣ онҳо аз пиряхҳо, дарёҳои фаромарзӣ ва иншооти гидроэнергетикӣ боздид намуданд. Ин равиш имкон дод, ки мушкилоти об на танҳо назариявӣ, балки амалӣ муаррифӣ гардад. Дар натиҷа таваҷҷуҳи иштирокчиён ба ҳамгироӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои муассири ҳалли масъалаҳои об тақвият ёфт.

Дар конфронс ҷониби Тоҷикистон изҳори нигаронӣ кард, ки пешрафти воқеӣ дар самти дастрасии умумӣ ба оби ошомиданӣ ва беҳдошт ҳанӯз кофӣ нест. Тибқи арзёбии Бонки Ҷаҳонӣ, барои таъмини фарогирии ҳамагонӣ дар ин самт солона тақрибан 114 миллиард доллар зарур аст.

Бештари кишварҳои рӯ ба рушд чунин захираҳои молиявиро дар дастрасӣ надоранд. Аз ҳамин лиҳоз, бе кумаки кишварҳои пешрафта, ниҳодҳои молиявӣ ва бахши хусусӣ ноил шудан ба ҳадафҳои рушд кори осон нест.

Дар чунин шароит, таҳкими шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун роҳи муассир баррасӣ мегардад. Ин раванд метавонад ҷараёни ҷалби сармояро ба соҳаи об ва зерсохторҳои он фаъолтар намояд.

Илова бар ин, тақвияти ҳамкории байналмилалӣ низ аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Ба коргирии технологияҳои нав, пешбурди навоварӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ-техникӣ метавонанд ба пешрафти минбаъдаи соҳа такони иловагӣ бахшанд.

Маҳз ҳамин омилҳо метавонанд ба ҳалли муассири масъалаҳои об мусоидат намоянд.

Масъала барои Осиёи Марказӣ махсусан мубрам аст, зеро кишварҳои минтақа аз захираҳои об вобастагии мутақобили баланд доранд. Ин вазъ тақвияти ҳамкории мутахассисон ва пажуҳишгарони минтақаро талаб мекунад. Талошҳои Тоҷикистон дар доираи Раванди оби Душанбе ва баргузории чорабиниҳои сатҳи баланд низ ба ҳамин ҳадаф равона шудаанд.

Дар пайи ташаббусҳои пешниҳоднамудаи Тоҷикистон, Маҷмаи умумии СММ 14 декабри соли 2022 қатъномаи A/77/443-ро қабул кард. Тибқи он, соли 2025 “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” эълон гардид. Ҳамчунин, 21 март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» муайян шуд ва таъсиси «Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» низ тасдиқи худро ёфт.

Ҳадафи асосии ин ташаббус ҷустуҷӯи роҳҳои муассири ҳифзи пиряхҳо ҳамчун манбаи асосии захираҳои об, бахусус оби нӯшокӣ мебошад.

Дар шароити тағйирёбии иқлим пиряхҳо аз осебпазиртарин унсурҳо ба шумор мераванд. Коҳиши онҳо метавонад паёмадҳои ҷиддии глобалӣ ба бор оварад.

Бо назардошти ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, пиряхҳоро одатан ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд. Гурӯҳи аввал, пиряхҳои обӣ мебошанд, ки дар уқёнуси яхбастаи шимолӣ қарор доранд. Гурӯҳи дуюм, пиряхҳои хушкӣ буда, онҳо асосан дар минтақаҳои баландкӯҳ ҷойгир мешаванд.

Дар шароити тағйирёбии иқлим маҳз пиряхҳои маҳфуз дар хушкӣ бештар осеб мебинанд. Ин навъи пиряхҳо манбаи асосии оби нӯшокӣ ва об барои кишоварзӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин, ҳаҷми онҳо босуръат коҳиш ёфта истодааст. Қисми зиёдашон тадриҷан аз байн меравад.

Ин раванд метавонад ба шиддат гирифтани буҳрони ҷаҳонии об оварда расонад ва таъмини амнияти обро мушкилтар гардонад.

Бо дарназардошти чунин вазъ, Тоҷикистон ташаббуси нави байналмилалиро пешбарӣ намуд. Дар доираи Раванди оби Душанбе соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш ҳадафҳо ва уҳдадориҳои ҷонибҳои манфиатдор дар самти ҳифзи пиряхҳо мушаххас гардида, уҳдадориҳои ҳамаи ҷонибҳо дар шакли консептуалӣ ва чорабиниҳои мушаххаси амалӣ таҳия ва тасдиқ шуданд.

Дар маҷмуъ, дар чорчӯби Раванди оби Душанбе дар солҳои 2003-2026 ёздаҳ конфронс, як форум ва як симпозиуми байналмилалии сатҳи баланд баргузор шудааст. Ин чорабиниҳо роҳбарон ва намояндагони кишварҳои гуногун, инчунин, ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро ба ҳам оварданд. Қобили зикр аст, ки дар ҳамаи онҳо Дабирони кулли СММ - Кофи Аннан, Пан Ги Мун ва Антонио Гутереш иштирок доштанд.

Дар маҷмуъ, Раванди оби Душанбе дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об ва ҳамоҳангсозии талошҳои байналмилалӣ нақши назаррас гузошт. Дар натиҷа, Тоҷикистон ҳамчун кишвари фаъол дар сиёсати ҷаҳонии об бештар эътироф гардид. То имрӯз шаш ташаббуси байналмилалии кишвар дар соҳаи обу иқлим аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шудааст.

Ҳадафҳои асосии Раванди мазкур дастгирии рушди устувор ва идоракунии маҷмуии захираҳои об мебошанд. Он ба таҳкими ҳамкорӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Рӯзномаи рушди устувор то соли 2030, равона шудааст.

Дар ин замина, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муколамаи сиёсӣ, шарикӣ ва амалро дар соҳаи об пайваста густариш медиҳад. Бо дастгирии СММ ва шарикон баргузории конфронсҳои сатҳи баланд идома меёбад. Бо

ҳамин мақсад, дар шаҳри Душанбе ҳар ду сол конфронсҳои байналмилалӣ барои арзёбии пешрафти Даҳсола баргузор мешаванд.

Конфронсҳои дусола имкони муҳимми таҳкими амал, тавсеаи шарикӣ ва пешбурди муколамаи сиёсиро фароҳам меоранд. Онҳо, рафти татбиқи Даҳсола ва ҳамоҳангии он бо дигар равандҳои марбутро баррасӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, Раванди оби Душанбе ба платформаи муҳимми байналмилалӣ табдил ёфта, он дар рушди дипломатияи об ва ҳамгироии соҳавӣ мавқеи махсус касб намуд.

Ин раванд шароити мусоидро барои омӯзиши сиёсӣ ва илмии масъалаҳои об фароҳам овард. Чорабиниҳои он ниҳодҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳониро муттаҳид сохтанд. Дар натиҷа заминаи фарох барои баррасии масъалаҳои об дар сатҳи баланди сиёсӣ ба вуҷуд омад. Дар ин замина Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд, ки «Ҳамкории кишварҳои мо, бешубҳа намунаи возеҳи он аст, ки чӣ тавр об метавонад ҷонибҳои гуногунро аз минтақаҳои болообу поёноб, куҳсору водӣ, кишварҳои пешрафта, рӯ ба тараққӣ, камтараққӣ ва дигарон ба ҳам оварад» [15].

Дар маҷмуъ хулоса намудан мумкина аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми шарифи он ҳанӯз дар даҳсолаи аввали соҳибихтиёрии худ ба таври комил нишон доданд, ки натанҳо дорои қудрати азалии ҳалли мушкилоти дохилии худро доранд, инчунин дар ҳалли мушкилоти мураккабтарини ҷаҳонӣ ва таъмини рушди устувори он нақши калидӣ мебозанд.

Дар марҳилае, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббусҳои ҷаҳониро дар соҳаи об манзур намуданд, ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро ҳанӯз ҳамчун кишвар дар ҳоли пасазҷангӣ мешинохтанд ва дар тасаввуру хотироти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва фиттаҳои васоити ахбори оммаи кишварҳои ҷаҳон танҳо Тоҷикистони гирифтори ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ инъикос гардида буд.

Бо роҳандозӣ намудани ташаббусҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи об Тоҷикистон якбора ба маркази баҳамоӣ ва баргузории чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ табдил ёфт ва ҷомеаи ҷаҳони онро як кишвари дорои амнияти комил, дар ҳоли рушд, ташаббускор, меҳмоннавоз ва дурнамои боэтимод дарёфт намуда, тамоми тасаввуроти манфии вобаста ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон аз хотироти ҷомеаи ҷаҳонӣ нест шуд. Воситаҳои ахбори оммаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро ҳамчун маркази боэътимоди баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди байналмилалӣ муаррифӣ намуданд.

Яъне омили об натанҳо дар муаррифи симои барҷастаи байналмилалӣ ва субъекти фаъоли муносибатҳои ҷаҳонӣ будани Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус касб кард, инчунин якбора тамоми тасаввуроти ҷомеаи ҷаҳониро нисбат ба Тоҷикистон куллан тағйир дод.

Тоҷикистон тавонист бо пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об ва дипломатияи об дар арсаи байналмилали ҷойгоҳи шоистаи худро пайдо намояд ва масъалаҳои вобаста ба обро ҳамчун абзори мукаммали муттаҳид намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ истифода намояд.

Дар ин радиф Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти барҷастаи сиёсӣ ва ташаббускори иқдомоти башардӯстонаи ҷаҳонӣ ва бунёдгузори дипломатияи муосири об шинохта шуд ва ба таври шоиста эътироф гардид. Ӯ шахсияти калидӣ ва меҳмони асосии ҳамаи чорабиниҳои сатҳи байналмилалии вобаста ба об дар тамоми ҷаҳон мебошад ва ба таклифу пешниҳодҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷомеаи ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Маҳз хиради азалии давлатсозӣ ва сиёсатмадорӣ имкон дод, ки Тоҷикистон дар як муддати кутоҳи таърихӣ имиҷи барҷастаи байналмилалии худро созад ва решаҳои таърихии худро эҳёву арзишҳои мондагори онро муаррифӣ намояд.

Дар заминаи чунин ташаббусдориҳо дипломатияи об ба имиҷи байналмилалии Тоҷикистон табдил ёфт ва Тоҷикистон тавассути он дар

таҳкими арзишҳои башардӯстона ва ҳамёрии ҷаҳонӣ саҳми мондагору арзишманди худро гузошт.

3.2. Дурнамои рушди дипломатияи об ва нақши он дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ

Дар шароите, ки талабот ба захираҳои об пайваста меафзояд, нақши омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Амнияти об ба масъалаи калидии ҷаҳонӣ табдил ёфта, таҳқиқ ва коркарди василаҳои муассисри таъмини онро тақозо менамояд. Дар шароити кунунӣ амнияти об ба қисми таркибӣ ва асосии амнияти миллии давлатҳо, амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфта, бевосита ба рушди устувори ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ва бахшҳои он таъсири худро мерасонад.

Об марзҳои сиёсиро намепазирад ва кишварҳоро дар истифодаи он ба ҳам вобаста месозад. Дар ин замина дипломатияи об ба василаи асосии таъмини созиш ва ҳамкорию муттаҳид сохатни талошҳои ҳамаи ҷонибҳо ҷиҳати қонеъ намудани ниёзҳои худ ба захираҳои об мубаддал мегардад. Таъкиди хоссаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он аст, ки «мавқеъгирӣ дар масъалаи ноил гаштан ба амнияти вобаста ба об барои кишварҳову минтақаҳои алоҳида гуногун аст ва ба шароитҳои табииву иқлимӣ, сиёсӣ ва ғайраи онҳо марбут аст. Ҳалли масъалаҳои амнияти вобаста ба об дар Осиёи Марказӣ бо омилҳои тақсимоти нобаробари захираҳои об дар ҳудуди минтақа, дурнамои эҳтимолии кам шудани захираҳои об дар ояндаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бар асари таъсири раванди тағйирёбии иқлим ва дарёфти василаҳои мутобиқшавӣ ба ин раванд, афзоиши истеъмоли об бинобар зиёд шудани теъдоди аҳолӣ ва рушди иқтисод ва бо назардошти ин таъмини идоракунии талабот ба об, офатҳои табиии марбут бо об ва пешгирии пайомадҳои манфии онҳо вобаста аст» [4]. Об ва иқлим бо ҳам робитаи зич доранд. Тағйирёбии иқлим пеш аз ҳама

тавассути захираҳои об ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсир мерасонад. Ин раванд ҳатто метавонад ба амнияти сиёсӣ низ таъсири ҷиддӣ расонад.

Дар чунин шароит захираҳои об ба яке аз унсурҳои осебпазири муҳити табиӣ табдил меёбанд. Дар натиҷа, ҳолати муътадили ҳифз ва истифодаи онҳо низ халалдор мегардад.

Сарчашмаҳои асосии захираҳои об дар минтақа, аз ҷумла пиряхҳо дар зери таъсири тағйирёбии иқлим коҳиш ёфта, боиси камобӣ дар маҷрои дарёҳои фаромарзӣ мегардад.

Пиряхҳои маҳфуз дар хушкӣ, аз ҷумла пиряхҳои Тоҷикистон, махсусан зери таъсири ин раванд қарор доранд. Гармоиши иқлим суръати обшавии онҳоро афзоиш додааст. Ин ҳолат метавонад амнияти обиро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ заиф намояд. Бар асоси маълумотҳо, аз тақрибан 14 ҳазор пирях беш аз ҳазортои онҳо пурра аз байн рафтаанд. Дар чанд даҳсолаи охир ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвар тақрибан сеяк коҳиш ёфтааст [24].

Дар чунин шароити аҳамияти дипломатияи об низ мазмуни навро касб намуда, он аз доираи ҳамкориҳо ҷиҳати истифодаи муштарак ва оқилонаи захираҳои об ба сатҳи нав, яъне густариш бахшидани ҳамкорӣ баҳри ҳифзи захираҳои об аз таъсири манфии тағйирёбии иқлим мебарояд.

Тағйирёбии иқлим бештар тавассути ихтилол дар гардиши об зоҳир мешавад. Ин раванд ба зиёд шудани басомад ва шиддати ҳодисаҳои ифротии обу ҳаво оварда мерасонад. Дар натиҷа захираҳои об кам, сифати он паст ва дастрасӣ ба оби нӯшокӣ маҳдуд мегардад. Чунин тамоюл ба рушди устувор, ҳифзи гуногунии биологӣ ва татбиқи ҳуқуқи инсон ба обу беҳдошт таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад.

Чунин пайомад дурнамои мазмуни дипломатияи обро мушаххас намуда, он ҳамчун василаи таъминкунандаи оянадаи рушди устувори ҷомеаҳо, ҳифзи муҳити атроф ва кафолати таъмини ҳуқуқи инсон ба об баромад менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди дипломатия об дар Осиёи Марказӣ авлавият дода, мавқеи худро вобаста ба истифодаи муштарак ва оқилонаи

захираҳои об дар Осиёи Марказӣ ҳамеша иброз медорад. «Мо ба рушди ҳамкориҳои фаромарзӣ дар соҳаи об аҳаммияти хоса медиҳем. Ҷиҳати таҳкими минбаъдаи эътимод, шарикӣ ва муколамаи созанда дар Осиёи Марказӣ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳимми об ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳем» [201].

Дар ин шароит сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқлим ва рушд бояд ҳамгироии чораҳои мутобиқшавӣ ва идоракунии захираҳои обро таъмин намояд. Бо дарназардошти афзоиши норасоии об, қабули қарорҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад. Тақсими самараноки об миёни бахшҳои гуногун бояд маҳз бар чунин равиш такя намояд.

Идоракунии захираҳои об зарур аст аз нуқтаи назари устуворӣ ва тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим арзёбӣ шавад. Дар ин замина такмили пойгоҳи иттилоотии гидрологӣ, таҳкими низоми институтсионалӣ, рушди иқтидори кадрӣ ва арзёбии мунтазами хатарҳо аҳаммияти махсус доранд. Ҳамзамон густариши мубодилаи дониш ва ҷалби сармоягузории иловагӣ талаб карда мешавад. Дар ин иртибот ба таркиби масъалаҳои фарогири дипломатияи об дар шароити муосир масъалаҳои табодули иттилооти гидрологӣ, таъминоти кадрӣ ва ташаккули заминаҳои институтсионалии муштарак низ дохил гардида, ҷонибҳоро муваззаф менамояд, ки дар ин самту бахшҳо низ ҳамкорӣ намоянд.

Тағйирёбии иқлим дорои хусусияти умумиҷаҳонӣ буда, ҳудудҳои миллиро маҳдуд намесозад ва тақозо менамояд, ки қарорҳои сиёсӣ дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамоҳанг карда шаванд. Тақвияти ҳамкориҳои байнидавлатӣ метавонад ба кишварҳо дар гузариш ба иқтисодиёти камкарбон ва устувор мусоидат намояд.

Баландшавии ҳарорати миёнаи ҳаво дар натиҷаи тағйирёбии иқлим боиси афзоиши бухоршавӣ гардида, норасоии оби тозаи ошомиданӣ ва оби полезиро барои аҳолӣ ва бахши кишоварзӣ шиддат мебахшад. Ин вазъ, ҳамзамон, бо буҳрони об, хавфи ба вуҷуд омадани буҳрони озуқавориро низ

зиёд намуда, ба суботи иҷтимоӣ ва амнияти давлатӣ таҳдид мекунад. Дар чунин шароит, афзоиши офатҳои табиии вобаста ба об, аз ҷумла сел, ярч ва обхезиҳо, ба талафоти ҷиддии иқтисодӣ, молиявӣ ва инсонӣ оварда мерасонад.

Ба таъкиди коршиносон, таъсири тағйирёбии иқлим дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон яксон эҳсос намешавад. Дар баъзе кишварҳо хушксолиҳои дарозмуддат бештар мушоҳида мегарданд. Минтақаҳои дигар бошад, аз обхезиҳо ва тӯфонҳои пайдарпай зарар мебинанд. Ҳамзамон, қисме аз минтақаҳо бо ҳар ду намуди хатар рӯ ба рӯ мешаванд. Ин ҳолат мушкилоти идоракунии захираҳои обро боз ҳам печидатар мегардонад. Осиёи Марказӣ яке аз чунин минтақаҳост, ки ҳам хушксолию камобӣ ва ҳам селу обхезиро таҷриба намуда, шумораи офатҳои табиии вобаста ба об дар он рӯ ба афзоиш аст. Чунин вазъ тақозо менамояд, ки дурнамои дипломатияи об ба ҳалли муваффақонаи пайомадҳои манфии тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиии марбут ба об низ нигаронида шавад.

Дар айни замон, афзоиши талабот ба об дар соҳаҳои энергетика, кишоварзӣ, саноат ва истеъмоли маишӣ дастёбӣ ба мувофиқа оид ба истифодаи ин манбаи маҳдудро боз ҳам мушкилтар мегардонад, махсусан дар минтақаҳое, ки аллакай бо норасоии об рӯ ба рӯ мебошанд. Бо вуҷуди ин, тағйирёбии иқлим на танҳо як манбаи таҳдид, балки имконияти нодир барои таҷдиди низомҳои идоракунии об ва ҷалби сармоягузорӣ ба роҳҳои устувор мебошад. Аз нигоҳи адолати байнинаслӣ, муносибати ғайриоқилонаи наслҳои гузашта ва имрӯза бо табиат барои наслҳои оянда хатарҳои ҷиддиро ба вуҷуд овардааст, ки ба амнияти зиндагӣ ва сифати ҳаёти онҳо таъсири манфии дарозмуддат мерасонад.

Вобаста ба ин масъала муҳаққиқон ба маврид таъкид мекунанд, ки «наслҳои ояндаро зарур меояд, ки бо истифода аз дониш ва ғояҳои инноватсионӣ роҳҳои ҳалли мушкилоти дар пайи тағйирёбии иқлим ба вуҷудояндаро дарёфт намоянд, сатҳи огоҳӣ, ҳуқуқҳои худ ва маҷмуйи

иқдомоти бештари глобалиро барои ҳал ва мубориза бо буҳрони иқлим ва оқибатҳои он истифода баранд» [128].

Ба ин тартиб, тағйирёбии иқлим ба низоми зиндагии осоишта таъсири фарогир расонида, шароити ҳаётро ба таври куллӣ дигаргун месозад, ба тавре ки идомаи зиндагӣ бо ҳамон қолаб ва меъёрҳои гузашта ва имрӯза дар оянда ғайриимкон мегардад. Унсурҳои бунёдии ҳаёт, аз қабили оби ошомиданӣ, ҳавои тоза ва заминҳои дорои арзиши кишоварзӣ, тадриҷан дучори камбуд, ифлосшавӣ ва корношоямӣ мешаванд. Аз нуқтаи назари илмӣ равшан аст, ки таҳдид ба унсурҳои асосии ҳаёт мустақиман ба худи мавҷудияти ҳаёт таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, тағйирёбии иқлим маҷрои анъанавии рушди ҷомеаро тағйир дода, дар низоми афзалиятҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ гузаришро аз таъмини рушд ба ҳифз ва нигоҳдории унсурҳои ҳаёт ба миён меорад. Дар чунин шароит, қобилияти ҳифз ва идоракунии устувори ин унсурҳо омили калидии таъмини дурнамои зиндагии осоишта ва устувор дар сайёра ба ҳисоб меравад. Яъне, муҳимтарин вазифаи дипломатияи об дар чунин шароит таъмини ҳамгироии қавии тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри ҳифзи захираҳои об ва дигар унсурҳои ҳаёт дар рӯйи замин ба хотири наслҳои оянда мебошад. Ин вазифаи худро дипломатияи об дар сурате иҷро карда метавонад, ки наслҳои имрӯза уҳдадории худро дар назди наслҳои оянда ва табиат ба хубӣ дарк кунанд ва иродаи олии сиёсӣ ва башардӯстӣ зоҳир намоянд.

Ҳамзамон, вобастагии обии байни давлатҳо низ аҳаммияти калон дорад. Дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон ҳавзаҳои муштараки обӣ мавҷуданд, ки чандин кишварро ба ҳам мепайванданд. Дар чунин шароит коҳиш ёфтани захираҳои об метавонад ба манбаи таниш табдил ёбад.

Агар ҳаҷми об дар чунин ҳавзаҳо кам шавад, масъалаи тақсимоти он мушкилтар мегардад. Дар натиҷа, меъёрҳои пешбинишудаи таъминоти об на ҳамеша ҳамаи ҷонибҳоро қонеъ карда метавонанд. Маҳз чунин вазъият аксар вақт ба пайдоиши баҳсҳо ва низоъҳои марбут ба об оварда мерасонад. Ин

низоъҳо метавонанд ҳам дар дохили давлатҳо ва ҳам байни кишварҳо ба вуҷуд оянд.

Дар чунин шароит, зарурати таҳия ва татбиқи механизмҳои муассири идоракунии захираҳои об бештар эҳсос мегардад ва ин раванд бояд бо дарназардошти омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва сиёсӣ амалӣ карда шавад. Ҳамчунин, муайян намудани эҳтимоли сар задани низоъҳои обӣ ва роҳандозӣ намудани дипломатияи об ҷиҳати пешгирии онҳо аҳаммияти махсус дорад.

Идоракунии ҳамоҳангшуда ва ҳамкоронаи захираҳои об метавонад нақши муҳим бозад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки хатари низоъҳо коҳиш ёбад ва суботу ҳамкорӣ дар сатҳи минтақавӣ тақвият ёбад.

Тибқи арзёбиҳои институтҳои байналмилалӣ, пайомадҳои манфии тағйирёбии иқлим дар сатҳҳои гуногун аллакай мушоҳида мешаванд. Онҳо ҳам ба муҳити табиӣ ва ҳам ба бахшҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти ин ҳолат, таъсири кунунӣ ва ояндаи тағйирёбии иқлим яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад.

Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар гузориши худ оид ба хатарҳои глобалӣ барои соли 2020 офатҳои вобаста ба иқлимро аз ҷумлаи таҳдидҳои ҷиддитарини ҷаҳонӣ арзёбӣ кардааст. Дар ин ҳисобот зикр мешавад, ки бисёр ҳодисаҳои шадиди табиӣ бо тағйирёбии иқлим алоқаманданд. Масалан, аз сӯхторҳои бузурги ҷангал дар Австралия то норасоии шадиди об дар баъзе кишварҳои Осиё ва Африқо. Ҳамаи ин ҳолатҳо бевосита ё ғайримустақим бо равандҳои иқлимӣ иртибот доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми ду даҳсолаи охир чунин рӯйдодҳои вобаста ба иқлим таъсири назарраси иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба рушди ҷаҳонӣ расонида, аз ҷумла ба коҳиши амнияти иҷтимоӣ, халалдоршавии инфрасохтор ва афзоиши хатарҳо барои аҳолӣ мусоидат намудаанд. Мувофиқи маълумоти Индекси глобалии хатари иқлим барои соли 2020, дар фосилаи солҳои 1999 то 2018 зиёда аз 12 ҳазор офати марбут

ба тағйирёбии иқлим ба қайд гирифта шуда, дар маҷмуъ тақрибан 3,54 триллион доллари ИМА хисороти иқтисодӣ ба бор овардаанд. Илова бар ин, пайомадҳои ин офатҳои табиӣ сабаби фавти беш аз 500 ҳазор нафар дар саросари ҷаҳон гардидаанд, ки миқёси ҷиддии таҳдиди тағйирёбии иқлимро ба ҳаёт ва рушди ҷомеаи башарӣ бозгӯ менамояд [129].

Бояд таъкид намуд, ки қисми зиёди офатҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим хусусияти гидрологӣ дошта, асосан дар шакли сунамӣ, тӯфонҳо, обхезиҳо, хушксолиҳои тӯлонӣ ва боришоти шадиду ғайримунтазам зуҳур менамоянд. Ин воқеият нишон медиҳад, ки об ҳамчун унсури калидӣ дар миёнравии таъсироти иқлимӣ нақши марказӣ дорад. Аз ин лиҳоз, робитаи мутақобилаи миёни равандҳои гидрологӣ ва тағйирёбии иқлим дар таҳия ва татбиқи сиёсатҳои марбут ба коҳиш додан ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим,,, дар таъмини амнияти об аҳаммияти рӯзафзун касб мекунад.

Дар ин масъала муҳатарм Эмомалӣ Раҳмон ҳам ба маврид таъкид намудааст: «Мушоҳидаҳои бисёрсола гувоҳӣ медиҳанд, ки таъсири тағйирёбии иқлим ба табиат ва вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ тақвият меёбад. Тибқи ин мушоҳидаҳо, тайи шаст соли ахир ҳарорати ҳаво дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёнаи солона ба андозаи як градус аз рӯйи Селсия боло рафта, миқёсу миқдори ҳодисаҳои табиии вобаста ба обу ҳаво рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Зери таъсири ин омилҳо дар Тоҷикистон офатҳои табиӣ дар шакли обхезӣ, аз маҷрои дарёҳо баромадани об, сел, фаромадани тарма ва ярч ҳамасола ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар хисороти ҷиддӣ мерасонанд» [8]. Бо дарназардошти аҳаммияти калидии захираҳои об дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ, тағйирёбии иқлим метавонад ба ин равандҳо таъсири фарогири манфӣ расонад. Минтақа дорои захираҳои маҳдуди оби рӯйизаминӣ ва пиряхҳои маҳфуз дар хушкӣ мебошад. Дар шароити гармшавии иқлим ин манбаъҳо хеле осебпазир шудаанд ва тамоюли коҳиши босуръат доранд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дар дурнамои наздик иқтидори обии минтақа метавонад барои қонеъ кардани

талаботи афзояндаи аҳолӣ ва иқтисодиёт нокифоя гардад. Чунин вазъ зарурати таҳкими ҳамаҷонибаи ҷойгоҳи дипломатияи обро дар муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои минтақа тақозо менамояд. Дар чунин шароит дарёфт ва татбиқи шоҳкориҳои инноватсионӣ идоракунии захираҳои об дар доираи ҳамкориҳои муштарак талаб карда мешавад. Ба ташаккул ва шиддатёбии буҳрони эҳтимолии обӣ як қатор омилҳои ҳамзамон таъсир мерасонанд. Афзоиши босуръати аҳолӣ, рушди саноат ва иқтисод, васеъшавии заминҳои обёришаванда, тағйири тарзи зиндагӣ, шаҳрнишинӣ, таназзули муҳити зист ва камшавии захираҳои об маҷмӯан фишорро ба низоми оби минтақа зиёд мекунанд. Ин равандҳо муносибатҳои байнидавлатиро дар соҳаи об боз ҳам печидатар месозанд. Дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ мушкилоти байни кишварҳои болооб ва поёноб хусусияти дарозмуддат доранд. Ин масъалаҳо бештар ба сохтори умумии идоракунии захираҳои об вобаста мебошанд.

Гарчанде давлатҳои минтақа дар сатҳи сиёсӣ ба принсипҳои ҳамсоягии нек, муколама ва истифодаи одилонаи об содиқанд, вазъият метавонад тағйир ёбад. Зеро таъсири идомадори тағйирёбии иқлим метавонад тавозуни мавҷударо халалдор созад. Дар дурнамои эҳтимолӣ қисми зиёди захираҳо метавонад бештар талаботи кишварҳои болообро қонеъ созад. Дар натиҷа кишварҳои поёноб бо норасоии ҷиддии об рӯ ба рӯ шуданашон мумкин аст.

Равиши ҳамоҳангшуда ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба идоракунии захираҳои об метавонад воситаи муҳимми пешгирии ихтилофҳои эҳтимолӣ гардад. Ҳамзамон, он барои таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва истифодаи устувори захираҳои об заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Тибқи арзёбии коршиносон, «Осиёи Марказӣ яке аз осебпазиртарин минтақаҳо дар раванди тағйирёбии иқлим маҳсуб меёбад. Болоравии ҳарорат дар ин ҷо аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ баландтар пешгӯӣ мегардад. Аз ин рӯ, захираҳои оби минтақаи нисбат ба дигар минтақаҳо зери хатари боз ҳам бештар қарор доранд. Масалан, 2/3 аҳолии Тоҷикистон, ки то ҳол дар деҳот

ба сар мебаранд, бо камбуди шадиди оби ошомиданӣ мувоҷеҳ мебошанд. Дар навбати худ, дар Ӯзбекистон беш аз нисфи аҳолӣ ба шабакаи марказии обрасонӣ дастрасӣ надоранд. Қазоқистон аллакай ба норасоии захираҳои обӣ рӯ ба рӯ гардидааст ва тибқи пешгӯиҳо, то соли 2040 метавонад ба норасоии назарраси захираҳои об дар ҳаҷми 50 дарсади эҳтиёҷоти худ дучор шавад». [128]. Пешгӯйии чунин тамоюлоти манфӣ аз кишарҳои минтақа тақвияти боз ҳам бештари ҳамкориҳоро дар самти идоракунӣ ва истифодаи муштараки захираҳои об тақозо менамояд.

Ҳамзамон, дар сатҳи минтақавӣ истеъмоли мустақими об аз ҷониби аҳолӣ тамоюли устувори афзоишро нишон дода, ҳаҷми истифодаи он сол то сол меафзояд. Бар асоси маълумоти оморӣ, ҳаҷми умумии истеъмоли об дар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз тақрибан 60 километри мукааб дар соли 1960 то 110 километри мукааб дар даврaҳои минбаъда афзоиш ёфтааст. Пешгӯиҳои мавҷуда гувоҳӣ медиҳанд, ки то соли 2030 талабот ба об дар минтақа боз ҳам афзуда, метавонад дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои кунунӣ аз 15 то 20 фоиз зиёд гардад, ки ин ҳолат фишорро ба захираҳои маҳдуди обӣ боз ҳам тақвият мебахшад [8].

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки «дар баробари зиёд гардиадни ҳаҷми истеъмоли об дар минтақа коҳишёбии назарраси захираҳои оби минтақавӣ ба мушоҳида мерасад, ки чунин вазъ таъсири худро ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар соҳаи об мерасонад ва таҳдид ба суботи минтақавӣ мебошад. Дар солҳои 2018-2022 коҳишёбии назарраси захираҳои об, алалхусус, дар дарёҳои фаромарзӣ ба мушоҳида расида, ҳаҷми оби онҳо аз меъёри миёнаи солона дар мавсими обёрӣ дар маҷмуъ аз 60 то 70 дарсадро ташкидл додааст» [13]. Вазъияти ташаккулёфта зарурати тақвияти ҳамгироӣ ва густариши ҳамкориҳои минтақавии кишварҳои Осиёи Марказиро дар соҳаи идоракунии захираҳои об ба миён меорад. Афзоиши пайвастаи талабот ба об дар ҳолате, ки ҳаҷми захираҳо коҳиш меёбад, кишварҳои минтақаро осебпазир месозад. Чунин тамоюл

метавонад ба устувории муносибатҳои байнидавлатӣ таъсири манфӣ расонад. Дар ин шароит нобаробарии дастрасӣ ва маҳдудияти об омили эҳтимолии ташаннуҷи минтақавӣ мегардад.

Бо дарназардошти ин, ҳифз ва барқарорсозии захираҳои об бояд ба самти афзалиятноки сиёсати минтақавии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва таркиби дипломатияи минтақавӣ дар соҳаи об табдил ёбад. Барои расидан ба ин ҳадаф ҷалби сармоягузории молиявӣ, техникӣ ва илмӣ дар соҳаи об зарур аст. Тақвияти чунин дастгирӣ метавонад истифодаи устувори захираҳои об ва суботи минтақавиро таъмин намояд. Равиши ҳамоҳангшуда ва дарозмуддат ба масъалаи ҳифзи об метавонад заминаи устувор барои таъмини амнияти об ва суботи минтақавӣ фароҳам оварад.

Дар ин самт, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин баён намудаанд: «Дар ин самт ҳифзи пиряхҳо, ки сарчашмаи асосии захираҳои оби минтақа мебошанд, бояд дар меҳвари сиёсати минтақавии обӣ қарор гирад. Махсусан, дар раванди тағйирёбии иқлим кишварҳои минтақаро зарур аст, ки амалҳои муштаракро баҳри ҳифзи захираҳои об, махсусан пиряхҳо равона созанд. Дар ин замина бо мақсади мониторинги ин равандҳо ва андешидану татбиқ намудани тадбирҳои мутобиқшавӣ ба омилҳои тағйирёбии иқлим ва ҳарчи бештар коҳиш додани раванди обшавии босуръати пиряхҳо ҷониби Тоҷикистон Маркази омӯзиши пиряхҳоро таъсис додааст ва умед аст, ки дар доираи пешбурди фаъолияти он ва дарёфти роҳҳои илман асоснокшудаи ҳифзи пиряхҳо дар раванди тағйирёбии иқлим кишварҳои минтақа муштаракан саҳми худро мегузоранд. Итминон аст, ки дар ояндаи наздик ин марказ дар раванди банақшагирӣ, идораи захираҳои об ва ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ саҳми назаррас мегузорад» [8].

Осебпазирии баланди минтақа дар шароити тағйирёбии иқлим, ҳамчунин, ба як қатор омилҳои сохторӣ вобаста аст. Аз ҷумла, истифодаи ғайрисамараноки захираҳои об, фарсудагии инфрасохтори обтаъминкунӣ, татбиқи нокифояи стандартҳо ва технологияҳои каммасрафи об,,, вазъи

номусоиди муҳити зист ва сатҳи баланди олудашавӣ, ки решаҳои таърихӣ доранд, таъсири манфии тағйирёбии иқлимро тақвият мебахшанд. Илова бар ин, вобастагии мутақобилаи соҳаҳои об, энергетика ва озуқаворӣ яке аз хусусиятҳои асосии рушди минтақа ба ҳисоб меравад, ки дар он ҳар гуна халалдоршавӣ дар соҳаи об бевосита ба амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ таъсир мерасонад.

Тағйирёбии иқлим пайомадҳои гуногун ва баъзан пешгӯинашаванда дорад. Ин раванд ба робитаи байни об, энергетика ва кишоварзӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Аз нигоҳи илмӣ маълум аст, ки таъмини амнияти озуқаворӣ бе рушди устувори кишоварзӣ имконнопазир аст. Дар айни ҳол, фаъолияти самараноки кишоварзӣ бидуни дастрасии устувор ба захираҳои об низ ғайриимкон мебошад.

Ҳамзамон, дар шароити муосир об яке аз манбаъҳои муҳимми истеҳсоли неруи барқ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, рушди гидроэнергетика ҳамчун ҷузъи муҳимми «энергияи сабз» ва «иқтисоди сабз» арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти ин ҳолат, масъалаҳои об, энергетика ва озуқаворӣ бо ҳам зич алоқаманданд. Сатҳи амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, пеш аз ҳама, ба ҳолати амнияти обӣ вобаста аст. Аз ҳамин сабаб, таъмини амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ва минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст.

Ноил шудан ба ин ҳадафҳо истифодаи равишҳои ҳамоҳангшуда ва байнисоҳавиро талаб мекунад. Ин равишҳо бояд идоракунии захираҳои об, замин ва энергетикаро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ дар бар гиранд.

Дар солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва сиёсатгузорон ба ин масъала бештар шудааст. Онҳо ба зарурати ба назар гирифтани ҳамбастагии байнисоҳавӣ барои таъмини амнияти обӣ, озуқаворӣ ва энергетикӣ таъкид мекунанд. Дарки имкониятҳое, ки аз банақшагирии ҳамоҳангшуда ва

фаромарзӣ ба вуҷуд меоянд, барои устувории иқлимӣ ва иҷтимоии минтақа аҳаммияти стратегӣ дорад.

Ба назари мо, дар таҳлилҳои сиёсӣ мафҳуми “амният” пеш аз ҳама дастрасии устувор ва боэътимод ба захираҳои об, энергия ва озуқавориро дар бар мегирад. Он, ҳамчунин, қобилияти нигоҳдорӣ ва идоракунии ин манбаъҳоро бо дарназардошти омилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва техникӣ ифода мекунад. Тибқи таърифи UNECE, “алоқамандӣ” робитаи мутақобилаи соҳаҳои об, энергетика ва озуқавориро мефаҳмонад. Тағйир дар яке аз ин бахшҳо ногузир ба бахшҳои дигар ва ба экосистемаҳо таъсир мерасонад.

Равиши “алоқамандӣ” ба истифодаи ҳамоҳангшудаи захираҳо равона шудааст. Ҳадафи он ба даст овардани натиҷаҳои мутақобилан судманд ва коҳиши қарорҳои номувофиқ мебошад. Ин равиш истифодаи самараноки захираҳоро тақвият дода, паёмадҳои иҷтимоӣ ва экологиро коҳиш медиҳад. Дар меҳвари он таҳкими амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ қарор дорад.

Дар ин низом об унсури муайянкунанда маҳсуб меёбад. Бе он фаъолияти устувори соҳаҳои дигар имконнопазир аст. Дар Осиёи Марказӣ кишварҳо дар истифодаи об манфиатҳои гуногун доранд: давлатҳои болооб ба рушди гидроэнергетика, давлатҳои поёноб ба кишоварзӣ такя мекунанд. Дар шароити тағйирёбии иқлим ва камшавии об таъмини ҳамзамони амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ боз ҳам мураккаб мешавад. Аз ин рӯ, ҳамоҳангсозии байнисоҳавии истифодабарандагони об ҳамчун унсури муҳимми идоракунии маҷмуӣ аҳаммияти хос дорад.

Барои таҳкими амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ иҷрои чанд вазифаи калидӣ муҳим аст. Аввал, арзёбии мунтазами вазъ ва дурнамои ин соҳаҳо бо истифода аз нишондиҳандаҳои динамикӣ зарур мебошад. Дуюм, таҳия ва татбиқи стратегияи ягонаи минтақавӣ бояд ҳамгироии талошҳои кишварҳоро таъмин намояд. Сеюм, муайян кардани сатҳи пешбинишавандаи амният то соли 2030 бо нигоҳ доштани тамоюлҳои мавҷуда аҳаммияти амалӣ дорад. Дар натиҷа, дар шароите, ки талабот ба неруи барқ рӯ ба афзоиш аст,

самаранокии неругоҳҳо коҳиш меёбад. Ҳамгироии ин омилҳо ба шиддатёбии норасоии об, коҳиши тавлиди неруи барқ ва маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамзамон, ба бадшавии вазъи экологӣ, аз ҷумла пастшавии сатҳи баҳрҳои Арал ва Каспий, оварда мерасонад, ки дар маҷмуъ таъсири манфии ҷиддӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ мерасонад.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муосир, ҳамзамон, аз ду равандҳои манфии ба ҳам алоқаманд таназзули замин ва маҳдудшавии дастрасӣ ба захираҳои об таъсири ҷиддӣ мебинад, ки ҳар дуи онҳо зери таъсири мустақими тағйирёбии иқлим ташаккул меёбанд. Коҳиши ҳаҷм ва устувории захираҳои об, бахусус дар минтақаҳои вобаста ба обёрӣ, қобилияти нигоҳ доштани сатҳи муқаррарии истеҳсоли кишоварзиро ба таври назаррас маҳдуд месозад.

Баландшавии ҳарорати миёнаи ҳаво метавонад ба афзоиши стрессҳои гармӣ дар зироатҳо оварда расонад, ки ин ҳолат ҳосилнокии онҳоро паст намуда, дар сурати норасоии об барои обёрӣ таъсири манфии он боз ҳам шиддат меёбад. Дар натиҷаи ҳамгироии ин омилҳо, хавфи коҳиши назарраси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба миён меояд. Тибқи арзёбиҳои пешгӯинашуда, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон пайомадҳои тағйирёбии иқлим метавонанд то соли 2050 боиси коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳудуди 10-15 фоиз гарданд, ки ин барои амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори соҳа паёмадҳои ҷиддӣ хоҳад дошт.

Муҳаққиқон К. Фритсше, Г. Исаева, А.Маас ва Рюттингер Л. вобаста ба ин самт чунин навиштаанд: «Паст шудани дастрасӣ ва сифати захираҳои об ба системаи робитаҳои байни об, захираҳои энергетикӣ ва кишоварзии Осиёи Марказӣ таъсир мерасонад. Дар баробари ин, дар заминаи ин равандҳо, дар натиҷаи рушди демографӣ ва иқтисодӣ афзоиши талабот ба захираҳо ва энергия пешбинӣ шудааст. Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки аз захираҳои бузурги сӯзишвории истихроҷшуда маҳруманд, метавонанд таъсири махсусан сахти тағйирёбии иқлимро ба рушди иқтисодии худ эҳсос кунанд»

[169]. Андешаи муҳаққиқон нишон медиҳад, ки дар Осиёи Марказӣ низоми “об-энергетика-озуқаворӣ” зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад. Пеш аз ҳама, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ба ин раванд таъсир мерасонанд. Коҳиш ёфтани ҳаҷм ва сифати захираҳои об танҳо ба соҳаи об маҳдуд наемонад. Он, ҳамзамон, ба истеҳсоли неруи барқ ва рушди кишоварзӣ низ таъсир мерасонад. Дар натиҷа, байни ин бахшҳо вобастагии мутақобила боз ҳам қавитар мегардад. Ин ҳолат, дар навбати худ, осебпазирии низоми минтақавиро зиёд мекунад.

Муаллифон, ҳамзамон, ба омилҳои демографӣ ва иқтисодӣ ишора мекунанд, ки талабот ба об ва энергияро дар оянда боз ҳам зиёд месозанд. Дар чунин шароит кишварҳои болооби минтақа, махсусан Тоҷикистон ва Қирғизистон, бо сабаби маҳдуд будани захираҳои сӯзишвории истихроҷшуда бештар ба гидроэнергетика такя мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо нисбат ба тағйирёбии иқлим ва тағйири реҷаи гидрологӣ ҳассосияти баланд доранд.

Аз нуқтаи назари илмӣ, ин хулоса зарурати гузариш ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳоро тақвият медиҳад. Таҳкими диверсификатсияи манбаъҳои энергия, баланд бардоштани самаранокии истифодаи об ва рушди механизмҳои ҳамкории минтақавӣ метавонанд сатҳи осебпазириро коҳиш диҳанд. Ҳамин тавр, андешаи муҳаққиқон аҳаммияти татбиқи равиши “алоқамандӣ”-ро ҳамчун воситаи таъмини устувории иқтисодию экологӣ дар Осиёи Марказӣ асоснок менамояд.

Дар ҳамин замина, шумораи зиёди муҳаққиқон пайваста саъй мекунанд дурнамои истифода ва идоракунии захираҳои обро, агар на барои садсолаҳо, ҳадди аққал барои даҳсолаҳои наздик таҳлил ва пешбинӣ намоянд. Одатан, чунин арзёбиҳо ба ду тамоюли устувор - афзоиши босуръати аҳолӣ ва тағйирёбии иқлим такя мекунанд. Натиҷаҳои бадастомада то имрӯз чандон умедбахш ба назар намерасанд. Тибқи пешгӯиҳо, то миёнаи асри XXI шумораи аҳолии ҷаҳон ба ҳудуди ҳашт миллиард нафар хоҳад расид ва дар давоми тақрибан бисту панҷ соли оянда беш аз ду ҳиссаи аҳолии сайёра дар

минтақаҳое сукунат хоҳанд дошт, ки бо норасоии ҷиддии захираҳои об рӯ ба рӯ мебошанд; Осиёи Марказӣ низ ба гурӯҳи чунин минтақаҳо шомил аст.

Тағйирёбии иқлим дар ояндаи наздик эҳтимолан ба обшавии шадиди пиряхҳо оварда мерасонад, ки он бо талафоти ҷуброннопазири захираҳои ях ва афзоиши муваққатии ҳаҷми об дар дарёҳои дорои маншаи пиряхӣ ҳамроҳ хоҳад шуд. Бо вуҷуди ин, дар дурнамо, режими гидрологии дарёҳо ҳарчи бештар аз боришоти барфу борон вобаста мегардад, на аз захираҳои пиряхӣ ва дар натиҷа, ба тағйироти кӯтоҳмуддати иқлим ҳассостар хоҳад шуд. Дар маҷмуъ, тибқи ин арзёбиҳо, то наздики нимаи асри XXI коҳиш ёфтани захираҳои обҳои рӯйизаминӣ ва баъдан зеризаминӣ дар минтақа интизор меравад, ҳарчанд миқёси дақиқи ин коҳиш ҳанӯз пурра равшан нест [37, с. 14-15].

Дар чунин шароит, барои таҳкими амнияти иқлимӣ дар Осиёи Марказӣ тақвияти ҳамкориҳои минтақавӣ аҳаммияти калон дорад. Хусусан, ҳамоҳангсозии сиёсати иқлимӣ байни кишварҳо муҳим арзёбӣ мешавад. Пешбурди дипломатияи муассири иқлим талаб мекунад, ки давлатҳо мавқеи худро дар рӯзномаи иқлимӣ бо такя ба уҳдадориҳои илмӣ оид ба коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ муайян намоянд.

Ҳамзамон, такмил додани малакаҳои гуфтушунид ва наздик намудани мавқеъҳои кишварҳо низ зарур аст. Дар сиёсати минтақавӣ бояд ба амалҳои муштарак барои коҳиш додани паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим афзалият дода шавад.

Ҳифзи захираҳои об низ ҳамкории зичи кишварҳои минтақаро талаб мекунад. Барои ин муттаҳид сохтани талошҳо хеле муҳим аст. Илова бар ин, татбиқи тадбирҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим бояд яке аз самтҳои асосӣ бошад. Яке аз роҳҳои муҳим дар ин самт кам кардани партови гази карбон ба атмосфера ба ҳисоб меравад.

Дар ҳамин замина, кишварҳои минтақа Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлимро пазируфтаанд. Ин ҳуҷҷат дар шароити тағйирёбии

иқлим ҳамчун заминаи муҳимми рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд хизмат мекунад. Хусусан, он барои ҳамкорӣ дар ҳавзаҳои муштараки обӣ аҳаммияти калон дорад.

Яке аз вазифаҳои муҳимми ин конвенсия пешгирӣ ва ҳалли мусолиматомези ихтилофҳои вобаста ба захираҳои об мебошад. Ин масъала махсусан дар шароите муҳим мегардад, ки ҳаҷми захираҳои об коҳиш меёбад.

Ҳамзамон, Конвенсия ҳамчун меъёри умумии ҳуқуқии танзими муносибатҳои давлатҳои дорои захираҳои обии муштарак эътироф шудааст. Татбиқи амалии муқаррароти он метавонад ба таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат намояд. Ин раванд барои истифодаи оқилона ва идоракунии ҳамоҳангшудаи захираҳои об,, коҳиши таъсири манфии тағйирёбии иқлим заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҳамзамон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври ихтиёрӣ уҳдадориҳои дар доираи Созишномаи Париж пешбинишударо пазируфтаанд, ки ин амр аз омодагии онҳо ҷиҳати ҳамоҳангсозии сиёсати миллӣ бо талошҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба тағйирёбии иқлим гувоҳӣ медиҳад Ҳадафи асосии қабули созишномаи мазкур ба таври назаррас маҳдуд намудани ҳаҷми партовҳои глобалии газҳои гулхонаӣ буда, он пеш аз ҳама ба ҷилавгирӣ аз афзоиши миёнаи ҳарорати ҷаҳонӣ то сатҳи на бештар аз 2 дараҷа гармӣ равона шудааст. Ҳамзамон, дар доираи ин санад ҷустуҷӯ ва фароҳам овардани механизмҳо, воситаҳо ва заминаҳои зарурӣ барои минбаъд маҳдуд сохтани болоравии ҳарорати ҳаво то сатҳи 1,5 дараҷа гармӣ ҳамчун ҳадафи дарозмуддат пешбинӣ мегардад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён медорад, ки «Созишнома аз ҳамаи кишварҳо даъват мекунад, ки барои коҳиши партовҳои худ уҳдадориҳо бигиранд ва барои мутобиқ шудан ба оқибатҳои тағирёбии иқлим якҷоя кор кунанд, ҳамзамон, тааҳҳудоти худро бо мурури замон таҳким бахшанд. Созишнома роҳро барои кишварҳои пешрафта барои кумак ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар талошҳояшон барои коҳиш додан ва мутобиқ шудан ба

тағирёбии иқлим боз мекунад ва ҳамзамон, чаҳорчӯби мониторинг ва гузоришдиҳии шаффоф дар бораи расидан ба ҳадафҳои иқлимро фароҳам меорад» [18].

Ба андешаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Созишномаи мазкур барои даҳсолаҳои оянда заминаи устувори институтсионалӣ фароҳам меорад. Дар асоси он ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад талошҳои кишварҳоро дар самти муқовимат ба паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим ба таври марҳилавӣ тақвият бахшад.

Созишномаи Париж ҳамчун нуқтаи оғози гузариш ба модели рушди ҷаҳонии камкарбон арзёбӣ мешавад. Татбиқи муқаррароти он барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор аҳаммияти калидӣ дорад. Ин санад чаҳорчӯбаи равшан ва харитаи роҳро барои амалҳои иқлимӣ муайян менамояд. Он ҳам ба коҳиши партовҳо ва ҳам ба баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавӣ ва устуворӣ равона шудааст.

Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҳдудсозии гармшавии глобалӣ мусбат арзёбӣ мегардад. Ҳиссаи кишвар дар партовҳои ҷаҳонии газҳои гулхонаӣ хеле паст буда, тақрибан 0,0003 фоизро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин, Тоҷикистон дар доираи Созишномаи Париж уҳдадории ихтиёрӣ гирифтааст. Тибқи он, ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ дар оянда набояд аз 80-90 фоизи сатҳи соли 1990 зиёд гардад [18].

Бо вуҷуди он ки саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии партовҳои газҳои гулхонаӣ хеле ночиз арзёбӣ мешавад, кишвар таъсири манфии паёмадҳои тағйирёбии иқлимро нисбат ба бисёре аз давлатҳо, аз ҷумла кишварҳои минтақа, ба таври назаррас бештар эҳсос менамояд. Азбаски тағйирёбии иқлим таъсири худро асосан тавассути захираҳои обӣ мерасонад, Тоҷикистон, ки дар саргаҳи ҳавзаҳои асосии обии минтақа ҷойгир аст, ҳамзамон, ба паёмадҳои хушксолӣ ва обшавии босуръати пиряхҳо дучор гардида, аз селу обхезиҳои пайдарпай зарари ҷиддӣ мебинад.

Дар чунин шароит, коҳиши партовҳои газҳои гулхонаӣ пеш аз ҳама тавассути рушди соҳаи гидроэнергетика амалӣ гардида метавонад, зеро ин бахш ҳамчун яке аз самтҳои калидии муборизаи муассир бо паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти иқтидорҳои назарраси гидроэнергетикӣ дар кишварҳои болооб ва ҳамзамон, сатҳи баланди осебпазирии давлатҳои минтақа нисбат ба тағйирёбии иқлим, роҳандозии ҳамкориҳои муштарак ва ҳамоҳангшуда дар ин соҳа аҳаммияти махсуси стратегӣ касб менамояд. Чунин ҳамкорӣ метавонад ба коҳиши назарраси партовҳои гази карбон дар минтақа ва ҳамзамон, ба ҳифзи устувори захираҳои об мусоидат намояд. Дар ин замина, тақвияти дипломатияи гидроэнергетикӣ ҳамчун унсури муҳимми ҳамкории минтақавӣ аҳаммияти махсус касб мекунад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маврид таъкид медорад, ки «дар раванди тағйирёбии иқлим андешидани маҷмуи тадбирҳоро ҷиҳати дар ҳолати эътидол нигоҳ доштани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар минтақа тақозо менамояд:

1. Бештар равона намудани кӯшишҳо ба идоракунии талабот ба об, на идоракунии об.
2. Танзими демографӣ дар минтақа, махсусан дар кишварҳои поёноб.
3. Гузариш ба технологияи каммасрафи обӣ.
4. Коҳиш додани кишти маҳсулоти кишоварзии обталаб.
5. Бунёди иншооти гидроэнергетикии муштарак дар кишварҳои болооб.
6. Расонидани кумак – молиявӣ, иқтисодӣ, техникӣ ба кишварҳои болооб ҷиҳати ҳифзи захираҳои об, махсусан пиряхҳо аз пайомадҳои манфии раванди тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани суръати обшавии онҳо.
7. Таҳияи стратегияи ягонаи минтақавии ҳифзи захираҳои об дар раванди тағйирёбии иқлим.

8. Бо мақсади ҳифзи амнияти обӣ, энергетикӣ ва озуқаворӣ дар минтақа дар раванди тағйирёбии иқлим ва коҳиш ёфтани захираҳои об зарур аст, ки кишти пахта дар минтақа, махсусан дар кишварҳои поёноб ба мротиб коҳиш дода шавад» [24].

Вазъияти мавҷуда гувоҳӣ медиҳад, ки дар шароити тағйирёбии иқлим давлатҳои ҷаҳон, бахусус кишварҳое, ки дар доираи ҳавзаҳои муштараки обӣ қарор доранд, танҳо дар асоси ҳамкориҳои муштарак қодир ба дастёбӣ ба натиҷаҳои назаррас мебошанд. Дар чунин шароит, ҳамоҳангсозии фаъолият ва амалкардҳои дастаҷамъона метавонад ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат намояд.

Баръакс, агар ҳамкории муассир вуҷуд надошта бошад, эҳтимоли ба вуҷуд омадани муноқишаҳо байни давлатҳое, ки захираҳои муштараки об доранд, зиёд мегардад. Набудани амалҳои муштарак метавонад танишҳоро дар чунин минтақаҳо шиддат бахшад.

Аз ин лиҳоз, тағйирёбии иқлим ба муносибатҳои байнидавлатӣ таъсири дуҷониба мерасонад. Агар иродаи сиёсӣ ва ҳамкории фаъол вуҷуд дошта бошад, ин раванд метавонад ба ҳамгироии минтақавӣ мусоидат кунад. Аммо дар сурати набудани ҳамкорӣ, тағйирёбии иқлим метавонад ба манбаи низоъҳо ва ихтилофҳои байнидавлатӣ табдил ёбад, махсусан дар масъалаҳои вобаста ба захираҳои об.

Дар ҳамин замина, таъсири тағйирёбии иқлим ба муносибатҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз он вобаста аст, ки то кадом андоза роҳбарияти сиёсии давлатҳои минтақа дорои иродаи муштарак ҷиҳати истифодаи оқилона, ҳифз ва идоракунии ҳамоҳангшудаи захираҳои об дар ҳавзаҳои муштарак мебошанд,,, аз сатҳи ташаккули заминаҳои ҳуқуқию институтсионалӣ дар ин самт муайян мегардад. Ба ибораи дигар, ояндаи ҳамкорӣ ё ихтилоф дар масъалаи об дар минтақа бештар аз омодагии сиёсии ҷонибҳо ба ҳамгироӣ вобастагӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, вазъи кунунии Осиёи Марказӣ, ки бо рушди босуръати демографӣ, коҳиш ёфтани захираҳои об, ҳамзамон, бо афзоиши талабот ба об ва маҳсулоти озуқаворӣ, бадшавии ҳолати мелёративии заминҳои кишоварзӣ, таназзули муҳити зист ва шиддат гирифтани паёмадҳои манфии тағйирёбии иқлим тавсиф меёбад, нишон медиҳад, ки роҳи алтернативии таъмини суботи давлатӣ ва минтақавӣ амалан вуҷуд надорад. Дар чунин шароит, танҳо ташаккули ҳамаҷонибаи дипломатияи об, рушди ҳамкориҳои самаранок ва татбиқи амалкардҳои муштарак метавонад ба ҳифзи субот ва амнияти минтақа мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, идоракунии захираҳои об аксаран хусусияти минтақавӣ дошта, сафарбар намудани тамоми иқтидорҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва институтсионалиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, бояд таъкид намуд, ки об ҳамчун асоси ҳаёт дорои аҳаммияти умумибашарӣ мебошад ва масъулияти ҳифз ва истифодаи оқилонаи он ба ҳар як субъекти ҷомеа дахл дорад. Дар сурати муттаҳид сохтани тамоми захираҳо ва имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати ҳалли мушкилоти обӣ, ин захира метавонад на манбаи ихтилоф, балки омили рушди устувор ва шукуфоии дарозмуддати Осиёи Марказӣ гардад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин масъала дар маърузаи худ бо итминон ишора мекунанд, ки «дар шароити имрӯза маҳз мавқеъгирии маҷмӯӣ метавонад барои ҳалли мушкилоти рӯзмарра, рушди «иқтисоди сабз» ва пешрафти босубот заминаи боэътимод гузорад. Мо бори дигар ҷонибдории худро аз ин раванд изҳор намуда, кӯшишҳои иловагӣ ба харҷ хоҳем дод, ки мавқеъгирии ҳамгироёна дар роҳи ҳалли масъалаҳои об ва иқлим ҷойи намоён дошта бошад» [24].

Маҳз дурнамои рушди ддипломатияи об метавонад ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказиро таъмин намояд ва идоракунии устуворизахираҳои обро ба нафъи ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор кафолат диҳад.

Таъмини дурнамои амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ аз ҳар лиҳоз ба таъмини амнияти обӣ дар ин ҳудуди ҷуғрофӣ вобаста аст ва Тоҷикистон бо истифода аз тамоми имкониятҳо кӯшиш менамояд, ки дурнамои рушди дипломатияи обро дар сатҳи миллию минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таъмин созад. Дар ин замина Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «мо ба мақсади пешбурд ва тақвияти дипломатияи об ва муттаҳид кардани талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ояндаи устувор ва бехатар Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об таъсис додем. Ин ҷоиза барои эътироф намудани саҳми барҷаста дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, таҳқиқоти илмӣ, сиёсати устувори об ва пешбурди роҳҳои ҳалли муассири мушкилоти ҷаҳонии об нигаронида шудааст» [201].

Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба вобаста ба дурнамои рушди дипломатияи об метавон хулоса намуд, ки дурнамои рушди устувори ҷомаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ ва таъмини амнияту субот дар он аз ҳалли мушкилоти вобаста ба об ва таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкориҳо дар соҳаи об вобаста аст. Дар ин радиф бояд ба иноба гирифта шавад:

- амнияти об қисми таркибии амнияти миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад;
- таҳия ва қабул намудани консепсияи таъмини амнияти об дар Осиёи Марказӣ зарур мебошад;
- Таҳияи лоиҳаҳои илмию таҳқиқотии муштараки минтақавӣ дар соҳаи об дар Осиёи Марказӣ бо мабалағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи кишварҳои минтақа мувофиқи мақсад мебошад.

ХУЛОСА

I.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар рисолаи илмӣ масъалаҳои гуногуни марбут ба дипломатия ва ҷойгоҳи он дар низоми татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Диққати асосӣ ба масъалаи амнияти обӣ равона шудааст, зеро маҳз амнияти обӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори ҷомеа ҳам дар сатҳи миллӣ, ҳам минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди рушди табиӣ дар шароити муосир хусусияти мураккаб ва то андозае буҳронӣ касб кардааст. Тағйирёбии иқлим, инчунин афзоиши рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об, ба ин раванд таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Дар чунин шароит давлатҳо ва ҷомеаҳо маҷбур мешаванд ба масъалаҳои рушди устувор ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар шароити афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои иқлимии муосир сиёсати ҳамкории созанда ва дипломатияи мутавозинро пайгирона пеш мебарад.

Бо назардошти ин ҳолат, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро метавон дар шакли хулосаҳои зерин пешниҳод намуд:

1. Дар доираи таҳқиқоти мазкур дипломатияи об ҳамчун самти муосири илмӣ ва амалии фаъолияти сиёсати байналмилалӣ бо назардошти омилҳои табиӣ, сиёсӣ ва геостратегии муосир мавриди таҳлили фарогир қарор гирифтааст. Моҳияти он ҳамчун шакли мустақили фаъолияти дипломатӣ асоснок гардидааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки ташаккули дипломатияи об ба зарурати танзими одилонаи истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ ва пешгирии муноқишаҳои эҳтимолӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Осори назариявии ин шакли дипломатия нишон медиҳад, ки он аз баъзе ҷиҳатҳо аз шаклҳои анъанавии муносибатҳои байналмилалӣ фарқ дошта, бештар ба принсипҳои муколама, ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва таъмини устувории стратегӣ такя мекунад [1-М].

2. Таҳқиқот нишон дод, ки заминаҳои табиӣ ва иқлимии минтақаҳои дорои захираҳои оби фаромарзӣ, махсусан дар Осиёи Марказӣ, на танҳо ҳамчун омили экологӣ, балки ҳамчун воқеияти муҳими сиёсӣ ва стратегӣ арзёбӣ мешаванд. Таъмини дастрасии одилона ба захираҳои об дар шароити афзоиши фишорҳои демографӣ ва тағйирёбии иқлим, инчунин ҳифзи суботи минтақавӣ ва устувории сиёсати хориҷии кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба сатҳи рушди институтсионалӣ ва иқтидори дипломатии давлатҳо вобаста мебошад. Дар чунин шароит дипломатияи об ҳамчун воситаи муҳими танзими муносибатҳо, таҳкими эътимоди мутақобила ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад [2-М; 3-М].

3. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дипломатияи об барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо омили муҳими пешбурди сиёсати хориҷӣ, балки воситаи муассири ташаккули имиҷи мусбати байналмилалӣ ва пешбурди ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаи об мебошад. Стратегияи давлатии кишвар дар ин самт, ки тавассути ташаббусҳо, баромадҳо ва баргузор намудани чорабиниҳои сатҳи баланд, аз ҷумла конфронсҳои байналмилалии марбут ба масъалаҳои об дар доираи Созмони Милали Муттаҳид амалӣ мегардад, нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар ташаккули рӯзномаи глобалии об нақши фаъол дорад [5-М].

4. Натиҷаҳои таҳқиқот нақши муҳими идоракунии захираҳои обро ҳамчун яке аз омилҳои асосии ташаккули сиёсати минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳанд. Дар шароите, ки механизмҳои ҳуқуқии танзими захираҳои оби фаромарзӣ пурра ташаккул наёфтаанд, сатҳи эътимоди байнидавлатӣ маҳдуд буда, ҳамоҳангсозии амалҳо дар сатҳи лозимӣ таъмин намегардад, хатари ба вуҷуд омадани ихтилофҳо дар минтақа меафзояд. Дар чунин вазъ дипломатияи об на танҳо воситаи танзими муносибатҳо, балки платформаи муҳими ҳамгироии сиёсӣ ва минтақавӣ мебошад, ки метавонад

ба таҳкими суботи стратегӣ ва рушди устувори минтақа мусоидат намояд [4-М].

5. Таҷрибаи пешбурди дипломатияи об аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳ ва консепсияи мукаммали таҳмини ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар соҳаи об буда, ба рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар ҳамаи минтақаҳои дорои захираҳои оби муштарак мусоидати фаъол менамояд. Бо фаъолияти дипломатӣ дар соҳаи об Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нахустин шуда василаҳои муассир ва фароҷаҳонии ҳалли мушкилоти вобаста ба обро дар арсаи байналмилалӣ пешниҳод намуданд ва обро ба абзори таъмини сулҳ, амнияти башарӣ, рушди устувор ва ҳамзистии осоишта табдил доданд [5-М].

6. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи сиёсати миллӣ ва минтақавӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об, таҳияи барномаҳои таълимӣ дар соҳаи дипломатияи об, омодасозии мутахассисони соҳавӣ, такмили созишномаҳои фаромарзӣ ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни давлатҳо заминаи илмии муътамад фароҳам меоранд. Ин таҳқиқот метавонад ҳамчун асоси назариявӣ ва амалӣ барои татбиқи механизмҳои “қувваи нарм” ва рушди дипломатияи экологӣ хизмат намуда, барои ворид намудани принсипҳои дипломатияи об ба амалияи сиёсати хориҷии давлатҳо мусоидат намояд [6-М; 7-М; 8-М; 9-М].

II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар робита ба натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқоти илмӣ оид ба ҷойгоҳи дипломатияи об, зарур аст пешниҳодҳои амалии зеринро барои истифодаи мақсадноки онҳо дар заминаҳои сиёсӣ, илмӣ ва таълимӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ ба таври зайл баён намуд:

1. Бо назардошти таҳлили назариявӣ ва методологии дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси дипломатияи муосир, тавсия дода мешавад, ки ин раванд ба таври муназзам дар шакли курсҳои махсус ба барномаҳои

таҳсилоти олӣ, хусусан дар бахшҳои илмҳои сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ворид гардад. Омӯзиши амиқи принсипҳо ва функсияҳои дипломатияи об дар тарбияи мутахассисони соҳаи сиёсати хориҷӣ, экологӣ ва ҳамкориҳои фаромарзӣ нақши муассир мебозад.

2. Бо назардошти заминаҳои табиӣ ва асосҳои амалии шаклгирии дипломатияи об, хусусан дар шароити тағйирёбии иқлим ва норасоии захираҳои об, пешниҳод мегардад, ки сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои илмӣ якҷо платформаҳои таҳлили сиёсати обро таъсис диҳанд. Ин платформаҳо метавонанд ҳамчун марказҳои арзёбии хатарҳо ва таҳияи стратегияҳои ҳамкорӣ дар масоили марбут ба об хизмат намоянд.

3. Арзёбии ҷанбаҳои геополитикии амнияти обӣ, ки дар диссертатсия бо далелҳои илмӣ асоснок шудааст, бояд ба таври мустақим дар таҳияи сиёсати амнияти миллӣ ва минтақавӣ ба инобат гирифта шавад. Зарур аст, ки мақомоти дахлдор дипломатияи обро ҳамчун унсури стратегии сиёсати хориҷӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба таври возеҳ дар сиёсати давлатӣ инъикос намуда, барои татбиқи он заминаҳои махсуси институтсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқиро таъсис ва такмил диҳанд.

4. Бо назардошти аҳаммияти калидии дипломатияи об дар таъмини амнияти обӣ, зарур аст, ки ин шакли ҳамкории байнидавлатӣ бар асоси принсипҳои пешгирӣ ва ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофоти эҳтимолӣ, инчунин таҳкими ҳамкориҳои созанда татбиқ гардад. Бо ин мақсад, таҳия ва амалисозии созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи минтақавӣ бо иштироки фаъол ва омодагии тарафайн ҷиҳати мубодилаи шаффофи иттилоот, муайян намудани меъёрҳои одилона ва қобили қабул барои истифодаи захираҳои об, инчунин роҳандозии механизмҳои муассири идоракунии муштараки онҳо тавсия дода мешавад.

5. Таҷрибаи пешбурди дипломатияи об аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳ ва консепсияи мукаммали таҳмини ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар соҳаи об буда, ба

рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар ҳамаи минтақаҳои дорои захираҳои оби муштарак мусоидати фаъол менамояд. Бо фаъолияти дипломатӣ дар соҳаи об Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нахустин шуда василаҳои муассир ва фароҷаҳонии ҳалли мушкилоти вобаста ба обро дар арсаи байналмилалӣ пешниҳод намуданд ва обро ба абзори таъмини сулҳ, амнияти башарӣ, рушди устувор ва ҳамзистии осоишта табдил доданд

6. Бо мақсади таҳкими имиҷи сиёсӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи таҳқиқот баррасӣ гардидааст, идомаи мунтазам ва пайгиронаи ташаббусҳои кишвар дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳамзамон бояд механизмҳои ҳамоҳангсозии дохилиидоравӣ таҳким ёбанд, то имкониятҳои сиёсӣ ва дипломатии кишвар дар ин самт пурра истифода шаванд.

7. Дар робита ба ҷанбаҳои сиёсӣ ва геостратегии идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ тавсия мегардад, ки бо ташаббуси кишварҳои минтақа, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, платформаҳои ҳамкории доимӣ таъсис дода шаванд. Ин платформаҳо бояд ҳам мушкилоти мубрами дастрасӣ ва идоракунии захираҳои об ва ҳам баҳсҳои сиёсиро дар сатҳи муколамаи боварнок ҳаллу фасл намоянд. Бо дарназардошти воқеиятҳои муосири геополитикӣ, зарур аст, ки дипломатияи об ба сифати воситаи нарми таъмини амният ва суботи минтақавӣ дар меҳвари сиёсати хориҷии давлатҳо қарор гирад.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Суханронҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

[1]. Эмомалӣ Раҳмон. Баромад дар Саммити дуюми оби Осиё ва Уқёнуси Ором [Захираи электронӣ]. –URL: http://www.cawater-info.net/int_org/apwf/2nd-apwf.htm (санаи воридшавӣ: 22.12.2021).

[2]. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми шодбошӣ ба муносибати қабул гардидани қатъномаи Маҷмаи умумии СММ [Захираи электронӣ]. –URL: https://khovar.tj/2022/12/payomi-shodboshii-peshvoi-millat-emomal-ra-mon-ba-munosibati-abul-gardidani-atnomai-ma-mai-umumii-smm/ (санаи воридшавӣ: 24.12.2022).

[3]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар вохӯрӣ бо намояндагону фаъолони ҷомеаи кишвар, ш.Душанбе, 12.05.2018 [Захираи электронӣ]. –URL: http://www.prezident.tj (санаи воридшавӣ: 20.05.2019)

[4]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Конференсияи байналмилалӣ оид ба коҳиш додани хавфи офатҳои табии марбут ба об, ш.Душанбе, 27-29.06.2008 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 12.04.2021).

[5]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд доир ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт”, 2005-2015, ш.Душанбе, 09-11.06.2015 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 20.04.2021).

[6]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Шарҳи миёнамӯҳлати ҳамаҷонибаи татбиқи фаъолиятҳо дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои

ҳаёт”, 2005-2015, ш.Душанбе, 8-10.06.2010 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 15.04.2021).

[7]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об, ш.Душанбе, 20-21.08.2013 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 18.04.2025).

[8]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор”, 2018-2028, ш.Душанбе, 20-21.06.2018 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ: 27.04.2021).

[9]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Конфронси байналмилалии бахшида ба татбиқи амалии 10-солаи “Амалиёти об барои ҳаёт”, ш.Душанбе, 08.06.2010 [Захираи электронӣ]. –URL: www.president.tj (санаи воридшавӣ: 20.05.2021).

[10]. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд доир ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти “Об барои ҳаёт”, солҳои 2005-2015, ш.Душанбе, 09.06.2015 [Захираи электронӣ]. –URL: http://president.tj/ (санаи воридшавӣ 15.02.2020)

